ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД: 343.3/7 (575.3)

ТКБ: 67.408 (2Т)

И-85

ИСМАТЗОДА РУСТАМ АБДУСАЛОМ

ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300 – фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ)

РОҲБАРИ ИЛМӢ:

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,

РАҲМОНЗОДА М.Ҷ.

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ.....3
МУҚАДДИМА.....4-22
БОБИ I. ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ-ИҶТИМОИИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА).....23-56
1.1. Таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....23-38
1.2. Заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)...38-56
БОБИ II. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ ОБЪЕКТИВИИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА).....57-97
2.1. Объект ва предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....57-77
2.2. Тарафи объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....77-97
БОБИ III. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВӢ ВА АЛОМАТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА) АЗ ТАРКИБИ ҶИНОЯТҲОИ БА ОН МОНАНД.....98-148
3.1. Тарафи субъективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....98-113
3.2. Субъекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта).....113-139
3.3. Аломатҳои фарқкунандаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд.....139-148
ХУЛОСА.....149-156
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.....156-158
НОМГӮИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО).....159-174
ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.....175-177
ЗАМИМА.....178

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИҶШС – Иттифоқи Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

КҶ – Кодекси ҷиноятӣ

ФР – Федератсияи Россия

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

б. – банд

ғ. – ғайра

с. – саҳифа

С. – саҳифа

қ. – қисм

м. – модда

м.м. – моддаҳо

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва дигаргунсозии механизмҳои бозорӣ зарурати навсозии заминаи меъёрию ҳуқуқиро, ки барои таъмини ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат пешбинӣ шудааст, ба эътибор мегирад. Дар ин ҳолат, тақвияти танзими ҳуқуқии сегментҳои гардиши пулию қарзӣ муҳим аст: ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири инфрасохтори бозор, онҳо ба устувории соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла бахши кишоварзӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар ин шароит, таъмини ҳимояи боэътимод аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, рушди ҳамаҷонибаи ҳам фишангҳои мавҷуда ва ҳам нави ҳуқуқии ҷиноятиро талаб мекунад.

Вобаста ба ин, дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз доштанд: «Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зарурӣ дар самти таъмин намудани рушди босуботи мамлакат ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои даромад сол ба сол афзоиш ёфта, дар соли 2025 ба 50 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 65 фоиз ё 20 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Бо вуҷуди ин, вазъи мураккабу пешгӯйинашавандаи сиёсиву иқтисодии ҷаҳони имрӯза моро водор месозад, ки низоми молиявии кишварро ба меъёрҳои муосир мутобиқ намуда, самаранокии идоракунии молияи давлатиро боз ҳам баланд бардорем. Махсус таъкид менамоям, ки самаранокии хароҷоти давлатӣ бояд ба натиҷаҳои аз ҳар вақти дигар бештар нигаронида шавад. Вазорати молия бояд якҷо бо вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин ҷода тадбирҳои иловагӣ андешад. Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдор вазифадоранд, ки барои тавсеаи бозори қоғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративӣ чораҳои заруриро амалӣ

намоянд. Хотирнишон менамоям, ки ба муомилот баровардани қоғазҳои қиматноки «сабз» ва ташкили бозори такрории фаъолу шаффофи онҳо яке аз вазифаҳои муҳим дар ин самт мебошад. Ҳамзамон бо ин, бояд Стратегияи рушди бозори сармоя таҳия ва қабул карда шавад. Дар даҳ соли охир ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 143 миллиард сомониро ташкил додааст. Вале ҳамагӣ 38 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ин ҳанӯз кофӣ нест. Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва боз ҳам зиёд намудани пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд» [17].

Дар байни воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳифзи муомилоти пулию кредитӣ меъёри м. 281 КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» [1] пешбинӣ намудааст, ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Аҳаммияти он ба зарурати ҳифзи устувории низоми молиявӣ ва таъмини эътимод ба воситаҳои пардохт вобаста аст. Дар шароитҳои кунунии иҷтимоию иқтисодӣ, ин кирдор хусусияти ба ҷамъият хавфнкиро ҳамчун падидаи бузурге, ки аз марзҳои миллӣ берун баромадааст, ба вуҷуд овардааст.

Амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи зикршуда барои манфиатҳои давлатӣ ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ хатари ҷиддӣ доранд. Онҳо ҳуқуқҳои бо қонун кафолатдодашудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки ба фаъолияти хоҷагидорӣ ҷалб шудаанд, поймол мекунанд, фаъолияти низоми пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ноором месозанд ва як қатор тартиботи гузаронидани амалиётҳои байналмилалии асъорро вайрон мекунанд.

Нишондиҳандаҳои омор ва натиҷаҳои фаъолияти илмию таҳқиқотӣ аз рушд кардани соҳаи тақаллуби пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ шаҳодат медиҳанд, ки ин раванд ба бахши иҷтимоию иқтисодии кишвар таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад. Аз рӯйи маълумоти Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии

Тоҷикистон вобаста ба ҷинояти «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025 198 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст [138]. Қайд намудан бамаврид аст, ки ин кирдорҳо бо дараҷаи баланди латентӣ доштанашон, тавсиф мегарданд. Ин дар муқоиса бо маълумоти расман бақайдгирифташуда аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, байни ҳолати воқеии ин ҷиноятҳо ва тағйирёбии рушди онҳо фарқияти назаррасро ба вуҷуд меорад.

Нигаронии махсус аз бартарияти шаклҳои муташаккили фаъолияти ҷиноятӣ, аз ҷумла миқёси фаромиллӣ дар соҳаи сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ мебошад. Чунин иттиҳодияҳои ҷиноятӣ пайваста нақшаҳои ғайриқонуниро, ки ба ноором кардани фишанги асъорӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вайрон кардани устувории ҷараёни байналмилалии асъор нигаронида шудаанд, навсозӣ мекунанд. Динамикаи афзояндаи ҷиноятҳои марбут ба сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ муқаррароти стратегии сохторҳои ҷиноятии фаромиллиро инъикос мекунад. Мақсадҳои онҳо аз чорчӯбаи ба даст овардани фоида тавассути амалиёти молиявии пинҳонӣ берун мебароянд, яъне бо вайрон кардани механизмҳои гардиши пулии нақдӣ ва ғайринақдӣ, онҳо асосҳои низоми молиявиро мақсаднок суст мекунанд. Чунин амалҳо ба амнияти иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунанд, ва онҳоро ҳадафмандона ноором мекунанд.

«Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ҳамчун падидаи зиддиҷамъиятӣ таърихи тулонӣ дорад. Он бо равандҳои объективии рушди иқтисодии давлатҳо алоқаманд аст ва аз ин рӯ, бунёди пардаи боэътимод, ки ба таъсири манфии он ба ҳаёти иқтисодӣ монеъ мешавад, ҳанӯз дар ибтидои асри XX ҳамчун мушкилоти байналмилалӣ эътироф карда шуда буд. Марҳилаи калидӣ дар ҳалли ин масъала ба имзо расидани Конвенсияи байналмилалӣ оид ба мубориза бо ин ҷиноят буд, ки 20 апрели соли 1929 дар Женева ба вуқуъ пайваста буд, ба ҳисоб мерафт, ва он имкон дод, ки

амалҳои як қатор давлатҳо дар муқовимат ба ин намуди фаъолияти ғайриқонунӣ ҳамоҳанг карда шаванд.

Дар Тоҷикистони муосир дар ҷараёни гузариш аз низоми маъмурию фармондеҳии идоракунии хоҷагии халқ ба муносибатҳои бозаргонӣ мушкилоти мубориза бо ҷиноятҳкории иқтисодӣ ва аз ҷумла «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», шадидияти хосса пайдо кардаанд. Сатҳи баланди хавфҳои иқтисодӣ ва сиёсии хоси иқтисоди ватанӣ дар муҳити номусоиди макроиқтисодӣ ва сармоягузории дар давлат ташаккулёфта зоҳир мешавад. Ин вазъ дар якҷоягӣ бо воридоти беназорати техникаи бисерфункционалии полиграфӣ ва нусхабардорӣ барои васеъ кардани миқёси пулҳои қалбакӣ, инчунин барои тағйир додани ҳолатҳои миқдорӣ ва сифатии он, аз ҷумла дар қисми мураккабии иҷрои қалбакии он, заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Дар ин ҳолат қафомонии муайяни заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва фишангҳои татбиқи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ба қайд гирифта мешавад. Инро, аз ҷумла, сатҳи нисбатан пасти ошкоршавии ҷиноятҳои дахлдор нишон медиҳанд, ки камбудиҳои мавҷударо дар низоми ошкор ва пешгирии чунин кирдорҳо инъикос мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали таъин шудан ба мақоми роҳбарии кишвар нисбат ба батанзимдарории муносибатҳои пуливу қарзӣ ва инчунин таъсиси низоми миллии бонкии кишвар, шурӯъ намуда буданд. Талошҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат боиси он гардид, ки соли 1995 дар ҷумҳурӣ «рубли тоҷикӣ» ҳамчун пули миллӣ ба муомилот бароварда шуд ва сипас соли 2000-ум пули миллии «сомонӣ», ки то ҳол дар муомилот ҳаст, ҷорӣ гардид. Вобаста ба ин, боиси тазаккур аст, ки «Пешвои миллат ва Сарвари давлати тоҷикон дар бунёди сиёсати мустақили пуливу қарзӣ ва таҳкими низоми бонкдории миллӣ нақши

мондагор дорад ва пули миллии сомонӣ, ки бо ибтикори бевоситаи ӯ дар муомилот ҷорӣ гардид, имрӯз на танҳо воситаи муомилот, балки рукни муҳимми давлатдории миллӣ ва мояи эҳтирому ифтихор мебошад. Нидои худи Пешвои миллат, ки «Эҳтироми пули миллӣ, эҳтироми миллат аст!», бозгӯйи ин ҳақиқат мебошад» [133].

Азбаски муқовимат ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, коркарди низомноки ҳам заминаи меъёрӣ ва ҳам воситаҳои амалии мубориза бо сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ муҳим мегардад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, зарурати гузаронидани таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба масъалаҳое, ки то ҳол дар корҳои илмӣ таҳлил нашудаанд, ба миён меояд. Коркардҳои илмии мавҷуда як қатор мушкилоти баҳсноки ин соҳаро пурра ошкор намекунанд, бинобар ин талабот ба таҳқиқоти бунёдӣ ба миён омадааст, ки имкон медиҳад танзими ҳуқуқӣ ва амалияи истифодаи меъёрҳои дахлдор ба таври муназзам дарк карда шаванд. Аз ҷумла, омӯзиши монографии масъалаҳои ҷавобгарӣ барои қалбакӣ сохтани пул метавонад камбудиҳои мавҷударо дар таълимоти ҳуқуқии ҷиноятӣ пурра кунад.

Аҳаммияти омӯзиши таркиби ҷиноятe, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бо хусусияти баҳсбарангези масъалаҳо оид ба моҳияти ҳуқуқӣ ва бандубасти ин кирдор, муайян карда мешавад. Мушкилоти мавҷуда фаъолияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҳангоми дар амал татбиқ намудани меъёри мазкур хеле мушкил мекунад [58, с. 222; 121, с. 4-5]. Ин мушкилот на танҳо бо мураккабии маънидодкунии меъёр дар заминаи тағйирёбии он дар муқоиса бо м. 85 КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961 вобаста аст [15, с. 335], балки инчунин бо мақсаднокии тасҳеҳи минбаъдаи матни м. 281 КҶ ҶТ дар самти васеъ намудани доираи кирдорҳои ба ҷомеа хавфноки дар он пешбинишуда, бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалии мубориза бо «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)»,

алоқаманд аст.

Бо дарназардошти таҳаввули қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла, васеъшавии рӯйхати кирдорҳои хатарноки ҷамъиятӣ дар КҶ ҶТ (21 майи соли 1998 қабул гардида, 1 сентябри ҳамон сол ба қувваи қонунӣ даромадааст), ки ба соҳаи муносибатҳои пулию қарзӣ дахл доранд (дар муқоиса бо КҶ ҶШС Тоҷикистон аз соли 1961), таҳияи таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Яке аз масъалаҳои мубоҳисавӣ, ки то ҳол дар муҳити илмӣ вобаста ба он мавқеи муттаҳидшуда ба вуҷуд наомадааст, бо фарқ кардани таркиби ҷиноят, ки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро аз амалҳои ғайриқонунии ҳамҷавор пешбинӣ мекунад, алоқаманд аст. Мураккабии назариявӣ ва амалии ҳалли ин ва мушкилоти марбута мубрамияти баланди мавзуи интихобшудаи таҳқиқотиро ба вуҷуд меорад.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Масъалаҳои танзими ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таваҷҷуҳи олимонро дар тамоми марҳилаҳои рушди қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ ҷалб кардаанд.

Дар давраи пеш аз инқилоби Октябр (с. 1917) таҳлили табиати ҳуқуқии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), аз ҷониби олимони маъруфи рус С.В. Познишев [55], Н.С. Тагансев [70], И.Я. Фойнитский [82] ва ғайра, амалӣ карда шуд.

Дар мисоли амали қонунгузории ҷиноятии шуравӣ масъалаҳои баҳодиҳии ҳуқуқӣ ва тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар таҳқиқоти илмӣ, корҳои монографӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва мақолаҳои илмии олимони ҳуқуқшинос, ба монанди В.А. Владимиров [29], З.А. Вишинская [31], А. Герсензон [75], С.В. Дяков [34], М.П. Карпушин [91, с. 120-127], Б.М. Леонтев [119], С.И. Никулин [100, с. 12-15], А.А. Пионтковский [53], Н.С. Пономарев [56], В.А. Сергеев [104, с.

21-28], Ю.В. Солопанов [69], А.Н. Тайнин [74] ва дигарон, баррасӣ карда шудаанд.

Дар мавриди қонунгузории ҷиноятии амалкунанда дар сатҳи китобҳои дарсӣ ва тафсирҳои илмӣ-амалӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, ҷанбаҳои алоҳидаи табиати ҳуқуқӣ ва квалификатсияи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз ҷониби олимони рус, ба монанди Д.И. Аминов [20], А.А. Аслаханов [21], Б.В. Волженкин [23], Л.Д. Гаухман [25], А.И. Кучеров [118], В.Д. Ларичев [94], Н.А. Лопашенко [46], И.Е. Максимова [120], А.В. Манко [95], А.В. Наумов [99], Т.В. Пинкевич [54], А.М. Плешаков [101], А.М. Яковлев [110], В.А. Якушин [83], П.С. Яни [111], Б.В. Яселенко [131], инчунин олимони ватанӣ ба монанди В.А. Абдухамитов [18], У.А. Азиззода [112], Н.Б. Азимзода [113], З.Ҳ. Искандаров [36], З.А. Камолов [116], Н.А. Қудратов [117], Ҷ.М. Зоиров [89], И.Т. Маҳмудов [96], Ф.А. Мирзоахмедов [122], Қ.Х. Мирзоев [123], А.Қ. Назаров [98], Э.С. Насриддинзода [124], К.Д. Рачабов [126], Р.Р. Раҳмадҷонзода [103], М.Ҷ. Раҳмонзода [127], Ғ.С. Сатторов [63], А.И. Сафарзода [128], Ҳ.С. Сафарзода [64], Ш.Л. Холиқзода [107], Т.Ш. Шарипов [108], Р.И. Шарипов [129] ва дигарон, баррасӣ гардидаанд.

Асарҳои муаллифони зикршуда ба илми ҳуқуқи ҷиноятӣ саҳми назаррас гузоштанд, аммо бояд қайд кард, ки таҳқиқоти онҳо асосан ба тавсифи ҳуқуқии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар маҷмуъ, нигаронида шуда буд.

Дар ҳамин ҳол, баҳсҳо дар атрофи як қатор масъалаҳои назариявии табиати иҷтимоию ҳуқуқӣ ва квалификатсияи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар таълимоти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ то имрӯз бартараф карда нашудаанд ва илова бар ин, на ҳама ҷанбаҳои масъалаи татбиқи самараноки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бо пуррагӣ таҳия шудаанд, ки ин мақсаднокии таҳлили минбаъдаи илмии онҳоро дар сатҳи таҳқиқоти

монографӣ муайян мекунад.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи лоиҳаҳои илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ки ба мавзуи «Масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (барои солҳои 2021-2026)», «Барномаи давлатии муқовимат ба ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» бахшида шудааст, таҳия гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот ҷанбаҳои умумии таҳқиқотро дар бар гирифта дар он масъалаҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба таври назаррас пешбинӣ карда шудаанд, ки он фарогири робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ ва давлатӣ, консепсияҳо ва стратегияҳо, мақсади таҳқиқот, вазифаҳо, инчунин объект ва мавзуи таҳқиқот мебошанд. Мушаххасгардонии даврaҳои таҳқиқот, таҳлили асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, заминаҳои эмпирикӣ ба сифати омилҳои асосии тавсифи умумии таҳқиқоти мазкур баромад мекунанд. Дар навгонии таҳқиқот ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда натиҷаҳо, хулосаҳои илмӣ, назариявӣ ва методологӣ бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд. Илова бар ин, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии он, мутобиқати рисола ба ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии рисола, интишороти мақолаҳои довталаб ва сохтору ҳаҷми диссертатсия ба сифати унсурҳои асосии тавсифи умумии таҳқиқоти мазкур баромад мекунанд.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот аз таҳлили низомноки ҷанбаҳои мушкилот – ҳам доктриналӣ ва ҳам ҳуқуқтатбиқнамоӣ иборат

аст, ки ҳангоми бандубасти кирдорҳои марбут ба «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», ба вуҷуд меоянд. Дар рафти таҳқиқот на танҳо қайд кардани ихтилофоти мавҷуда ва камбудиҳои меъёрӣ, балки таъсири онҳо ба самаранокии муқовимат ба ин намуди ҷиноятҳо, пайгирӣ карда шудаанд. Натиҷаи ниҳоии таҳқиқот таҳияи пешниҳодҳои асосноккардашудае мебошанд, ки ба такмили танзими ҳуқуқии ҷиноятии ҷавобгарӣ барои сохтакории пулҳои қалбакӣ дар КҶ ҶТ, равона карда шудааст.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои татбиқи мақсадҳои дар рисола гузошташуда як қатор вазифаҳоро ҳал намудан лозим аст, ки дар байни онҳо:

– таҳлили таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)»;

– баррасӣ намудани заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)»;

– пешниҳод кардани тавсифи васеи ҳуқуқии ҷиноятии таркиби ҷиноят тибқи м. 281 КҶ ҶТ, аз ҷумла аниқ намудани мазмуни аломатҳои объективӣ ва субъективӣ, инчунин аломатҳои вазнинкунандаи он;

– мушаххас намудани аломатҳои фарқкунандаи «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд;

– вобаста ба таҳлили камбудиҳо ва зиддиятҳо дар танзими ҳуқуқии амалкунанда пешниҳодҳои илман асоснок ва тавсияҳои амалӣ, ки ба рушди меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», равона шудаанд, таҳия карда мешаванд.

Объекти таҳқиқот. Объекти таҳқиқот қонуниятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди татбиқи меъёре, ки барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё

коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ кардаанд, ташаккул меёбанд.

Мавзуи (предмети) таҳқиқот. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро меъёри қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), амалияи муосири судӣ-тафтишотӣ, маводи эмпирикии ҷамъовардаи муаллиф оид ба парвандаҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таълимоти илмӣ оид ба ин масъала, ташкил медиҳанд.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот). Бо мақсади дар диссертатсия низомнок, пурра ва ҳаматарафа таҳлил намудани масоили ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ин ҷиноят, заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии он шуруъ аз давраи инқилоби Октябр (с. 1917) то соли 2025, зери таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ дарбаргирандаи амалияи судӣ-тафтишотии солҳои 2010 то 11 моҳи соли 2025, мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давраи солҳои 2022-2025 навишта шудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ҳуқуқшинос, инчунин асарҳои муҳаққиқони пешрафта дар соҳаи фалсафа, сотсиология, назарияи умумии ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқ, иқтисод ва дигар илмҳои гуманитарӣ ташкил медиҳанд.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои илмии назарияи маърифат ташкил медиҳанд, ки муносибати умумиилмии диалектикиро ба омӯзиши падидаҳои иҷтимоӣ инъикос мекунанд, аз ҷумла усулҳое, ба монанди: мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатӣ, оморӣ истифода шудаанд.

Ҳангоми пеш бурдани таҳқиқот усулҳои махсуси илмӣ, дар вақти омӯзиши таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта); мантиқӣ, ки дар таҳлили ҷузъии аломатҳои муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ оиди тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), инъикос меёбад; усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми таҳлил намудани қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои хориҷӣ дар масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта); усули ҳуҷҷатӣ, дар вақти омӯхтани парвандаҳои ҷиноятии бо ин ҷиноят алоқамандбуда; усули оморӣ, ки дар ҷамъ овардан ва омӯхтани маълумотҳои оморӣ оид ба сатҳи содиршавии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ифода мегарданд, зери истифода қарор гирифтаанд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот аз таҷрибаи Суди Олии ҶТ; маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъ ва динамикаи ҷиноятқорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025; натиҷаҳои таҳқиқоти мушаххаси сотсиологии муаллифони дигар, иборат мебошанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 98 парвандаи ҷиноятиро дар бораи ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ омӯхтааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Таҳқиқот оиди мавзуи интихобкардашуда дорои навгонии илмӣ мебошад, зеро он аввалин кӯшиши сохтани модели назариявии сохторӣ дар илми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мебошад.

Тибқи натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ, бо назардошти воқеиятҳои мубрами сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, муайян кардани детерминантҳои калидӣ, ки ба самаранокии фишангҳои ҳуқуқии муқовимат ба тайёр кардан ё ба

муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таъсир мерасонанд, муяссар гардид.

Ҳангоми таҳқиқоти ин масъалаҳо пешниҳодҳои илмии асоснок оид ба такмили меъёрҳои дахлдори КҶ ҶТ пешниҳод карда шуданд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Навгонии илмии таҳқиқот инъикоси худро инчунин дар нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ёфтааст:

1. Таҳлили заминаи меъёрӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аз хусусияти махсус доштани ҷиноятҳои вобаста ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар низоми кирдорҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Ба сифати самти афзалиятноки ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки ташкил ва фаъолияти устувори гардиши пулро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд – маҳз ҳамин муносибатҳо ҳамчун объекти бевоситаи таҷовузи ҷиноятӣ эътироф мешаванд. Ҳангоми таъсиррасонӣ ба нишони пулӣ муносибатҳои зикршуда зарар мебинанд, ки дар тағйирёбии нақши иҷтимоӣ ва сифати пул, коҳиш ёфтани даромади миллӣ ва инчунин вайрон шудани робитаҳо дар низоми гардиши байналмилалии асъор ифода меёбад.

2. Барои баҳодиҳии дурусти кирдоре, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд дараҷаи шабеҳияти ҳуҷҷати қалбакӣ бо ҳуҷҷати аслӣ муайян карда шавад. Дар ин ҳолат, асоснок карда шудааст, ки худи тарзи тайёр кардани пулҳои қалбакӣ ё қоғазҳои қиматнок, ба шарте ки сифати тасвир ва мавҷудияти ҳамаи унсурҳои ҳуҷҷат таъмин карда шавад, ба бандубасти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таъсир намерасонад, аммо ҳангоми фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо бояд ба назар гирифта шавад. Дар ҳолатҳои ба таври возеҳ номувофиқатии пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба аслияти онҳо, ҳаракати шахс метавонад тибқи м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда шавад.

3. Пешниҳодҳо оид ба квалификатсия (бандубаст) вобаста ба м. 281 КҶ ҶТ:

А) Дар натиҷаи таҳлили муфассали предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) хулоса бароварда мешавад, ки коғазҳои қиматноки ғайриҳуҷҷатӣ ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад намекунанд. Вобаста ба ин, пешниҳод мегардад, ки қалбакӣ тайёр кардани саҳмияи ғайриҳуҷҷатӣ ҳамчун тайёрӣ ба ҷиноят, ки ҷавобгарӣ барои он дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бандубаст карда шавад.

Б) Бо дарназардошти тавсифи комплексии аломатҳои тарафи объективии ҷинояти таҳлилшаванда, муаллиф чунин мешуморад, ки кирдор тибқи м. 281 КҶ ҶТ дар он ҳолате хотимаёфта эътироф мешавад, агар он бо тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани ҳадди аққал як нусхаи коғази қиматноки қалбакӣ ё нишони пулӣ, бо назардошти аломатҳои объективии муқаррарнамудаи таркиб ва хусусияти бандубастнамоии ҷиноятҳои нотамом, алоқаманд бошад. Дар ин ҳолат, ба итмом нарасидани тайёр кардани воҳидҳои минбаъда ба бандубасти ҷиноят ҳамчун ҷинояти хотимаёфта монеъ шуда наметавонад.

4. Пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии м. 281 КҶ ҶТ:

А) Дар раванди таҳқиқоти гузаронидашуда зарурати фарқ кардани амалҳо аз рӯи хусусияти ба ҷамъият хавфнокашон ошкор гардид. Аз ҷумла, ба муомилот баровардани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок аз ҷониби шахсе, ки хусусияти қалбакии онҳоро дарк накарда бошад, дар муқоиса бо таркиби асосии ҷиноят (қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ), бо дараҷаи пастарини ба ҷамъият хавфнокӣ тавсиф мегардад. Дар ин асос пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 281 КҶ ҶТ қисми иловагӣ (чорум) ворид карда шавад, ки ҳолатҳои сабуккунандаи кирдори баррасишавандаро муқаррар мекунад. Ҳамчун варианти таҳрири нави меъёри пешниҳодшуда чунин ҷумлабандӣ пешниҳод карда мешавад: «Ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон,

танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби шахсе содир шудааст, ки хусусияти қалбакии онҳоро дарк накарда бошад» ва дар санксияи он чунин ҷазое пешбинӣ гардад, ки нисбат ба ҷазое, ки дар қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, сабуктар бошад.

Б) То ҳол, диспозисияи м. 281 КҶ ҶТ як қатор ҳаракатҳои муҳимро, ки тарафи объективии ҷинояти мазкурро ташкил медиҳанд, дар бар намегирад, – сухан дар бораи соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ва фиристодани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок меравад. Барои бартараф кардани ин камбудии қонунгузорӣ, илова кардани меъёри мазкур бо ҳаракатҳои зикршуда асоснок ба назар мерасад ва онро дар таҳрири зерин овардан зарур аст: «Тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол, фиристодан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ».

В) Ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи тарафи объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аниқ гардид, ки муайян кардани арзиши предмет барои аломати «миқдори калон», ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва муайян кардани он дар эзоҳ ба м. 283 КҶ ҶТ оварда шудааст, дар айни замон тавассути истифодаи усули маънидодкунии силсилавӣ, ки асосан ба мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум аст, амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, барои самараноктар истифода бурдани аломати вазнинкунандаи «миқдори калон» муайян кардани мафҳуми он нисбат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) на дар эзоҳи м. 283 КҶ ҶТ, балки бо роҳи дохил кардани эзоҳи алоҳида ба м. 281 КҶ ҶТ бо мазмуни зерин мақсаднок аст: «Таҳти мафҳуми миқдори калон дар моддаи мазкури ҳамин Кодекс чунин

миқдоре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад».

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он ифода мегардад, ки дар он дар сатҳи монографӣ масъалаҳои муҳимтарини ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) тибқи қонунгузории ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (КҶ ҶТ аз соли 1998) омӯхта шудааст. Дар диссертатсия таҷрибаи ҳуқуқии байналмилалӣ ва хориҷии муқовимат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), истифода шудааст. Инчунин дар рисолаи илмӣ маводи таърихӣ оиди ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлил гардидааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бо он ифода мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мавҷудбуда метавонанд дар самтҳои зерин истифода гарданд:

– дар раванди қонунгузорӣ ҳангоми такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии ҳифзи муносибатҳои пулию қарзӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ;

– дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан мақомоти тафтишотӣ ва судӣ бо мақсади ҳалли дурусти масоил оид ба татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо нисбати ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта);

– дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба ҳалли минбаъдаи масоили ҳуқуқӣ-ҷиноятии мубориза бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта);

– дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ва «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ».

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дараҷаи

эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи методологияи илмӣ ва методикаи таҳқиқот, муносибати комплексӣ ба раванди ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи эмпирикӣ таъмин карда шудааст. Хулосаҳои муаллиф ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленумҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои омӯзиши 98 парвандаи ҷиноятӣ, ки аз руи далелҳои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) оғоз шудаанд, маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъ ва динамикаи ҷиноятҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025, бо таҳлили адабиёти махсуси илмӣ, диссертатсияҳо, мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи омӯхташуда, асос ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300 – фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ), ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз навгониҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, инчунин нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, ки дар шакли мақолаҳо ва маърузаҳо дар маводҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд, муайян карда мешавад. Саҳми шахсии муаллиф дар услуби баён, тарзи навиштан ва муносибати таҳлилии мушкилоти гузошташуда зоҳир мешавад. Дар рафти таҳқиқот муаллиф санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дахл доранд, муфассал таҳлил

намудааст. Муаллиф инчунин хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ин ҷиноятро дар заминаи рушди муосири ҷомеа тавсиф карда, таркиби ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро муфассал таҳлил кардааст. Дар диссертатсия инчунин тавсияҳои амалӣ ва назариявӣ оид ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ба ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бахшида шудаанд, пешниҳод карда мешаванд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра муҳокима шудааст ва барои ҳимоя намудан тавсия дода шудааст. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар мақолаҳои муаллиф, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷаллаву маҷмуаҳо ба табъ расидаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар гузоришҳо пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла:

а) байналмилалӣ:

– Конференсияи байналмиллалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули қатъномаи маҷмааи умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони соли 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» – маъруза дар мавзуи «Аломатҳои фарқкунандаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ (сохта) аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд» (Душанбе, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, 24 октябри соли 2025).

б) ҷумҳуриявӣ:

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумуриявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва нақши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Муллоев М.М. дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, маъруза дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» (Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 22 июни соли 2024);

– Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)», «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ» ва «115-солагии Шоири халқии Тоҷикистон Боқӣ Раҳимзода», маъруза дар мавзуи: «Такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» (Душанбе, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 16 апрели соли 2025);

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи: «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих, муосир ва рушд» бахшида ба 27-умин солгарди қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маъруза дар мавзуи: «Баъзе масоили ҳуқуқӣ-ҷиноятии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қимматноки қалбакӣ» (Душанбе, Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Вобаста ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шудааст, ки аз онҳо 4-тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5-тои он дар нашрияҳои дигар.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб,

хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Диссертатсия аз 178 саҳифа иборат аст.

БОБИ I. ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ-ИҶТИМОИИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА)

1.1. Таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)

Яке аз ҷиноятҳои вазнин ин тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мебошад, ки решаҳои чуқури таърихӣ дорад. Таҳлили таърих боварибахш нишон медиҳад, ки сарфи назар аз гуногунии шароити мушаххаси иҷтимоию иқтисодии пайдоиш ва мавҷудияти сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок ҳамчун падидаи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар форматсияҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва давлатҳо, ба он қонуниятҳои бетағйир хос мебошад.

Мавриди зикр аст, ки «Истилоҳи «сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок» (дар забони русӣ – «фалшивомонетничество») аз калимаи лотинии «falsus» гирифташуда маънои «дурӯғ, ғайривоқеӣ, қалбакӣ»-ро дорад. Ҳамин тариқ, «сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок» (дар забони русӣ – «фалшивомонетничество») маънои тайёр кардани пулҳои қалбакиро дорад» [32, с. 531].

Бояд гуфт, ки «паҳншавии пулҳои коғазӣ дар баробари пулҳои металлӣ ба васеъшавии мафҳуми «сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок» оварда расонд. Ҳоло он на танҳо қалбакӣ кардани тангаҳои металлӣ, балки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани ҳама гуна пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро дар назар дорад. Бешубҳа, чунин таҳаввулоти табиати ҳуқуқии сохтакории пул ё коғазҳои қиматнок бо рушди низоми пулӣ ва фаъолияти он дар иқтисодиёт зич алоқаманд аст» [72, с. 51].

Ҳамин тавр, «бо вуҷуди мураккабии масъалаи пайдарҳамии пайдоиши аввалин тангаҳои қалбакӣ, олимон аввалин зикри мафҳуми «сохтакории пул»-ро бо санади қонунгузории подшоҳи Бобулистон

Хаммурапи, ки дар солҳои 1729-1750 то милод ҳукмронӣ мекард, алоқаманд мекунанд, ки дар ин қонун барои сохтакории пул ҳукми қатл пешбинӣ шуда буд» [72, с. 52].

Чи тавре қайд мегардад «пайдоиши аввалин ҳолатҳои маъмули сохтакории нишонаҳои пулии қалбакӣ (сохта) ба асри II то милод рост меояд» [72, с. 53]. Инчунин, «тангаҳое, ки дар замони ҳукмронии шоҳи Парфия Митридат I (тақрибан 123-87 сол пеш аз милод) дар Парфияи Қадим чоп карда мешуданд, предмети сохтакорӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҳамин давра усул ва роҳҳои махсуси санҷиши аслӣ будани тангаҳои нуқра, ки дар муомилот буданд, пайдо шуданд. Барои ин корд истифода бурда, аз танга як пораи хурдро меканданд. Аз ҷои буриш муайян кардан мумкин буд, ки танга аслӣ аст ё «қалбакӣ»» [72, с. 53].

Қайд мегардад, ки «аввалин тангаҳои қалбакӣ дар Аврупо дар ҳудуди Англия пайдо карда шудаанд. Таҳлили рентгенӣ имкон дод, ки муайян карда шавад, ки танга аз мис сохта шуда, бо қабати тунуки нуқра пӯшонида шудааст» [72, с. 53].

Санҷиши аслӣ будани тангаҳо амалест, ки решааш ба Руми Қадим меравад. Мутахассисони ин кор усулҳои одӣ, вале самаранокро истифода мебурданд. Бо ёрии корд ё газидани танга таркиби онро муайян мекарданд. Онҳо тангаро ба санг партофта, садоро баҳо медоданд: садои баланд ва тоза аз аслӣ будани танга шаҳодат медод, дар ҳоле ки садои паст ба қалбакӣ (сохта) будани он ишора мекард.

Яке аз қонунҳои қадимтарин, ки ба тақаллуби тангаҳо равона шудааст, «қонуни румии асри IV то милод мебошад, ки онро «lex Cornelia testamentaria nummaria de falsus» (қонуни Корнелий дар бораи сохтакории васиятҳо ва тангаҳо) меномиданд, ки ин қонун ҷазоро дар шакли пеш намудан аз Рим барои омехта кардани металлҳои бегонаи арзиши камдошта бо тилло, инчунин барои тақаллуби тангаи нуқра, пешбинӣ мекард» [130, с. 17]. «Ин ба он вобаста буд, ки дар Руми Қадим дар он давра тангаи нуқра аллакай дар муомилот васеъ паҳн шуда буд, дар ҳоле ки тилло ҳамчун пул асосан дар шакли сабика истифода мешуд»

[68, с. 131].

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон ба хулоса омад, ки «тақаллуби нишонаҳои пулӣ, ки кирдори ҷиноятӣ аст, қариб ҳамзамон бо пайдоиши пул ҳамчун муодили умумӣ ҳангоми мубодилаи молҳо ба вуҷуд меояд. Дар қисмати таърихии мавриди назар, арзиши номиналии воҳидҳои пулӣ баъдтар тангаҳо бо арзиши воқеии онҳо комилан мувофиқат мекард. К. Маркс, дар ин марид, чунин менависад: «ҳар гуна таҳрифи шакл ё маводи воҳиди пулӣ, ки ба паст шудани арзиши он оварда мерасонад, ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият, масалан, дуздии одӣ, дуздӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда, қаллобӣ бо мақсади соҳиб шудан ба молу мулк, муайян карда мешавад»» [50, с. 131].

Чӣ тавре Ясинов О.Ю. қайд мекунад: «марҳилаи бавуҷудомада дар таҳаввули муайян кардани сохтакории пул ва бандубасти он бо қонунгузории ҷиноятӣ бо тасдиқи монополияи давлатӣ дар бароришти тангаҳо алоқаманд аст, ки ин раванд на он қадар бо омилҳои сиёсӣ, яъне тақвияти ҳокимияти марказии давлатӣ, балки бо манфиатҳои иқтисодии хазинаи давлатӣ вобаста буд» [130, с. 18].

Тавре К. Маркс қайд карда буд, «гардиши тангаҳои тиллоӣ ногузир ба фарсудашавии онҳо оварда мерасонад. Оҳиста-оҳиста арзиши номиналии танга аз миқдори воқеии металлҳои қиматбаҳо фарқ мекунад. Ин падида боиси он мегардад, ки тилло ҳамчун воситаи муомилот арзиши молро ба таври кофӣ инъикос намекунад ва ҳамчун эквиваленти боэътимод хизмат намекунад. Мушкилоти номувофиқии байни арзиши номиналӣ ва воқеии тангаи тиллоӣ дар асрҳои миёна ва замони нав то асри XVIII манбаи асосии низоъҳо дар робита бо бароришти танга буд» [50, с. 132].

Бояд қайд намуд, ки «дар замони ҳукмронии император Клавдий (солҳои 41-54 милодӣ) сохтакории нишонаҳои пулӣ расман қонунӣ карда шуд, ки корхонаҳои давлатӣ барои тайёр кардани тангаҳои румӣ бо илова кардани металлҳои дигар ба нуқра иҷозат гирифтанд, император бошад, ин қарорро бо манфиатҳои давлатӣ асоснок мекард, аз ин рӯ

тангаҳои аз чунин хӯла сохташуда нисбат ба тангаҳои нуқрагӣ муҳлати дарозтари муомилот доштанд» [37, с. 233].

Таҳлили далелҳои пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки «ҷудо кардани арзиши номиналии воҳидҳои пулӣ аз арзиши воқеии онҳо қисми ҷудонашавандаи таҳаввулоти табиии гардиши пул мебошад. Ин раванд, ки ошкор карда шуд, қасдан аз ҷониби давлат бо мақсади афзоиши даромади давлатӣ истифода шудааст» [37, с. 234].

Ҳамин тариқ, «дар тули таърих, аз давраи империяи Рим то пайдоиши пулҳои коғазӣ дар охири асри XVIII, қонунгузорӣ оиди тайёр кардани танга дар давлатҳои аврупоӣ тамоюли доимии ҳокимияти давлатиро барои истифодаи барориши воҳидҳои пулии торафт бекурбшуда ҳамчун яке аз усулҳои асосии пур кардани захираҳои молиявии худ, нишон медиҳад» [28, с. 300].

С.Н. Головко қайд мекунад, ки «шаклҳои танзими ҳуқуқии муомилоти пулӣ метавонанд масоил дар бораи қобили қабул будани амалҳои давлатро ба вуҷуд оранд, ки ба кам кардани арзиши воқеии тангаҳо бо нигоҳ доштани арзиши номиналии онҳо равона карда шудаанд ва чунин амалҳо расман ба қонунгузорӣ мухолифат намекунанд, зеро онҳо ба иродаи давлатӣ мувофиқат мекунанд ва дар доираи давлати мазкур эътибор доранд» [115, с. 27].

Мо чунин мешуморем, ки ин масъала набояд танҳо ҳамчун зуҳуроти иродаи давлатӣ маънидод карда шавад, зеро иродаи давлатӣ ҳамеша метавонад бо тартиби қонунгузорӣ баён карда шавад. Дар сурати зарурати кам кардани вазни воқеии тангаҳо ё таркиби металлҳои қиматбаҳо дар онҳо, чунин қарор бояд дар санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ муқаррар карда шавад. Сатҳи тангакунонии кишвар дар сатҳи давлатӣ муайян карда мешавад ва иттилооти дастраси умум мебошад.

Агар давлат дар бораи пинҳон кардани миқдори воқеии металлҳои қиматбаҳо дар тангаҳо қарор қабул кунад, ин ба на камтар аз се оқибати манфӣ оварда мерасонад. Аввалан, чунин амал намунаи хатарноки вайрон кардани қонунгузории амалкунандаро дар сатҳи олӣ ба вуҷуд

меорад. Дуюм, он роҳро барои тақаллуби пулҳо аз ҷониби шахсони воқеӣ мекушояд. Сеюм, чунин қарор метавонад барои асоснок кардани амалҳои шахсони ба тайёр кардани пулҳои қалбакӣ машғулбуда, баҳона гардад.

Бояд қайд кард, ки «сохтакории пул дар қонунгузорӣ ҳамчун ҷиноят ба муқобили молу мулк, яъне қаллобӣ, ки ба фиреб додани шахси муайян равона шудааст, баррасӣ карда мешуд. Бо сабаби он ки сохтакории нишонаҳои пулӣ хусусияти оммавӣ пайдо кард ва ба манфиатҳои давлатӣ зарари ҷиддӣ расонид, бо мурури замон муносибати қонунгузорӣ ба арзёбии ин ҷиноят тағйир ёфт. Сохтакории пул ҳамчун ҷиноят ба муқобили давлат ҳисобида мешуд ва ҷазо барои он сахттар шуд. Ҳамин тавр, ҳанӯз дар асри VI пеш аз милод қонунҳои Солон ҳукми қатлро барои сохтакории тангаҳо пешбинӣ мекарданд. Барои осон кардани ошкор намудани сохтакории пулҳо қонунгузорӣ ҳавасмандкунии шахсонеро пешбинӣ мекард, ки ба ошкор кардани чунин ҷиноятҳо мусоидат мекарданд» [27, с. 48].

Ба унвони мисол «Руми Қадимро овардан мумкин аст, ки дар он мавқеи имтиёзноки шаҳрванд озодкунии абадиро аз андозҳо ва қарзҳо пешбинӣ мекард. Дар айни замон, ғулом метавонад дар ивази хабар додан дар бораи сохтакории пулҳо, озодиро ба даст орад» [27, с. 49].

Таҳаввули фаҳмиши табиати ҳуқуқии сохтакории пулҳо аз раванде ба вуҷуд омадааст, ки «дар Руми Қадим оғоз ёфта, то асрҳои миёна идома ёфт, ки дар он тайёр намудани танга тадриҷан таҳти назорати ҳокимияти давлатӣ қарор гирифт ва ба монополияи давлатӣ табдил ёфта, қисми ҷудонопазири соҳибихтиёрии давлат гардид. Мувофиқи ин, мавқеи қонунгузорон дар бораи қаллобии пулӣ низ тағйир меёбад. Ба ҳамаи ихтилофоти мавҷуда нигоҳ накарда, дар равишҳои ҳуқуқӣ, қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аврупоӣ дар ин давра сохтакории пулро ҳамчун таҷовуз ба манфиатҳои хазинаи давлатӣ муайян кард. Дар даврони империяи Рим, бо нашри қонунҳои императорҳо Констансий, Юлиан, Валентин, Феодосий ва Аркадий дар асри IV, сохтакории пулҳо

ҳамчун ҷиноят ба муқобили давлат, яъне таҳқири бузургии императорӣ муайян карда шуданд. Ин ҷиноят бо ҷазои баландтарин – сӯзондан, яъне ҳукми қатл ҷазо дода мешуд. Доктринаи ҳуқуқии он замон чунин ҷазоро бо он асоснок мекард, ки қалбакӣ кардани тангаи давлатӣ ҳамчун суиқасд ба «симои муқаддаси» император, ки дар он тасвир шудааст, баррасӣ карда мешуд» [27, с. 50].

Бояд қайд намуд, ки «дар асрҳои XIV-XVII қонунгузории Фаронса ва Олмон, аз рӯйи намунаи қаблан гузошташуда, пулҳои қалбакиро ҳамчун ҷинояти вазнин, ки монархро таҳқир мекунад, меҳисобиданд, хусусан дар ин давра қонунгузорон сохтакории тангаро амали паст задани шаъну шарафи шоҳ мешумориданд, зеро он бо сохтакории тасвири император ва рамзҳои давлатӣ алоқаманд буд» [28, с. 234]. «Ҷазо барои чунин ҷиноят шадид буд ва шиканҷаи шадид ва ҷазои қатлро дар бар мегирифт» [55, с. 496].

Дар даврони феодализм гардиши байнидавлатии воҳидҳои пулӣ хусусияти маҳдуд дошт. Рушди капитализм, ки бо инқилоби саноатӣ, васеъшавии тиҷорати байналмилалӣ ва ҳаракати босуръати фаромарзии ҷараёни калони молиявӣ ҳамроҳ буд, боиси афзоиши беназири истеҳсоли пули қалбакӣ гардид.

Ҷудошавии арзиши номиналии нишонаҳои пулӣ аз мундариҷаи воқеии онҳо амалияе, ки ба хазинаи давлатӣ имкон медод, ки даромад ба даст орад, наметавонад беохир нигоҳ дошта шавад. Дар ниҳоят, гузариш аз металлҳои қиматбаҳо ҳамчун асоси гардиши пулӣ ба шаклҳои дигари воситаҳои пардохт пайдоиши пулҳои коғазии давлатиро ба вуҷуд овард.

Тавре К. Маркс қайд карда буд, «дар шароити рушди муомилоти пулӣ шакли тангаи тилло аз арзиши воқеии он ҷудо шуд. Ин ба ашёе, ки арзиши модарзодӣ надоранд, ба монанди аломатҳои коғазӣ, имкон дод, ки вазифаи пулро иҷро кунанд. Дар тангаҳои металлӣ хусусияти рамзӣ ҳанӯз қисман ниқобпӯш аст, дар ҳоле ки дар пулҳои коғазӣ он пурра ва аён аст» [50, с. 850].

тавре ки И.Е. Максимова дуруст қайд мекунад, тарзи содир кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бояд ҳангоми муайян кардани намуд ва андозаи ҷазо барои ин ҷиноят ба назар гирифта шавад [121, с. 19]. Азбаски дараҷаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматнок аз сифати тасвирии онҳо вобаста аст, ба мақсад мувофиқ аст, ки усулҳои мавҷудаи сохтакории онҳо баррасӣ карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ метавонад дар ду шакл амалӣ карда шавад:

а) сохтакории пурра, яъне пурра тайёр кардани ҳуҷҷатҳои қалбакии номбаршуда;

б) сохтакории қисмӣ, яъне ворид кардани тағйирот ба ҳуҷҷатҳои аслӣ, бо мақсади ба онҳо хусусияти бардурӯғ додан.

Ҳангоми тайёр кардани варақаҳои ҳуҷҷатҳо бо усулҳои куҳнашуда, ба монанди расмкашии дастӣ, аксбардорӣ, электрография ва ғайра, ошкор кардани қалбакӣ будани онҳо хеле соддатар мегардад. Ин таҳлили дақиқи визуалии матнро талаб мекунад, аз қабили: мундариҷаи он, хусусияти татбиқ ва ҷойгиркунии он дар варақа, намуди маводҳои истифодашуда, мавҷудияти хатогиҳои имлоӣ, симметрияи ҷойгиршавии унсурҳои графикӣ.

Ҳангоми дастӣ тайёр кардани ҳуҷҷат, инҳирофҳо аз ҳуруфи чопӣ, ки барои ҳуҷҷатҳои аслӣ хос аст, мушоҳида кардан мумкин аст. Ба онҳо дохил мешаванд: тафовут дар навиштани ҳарфҳо, фарқият дар ғафсӣ ва дарозии зарбаҳои ҳарфҳои якхела, нобаробарии хатҳо, тағйирёбии шиддати ранг, осори асбоби навишт ва фосилаҳои нобаробар байни ҳарфҳо ва калимаҳо.

Ҳуҷҷатҳое, ки бо усули аксбардории такрорӣ тайёр карда шудаанд, нозукии коғаз ҳангоми каҷшавӣ, майл ба часпидани сатҳ ҳангоми таъсири намӣ, инчунин мавҷудияти флуоресенсияи кабудранги дурахшон дар зери нурҳои ултрабунафш, хос мебошанд.

Дар соҳаи сохтакории ҳуҷҷатҳо технологияҳои гуногуни

репрографӣ, аз ҷумла дастгоҳҳои электрографӣ, дастгоҳҳои нусхабардорӣ, дастгоҳҳои чопкунии лазерӣ ва қатрагӣ ва инчунин такрори ротапринтӣ аз шаклҳои фотомеханикӣ ва электрографии чоп васеъ паҳн шуданд. Ҳуҷҷатҳое, ки тавассути технологияҳои зикршуда сохта шудаанд, бо як қатор аломатҳои фарқкунандаи умумӣ тавсиф карда мешаванд:

* Набудани релеф дар унсурҳои чопӣ. Дар натиҷаи чопи ҳамвор (элементҳои чопкунӣ ва холигии дастгоҳҳои репрографӣ дар як сатҳ ҷойгиранд), тасвирҳои ҳаҷмӣ намуди ҳамвор пайдо мекунанд.

* Мавҷудияти ифлосшавӣ дар рӯи коғаз. Ифлосшавӣ дар шакли нуқтаҳои алоҳида зоҳир мешавад, канори рангҳо сарҳади дақиқ надоранд. Ҳама унсурҳои ҳуҷҷат метавонанд ранг ва сохтори ягонаи дақиқ дошта бошанд.

* Норавшании тасвир. Номумкин будани такрори микроэлементҳо, ки боиси набудани ҷузъиёти хурд дар тасвир мегардад. Илова бар ин, ғафсшавии хатҳои шабакаи замина ва ноустувории ранг мушоҳида мешавад.

* Таҳрифи ранг. Ҳангоми истифодаи асбоби нусхабардории ранга, дар натиҷаи рехтани моддаҳои рангкунанда дар тули хати каҷшавии коғаз хатҳои сафед пайдо шуда метавонанд.

* Норавшании ранг. Нусхаҳои дар дастгоҳҳои чопкунии қатрагӣ бадастовардашуда метавонанд аз сабаби норавшании ранг минтақаҳои норавшан дошта бошанд.

Ҳангоми тайёр кардани ҳуҷҷат бо усули нусхабардорӣ бо рангкунии минбаъдаи он, дар рангҳои тасвиршуда метавонад изи хоси расмкашии дастӣ ба вуҷуд ояд.

Бояд қайд кард, ки технологияҳои муосири репрографӣ, ба монанди дастгоҳҳои чопкунии лазерӣ ва қатрагӣ, шиддати аломатҳои қалбакиро коҳиш медиҳанд, ки муайян кардани онҳо ва муайян кардани манбаи пайдоиши онҳоро душвор мекунад.

Қисми зиёди ҷиноятҳои марбут ба тайёр кардани пул ё коғазҳои

қиматноки қалбакӣ (сохта) бо истифода аз дастгоҳҳои нусхабардорӣ ва зиёдкунанда содир карда мешаванд. Ба воситаи ин усул, аксарияти (9 аз 10) банкнотаҳои қалбакӣ тайёр карда мешаванд. Сабаби он, ки ҷиноятқорон дар муддати кӯтоҳ шумораи зиёди пулҳои қалбакиро тайёр мекунанд – ин дастрасӣ ба дастгоҳҳои дар боло зикршуда мебошад.

Технологияи имрӯзаи чопкунӣ ошкор кардани ҳуҷҷатҳои қалбакии баландсифатро хеле душвор мекунад. Азбаски чунин ҳуҷҷатҳои қалбакӣ бо аслӣ амалан якхелаанд, ошкор кардани онҳо муқоисаи дақиқро бо намунаи аслӣ талаб мекунад. Дар ин ҳолат як қатор омилҳоро ба назар гирифтан лозим аст: хусусиятҳои чоп (сифат ва намуд), унсурҳои графикӣ, андозаи ҳуруф, хусусиятҳои тарҳбандии матн (форматкунӣ, интерлиняж, фосилаҳои байниҳарфӣ ва байникалимавӣ), инчунин мавҷудият ва хосиятҳои ҳам чораҳои асосӣ ва ҳам иловагии ҳимоявӣ.

Технологияҳои такмилёфтаи саноати полиграфӣ имкон медиҳанд, ки чунин ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр карда шаванд, ки онҳо аз ҷиҳати визуалӣ аз ҳуҷҷати аслӣ фарқ карда намешаванд. Аз ин рӯ, муайян кардани онҳо таҳлили бодиққат ва муқоисаро бо намунаҳои ҳуҷҷатҳои аслӣ аз рӯйи як қатор хосиятҳо талаб мекунад: сифати чоп, унсурҳои графикӣ, андоза ва услуби ҳуруф, инчунин мавҷудият ва хусусиятҳои унсурҳои муҳофизатӣ.

Сохтакории қисмии банкнотаҳо аз тағйирдиҳии нишонаҳои пулии аслӣ бо мақсади баланд бардоштани арзиши номиналии онҳо иборат аст. Дар байни усулҳои маъмултарини сохтакории қисмӣ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: нест кардани қисми тасвир бо тасвири минбаъда, истифода бурдани реагентҳои химиявӣ, инчунин буридани қабати болоии коғаз ва часпонидани унсурҳои нав. Ҳолатҳое ҳастанд, ки ҷиноятқорон қабатҳои банкнотаи аслиро ҷудо мекунанд ва тасвири қисми гумшударо, ки одатан бо нусхабардорӣ ба даст оварда мешавад, ба тарафи тоза мечаспонанд. Дар натиҷаи чунин усули омехта як тарафи банкнота аслӣ ва тарафи дигар қалбакӣ боқӣ мемонад. Аммо ин усул хеле заҳматталаб аст ва барои қалбакӣ тайёр кардани шумораи маҳдуди

пулҳо истифода мешавад.

Ба сифати мисол мумкин аст ҳолати зеринро аз таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ орем. Инак, С.И.А. бо мақсади тайёр кардан ва ба мумомилот баровардани пулҳои қалбакӣ асбобҳои лозимаро аз қабили компютер, принтер, корди қоғазбурӣ, скотч, қоғазченкунак ва ғайраро харидорӣ намуда, дар манзили истиқоматиаш онҳоро насб намуда, баъдан тавассути компютер маблағҳои пулии 500 (панҷсад) сомонӣ, 200 (дусад) сомонӣ, 100 (сад) сомонӣ ва 50 (панҷоҳ) сомониро нусхабардорӣ (сканер) намуда, чоп карда бароварда, он маблағҳои ба таври сохта омода намудаашро аз байнашон бурида, маблағҳои пулии расмии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ба монанди он маблағҳои пулии сохтааш аз байнашон бурида, аз як тарафаш маблағи пулии аслӣ ва аз тарафи дигараш маблағи пулии ба таври сохта тайёр намудаашро бо скотч пайваст намуда, гирифта, ба терминалҳои маблағгузории ҳудуди шаҳри Душанбе рафта купюраи пулиро ба рақамҳои рафиқаш аз Федератсияи Россия мегузаронидаст, сипас он рафиқаш ба рақамҳои телефонии С.И.А., ки дар корти «Душанбе-Сити»-аш пайваст будааст, он маблағҳоро гузаронид. Нисбати судшаванда С.И.А. аз ҷониби суди ноҳияи Шоҳмансур дар доираи санксияи м. 281 қ. 1 КҶ ҶТ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ бо нигоҳ доштан дар колонияҳои ислоҳии дорои низоми пурзӯр таъин гардид [141].

Тавре ки пештар қайд карда шуда буд, тайёр кардани тасвирҳои нишонаҳои пулӣ на бо мақсади ба муомилот баровардани онҳо ҳамчун пули аслӣ, балки бо мақсадҳои дигар ҳамчун тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст карда намешаванд. Ба сифати мисол метавон тайёр кардани нишонаҳои пулӣ бо мақсадҳои намоишӣ, масалан, барои нишон додани малакаҳои бадеиро, овард. Дар амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба парвандаҳои вобаста ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҳолатҳое мавҷуданд, ки шахсоне, ки дар тайёр кардани пули қалбакӣ тавассути расмкашӣ дастгир шудаанд,

танҳо ба хоҳиши санҷидани қобилиятҳои худ, ишора мекунанд. Дар баробари ин, чунин далелҳо аксар вақт асосҳои ҷиддӣ надоранд. Аз эҳтимол дур нест, ки касе тасвирҳои пулӣ эҷод кунад ё тангаҳои тақлидиро ба қадри имкон ба аслӣ монанд кунад, танҳо барои санҷиши малакаҳои бадеии худ, на бо нияти ба муомилот даровардани онҳо.

Мувофиқи қонунгузорӣ, нишон додани мақсади истифода дар тайёр кардани нишонаҳои пулии қалбакӣ дар фарқ кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз тайёр кардани тасвири нишонаҳои пулӣ бо мақсадҳои дигар нақши калидӣ мебозад. Масалан, тайёр кардани маводҳо барои намоишҳои театрӣ наметавонад ҳамчун ҷинояти марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст карда шавад.

Дар ҳолатҳое, ки банкнотаи қалбакӣ, ки бо мақсади ба муомилот баровардани онҳо ҳамчун аслӣ тайёр карда нашудаанд, аз ҷониби шахсони сеюм ҳамчун аслӣ бе огоҳонидани тайёркунандаи он паҳн карда мешаванд, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардани пули қалбакӣ танҳо барои шахсоне, ки онро ба муомилот баровардаанд, ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми таҳқиқи ҷанбаи объективии ҷиноят, ки аз сохтакории пул иборат аст, муҳим аст, ки ҳам арзиши назариявӣ ва ҳам амалии масъалаҳои марбут ба тайёрӣ ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро, ба назар гирифтан лозим аст.

Бояд қайд кард, ки мутобиқи қ. 1 м. 32 КҶ «тайёрӣ ба ҷиноят ин аз тарафи шахс қасдан ҷустуҷӯ, тайёр ё мувофиқ кардани восита ё олоти содир намудани ҷиноят, ёфтани шариконӣ ҷиноят, забоняккунӣ барои содир кардани ҷиноят ё қасдан фароҳам овардани шароити дигар барои содир кардани ҷиноят мебошад, агар зимнан ҷиноят бо сабабҳои аз ин шахс вобастанабуда то ба охир расонида нашуда бошад» [1].

Дар адабиёти ҳуқуқии замони шуравӣ борҳо чунин ақида баён карда шудааст, ки тайёрӣ ба ҷиноят (ҳамчун ҷинояти нотамом) дараҷаи

ба ҷамъият хавфнокии камтар дорад, назар ба ҷинояти хотимаёфта. Тавре Н.Ф. Кузнетсова қайд кардааст, «ҳаракатҳои марбут ба тайёрӣ ба ҷиноят дар аксари ҳолатҳо аз сабаби камаҳмиятии худ ба ҷамъият хавфнокии худро гум кардаанд, ва, аз ин рӯ дар таҷрибаи судӣ парвандаҳо дар бораи чунин кирдорҳо нисбатан кам вомехӯранд. Илова бар ин, тибқи қоидаи умумӣ ва асосан аз сабаби дур будан аз лаҳзаи содир шудани ҷиноят, чунин ҳаракатҳо нисбат ба суиқасди ҷиноят хатари камтар доранд» [43, с. 52]. Ин нуқтаи назар дар назарияи ҳуқуқии ҷиноятии муосир низ бартарӣ дорад.

Мувофиқи қ. 2 м. 32 КҶ ҶТ «ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои тайёрӣ ба ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин муқаррар карда шудааст» [1].

Ҳангоми баҳодиҳӣ ба ҳаракатҳои тайёрӣ ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), кӯшиши қасдан ба охир расонидани ҷинояти пешбинишуда, бояд ба назар гирифта шавад. Бояд дарк кард, ки ҳаракатҳои ӯ на танҳо бо тайёрии одӣ маҳдуд мегардад, балки мақсад дорад, то ки нияти ҷиноятии худро ба амал барорад. Ҳамчун давраи тайёрӣ ба ҷиноят ба даст овардан, тайёр кардан ё мутобиқ гардонидани ашёҳое, ки эҳтимолан ҳангоми тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) истифода бурда мешаванд, бандубаст намудан мумкин нест. Чунин ҳаракатҳо марҳилаи ягонаи амалӣ намудани ҷиноятро ташкил намедиҳанд. Аз ин рӯ, давраи тайёрӣ дар заминаи баррасишаванда танҳо ба тайёрӣ ба ҷинояти мушаххас – тайёр кардани пулҳои қалбакӣ, дахл дорад.

Ба маънои васеътар, ба давраи тайёрӣ ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҳама гуна ҳаракатҳои қасдонае дохил мешаванд, ки барои сохтакории нишонаҳои пулии қалбакӣ шароит фароҳам меоранд. Бояд қайд кард, ки бархилофи ошкор кардани қасди содир кардани ҷиноят (ки худ аз худ сазовори ҷазои ҷиноятӣ нест), тайёрӣ ба ҷиноят на танҳо бо мавҷудияти

ният, балки бо ҳаракатҳои мушаххасе, ки ба фароҳам овардани шароит барои татбиқи минбаъдаи он равона шудаанд, тавсиф карда мешавад. Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо суиқасд, ҳангоми тайёрӣ ба ҷиноят ба объектҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда таъсиррасонии бевосита вуҷуд надорад.

Нишонаи хоси ҷинояти махсусан вазнин, ки тайёрӣ ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба он дохил мешавад, дар он аст, ки ҳаракатҳое, ки ба тайёрӣ ба ҷинояти тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (мувофиқи қ. 2 м. 32 КҶ ҶТ), ба ҷамъият хавфнок эътироф карда мешаванд. Шахсоне, ки чунин ҳаракатҳоро анҷом додаанд, бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Масалан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чопхонаи ғайриқонуниро бо таҷҳизоти барои тайёр кардани долларҳои қалбакии ИМА, муайян карданд. Дар лаҳзаи муайян намудан, чопхона фаъолият намекард ва барориши банкнотаи қалбакӣ амалӣ карда нашуд. Бо вуҷуди ин, мавҷудияти таҷҳизоти махсус, ба монанди дастгоҳҳои чопӣ, асбобҳо барои чопи унсурҳои релефӣ ва озмоишгоҳи муосири кимиевӣ имкон дод, ки ҳаракатҳои шахсоне, ки ин чопхонаро таъсис доданд, ҳамчун тайёрӣ ба ҷинояти марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) муайян карда шавад.

Мо чунин мешуморем, ки аҳаммияти ҳаракатҳои тайёрӣ барои амалӣ намудани мақсади тайёр кардани пули қалбакӣ боиси афзоиши ба ҷамъият хавфнокии онҳо мегардад, ки бо хавфнокии худи ҷиноят муқоиса карда мешавад. Дар хотир овардан лозим аст, ки ҷорӣ кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёрӣ ба ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии шуравӣ бо зарурати муборизаи самаранок бурдан бо тайёр кардани пули қалбакӣ вобаста буд.

Тайёр кардани пулҳои қалбакӣ бо усули расмкашӣ омодагии мураккабро талаб намекунад. Аммо, тайёр кардани банкнотаҳои қалбакӣ тавассути нусхабардорӣ ё тайёр кардани тангаҳо равандест, ки

ҳаракатҳои пешакии назаррасро талаб мекунад. Ин ҳаракатҳо ҷустуҷӯи ашёи нодир, таҷҳизоти махсус ва аксар вақт корҳои тулонии экспериментал оид ба интихоби мавод ва коркарди технологияи тайёр кардани пулҳои қалбакиро дар бар мегиранд. Истеҳсоли банкноти қалбакӣ бо усули полиграфӣ барои ҷинояткор варианти серкортарин аст: чунин омодагӣ бо хароҷоти зиёди вақт ва меҳнат алоқаманд аст. Ҳар қадаре ки ҳаракатҳои марбут ба тайёрии шахси содиркунандаи ҷиноят бодиққат ва васеътар бошад ва ӯ барои бартараф кардани монеаҳо дар роҳи фароҳам овардани шароит барои тайёр кардани пули қалбакӣ кӯшишҳои бештар ба харҷ диҳад, қасди ӯ ҳамон қадар устувортар ва мулоҳизакортар мешавад. Дар робита ба ин, ҳаракатҳои ӯ дар давраи тайёрӣ хатари зиёди ҷамъиятиро ба бор меоранд.

Баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки исботи мавҷудияти ҳаракатҳои тайёрӣ дар заминаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) хеле душвор аст. Ҳамин тавр, Ю.В. Солопанов ба хулосае меояд, ки «пешакӣ ва пурра муайян кардани рӯйхат ва мундариҷаи ҳаракатҳое, ки тайёриро барои тайёр кардани пули қалбакӣ ташкил медиҳанд, амалан ғайриимкон аст. Ин аз он сабаб аст, ки категорияи мазкур асосан аз ҳолатҳои мушаххаси парванда ва хусусиятҳои инфиродии шахси гунаҳгор вобаста аст» [69, с. 28]. Аз ин рӯ, дарёфти асбобҳо ва нақшаҳои муфассали барои тайёр кардани пули қалбакӣ нигаронидашуда, барои тасдиқи мавҷудияти тайёрӣ ба ҷиноят асоси кофӣ нест.

Бо вуҷуди ин, чунин мавқеъро асоснок эътироф кардан мумкин нест. Нишонаи муҳимме, ки аз мавҷудияти таркиби тайёрӣ ба ҷинояти тайёр кардани пули қалбакӣ дар ҳаракатҳои шахс шаҳодат медиҳад – ин ба даст овардан ё тағйир додани асбобҳо ва маводҳое мебошанд, ки табиати онҳо ба хулосае оварда мерасонад, ки онҳо танҳо барои содир кардани ин ҷиноят пешбинӣ шудаанд, на барои содир кардани ягон ҳаракати дигар.

Қайд намудан бамаврид аст, ки новобаста аз он ки хусусиятҳои

асбобҳо ва маводҳои истифодашуда ё тағирёфта ҳангоми арзёбии амалҳо ҳамчун омодагӣ ба ҷиноят аҳаммият доранд, онҳо асоси ягона ва кофӣ нестанд. Таҷрибаи судӣ, аз ҷумла бо истеҳсоли шаклҳои чопӣ (пластинкаҳо) алоқаманд аст, ҳолатҳоеро нишон медиҳад, ки хулоса дар бораи сохтани нишонаҳои пулии қалбакӣ на аз тавсифи худи асбобҳо ва маводҳо, балки аз далелҳои дигаре, ки хусусият ва самти корҳои анҷомдодашударо инъикос мекунанд, сохта шудааст.

Барои ҷамъбасти масъалаи имконияти мавҷуд будани тайёрӣ ба ҷиноятe, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, боз ба масъалаи асосӣ дар бораи имконияти мавҷудияти давраи тайёрӣ дар таркиби расмии ҷиноят муроҷиат кардан лозим аст, зеро ин масъала, дар адабиёти ҳуқуқӣ, мавзуи баҳс мебошад.

Ҳангоми муайян кардани имконияти мавҷуд будани давраи тайёрӣ оид ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), мо ба аҳаммияти бунёдии ҳаракатҳои тайёрӣ, тавре ки дар қисми 1 м. 32 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, такя кардем. Дар ин модда рӯйхати намунавии чунин ҳаракатҳо оварда шудааст, ки хусусияти асосии онҳо фароҳам овардани шароит барои содир кардани ҷиноят мебошад.

Ҳамин тариқ, ба даст овардани таҷҳизоти чопӣ ва дигар маводи зарурӣ барои тайёр кардани пули қалбакӣ, бешубҳа, фароҳам овардани шароит барои содир кардани ҷиноят мебошад. Вобаста ба ин хулоса кардан мумкин аст, ки барои қисми зиёди ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ, аз ҷумла барои кирдорҳое, ки бо тайёрӣ ба тайер кардан ё ба муомилот даровардани пулҳои қалбакӣ (сохташуда) ё коғазҳои қиматнок алоқаманданд, мавҷудияти марҳилаи тайёрӣ хос аст.

Суиқасди ҷиноят аз тайёрӣ ба он бо он фарқ мекунад, ки он аз ҳаракатҳое иборат мебошад, ки бевосита ба татбиқи нақшаи ҷиноятӣ равона карда шудаанд. Дар фарқият аз ҳаракатҳои ба тайёрӣ равонагардида, ки танҳо барои ҷиноят шароит фароҳам меоранд, суиқасд таъсири бевосита ба объекти бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшударо

дар назар дорад ва онро ба хавфи бевоситаи расонидани зарари ҷиддӣ водор мекунад. Агар ҳаракатҳое, ки тарафи объективии таркиби ҷиноятро ташкил медиҳанд, ба охир мерасиданд, онҳо ногузир ба объект зарар мерасониданд.

Дар заминаи тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ, суиқасд ба ҷиноят дар ҳаракатҳое инъикос мегардад, ки ба тайёр кардани нусхаҳои моддии бевосита равона карда шудаанд, ки нишонаҳои пулии воқеиро бо мақсади татбиқи минбаъдаи онҳо ҳамчун аслӣ тақлид мекунанд.

Дар соҳаи фаъолияти шахсони ба сохтакории пул машғулбуда, суиқасд ба тайёр кардани нишонаҳои пулии қалбакӣ ҷои дуюмдараҷаро ишғол мекунанд. Дар айни замон, дар муқоиса бо тайёрӣ ба тайёр кардани пулҳои қалбакӣ, суиқасд ба он дар ҳолатҳои камтар вазнини сохтакории пул (масалан, ҳангоми кашидани расми пулҳои қалбакӣ) равшантар зоҳир мешавад ва бо тайёрӣ бо аломатҳои вазнинкунанда ба тайёр кардани пулҳои қалбакӣ ё тангаҳо зич алоқаманд аст.

Масъалаи арзёбии ҳаракати шахсеро, ки чопи озмоишии нишонаҳои пулии қалбакиро анҷом додааст, дида мебароем. Аз як тараф, чунин ҳаракатҳоро метавон ҳамчун тайёрӣ ба ҷиноят баррасӣ кард, зеро онҳо бо амалияи асбобҳо ва усулҳои содир кардани ҷиноят алоқаманданд. Аз тарафи дигар, чопи озмоишӣ метавонад ҳамчун эҷоди мустақими тасвирҳои ба пулҳои аслӣ монанд ҳисобида шавад, ҳатто агар ин тасвирҳо ниҳоӣ набошанд. Бо назардошти имконияти минбаъд ба муомилот баровардани чунин тасвирҳои озмоишӣ, тайёр кардани онҳо бояд ҳамчун суиқасди тайёр кардани пули қалбакӣ бандубаст карда шавад. Ҳамин тариқ, барои баҳодиҳии дурусти ҳаракатҳои шахсе, ки чопи озмоширо анҷом додааст, бояд тамоми ҳолатҳои кор бодиққат омӯхта шаванд.

Фарз мекунем, ки шаҳрванд М., ки дар чопхона кор мекард ва усули синкографияро аз худ карда, бо мақсади тайёр кардани нишонаҳои пулии қалбакӣ аз он мавод ва рангҳоро тасарруф кард. Пас аз тарки кор,

ӯ ба сохтани асбобҳои зарурӣ шуруъ кард ва якчанд намунаи тарафи пеши банкнотаро чоп кард. Бо вуҷуди ин, дар вақти боздошт М. натавонист ҳамаи дастгоҳҳои заруриро барои чопи тасвири воҳиди пулӣ аз ду тараф тайёр кунад. Ҳамин тариқ, ҳаракатҳои ӯ бояд ҳамчун тайёрӣ ба ҷиноят бандубаст карда шаванд, зеро онҳо нишонаҳои суиқасди тайёр кардани пули қалбакиро дар бар намегирифтанд.

Ҳалли масъала оиди он, ки оё ҳаракати шахс ба тайёр кардани пули қалбакӣ ё суиқасди ин ҷиноят равона карда шудаанд, ба бандубасти ҳуқуқии ҷинояти содиршуда таъсир намерасонад. Аммо, ин масъала барои муайян кардани андозаи ҷазо тибқи қонун, ки фарқияти ҷазоро вобаста ба дараҷаи татбиқи қасди ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, аҳаммияти муҳим дорад. Ҷиноят дар намуди тайёр кардани нишонаҳои пулии қалбакӣ аз лаҳзаи сохтани нусхаи қалбакӣ, ки дар он ҳамаи аломатҳои муҳимми банкнотаи аслӣ коғази қиматнок такрор карда шудаанд, ба анҷом расидааст, аз ҷумла тасвири дутарафа, ки аз ҷиҳати беруна ба ҳақиқӣ монанд аст, ташаккул ёфтааст. Дар ин ҳолат, барои бандубасти кирдор ҳамчун ҷинояти хотимаёфта, танҳо як далели тайёр кардани ҳадди ақал якто чунин банкнотаи қалбакӣ кофӣ аст, агар он бо мақсади истифодаи он ҳамчун воситаи ҳақиқии пардохт тайёр шуда бошад.

Бо вуҷуди ин, имконияти бандубасти кирдорро ҳамчун камаҳамият (қ. 2 м. 17 КҶ ҶТ) ҳангоми мавҷудияти маҷмӯи ҳолатҳои объективӣ, ба монанди шумораи нусхаҳои қалбакӣ ва ғайра, ба назар гирифтан лозим аст. Ин ҳолат дар доктринаи ҳуқуқии ҷиноятӣ дуруст нишон дода шудааст [30, с. 376; 100, с. 8-12].

Агар ҳангоми муайян кардани аломатҳои кирдори камаҳаммият нисбат ба м. 281 КҶ ҶТ ба нигоҳи судяҳо такя кардан мумкин бошад, пас ҳангоми тавсифи таркиби вазнинкунандаи ҷинояти мавриди назар қарордошта (қ. 2 м. 281 КҶ ҶТ) чунин ҳолат истисно карда мешавад. Тавре ки маълум аст, тибқи эзоҳи м. 283 КҶ ҶТ «дар моддаҳои 281, 282 ва 283 ҳамин Кодекс таҳти мафҳуми миқдори калон ё зарар ба миқдори калон чунин миқдор ё зараре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи

нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад» [1]. Дар матни қонуни ҷиноятӣ пайдо шудани меъёре, ки мазмуни предметии аломати «миқдори калон»-ро дар робита ба сохтакории пулҳо ошкор мекунад, бояд пазируфта шавад, зеро дар тарҷибаи судӣ-тафтишоти ҳолатҳои ба миқдори калон содир намудани ҷинояти таҳлилшаванда ба назар мерасад. Масалан, С.М. тахминан аввалҳои моҳи майи соли 2021, дар вақти дар шаҳри Истамбули Ҷумҳурии Туркия қарор доштанаш, тибқи маслиҳати пешакӣ бо А.Т.А., бо мақсади ба даст овардани фоидаи муфт бо роҳи ба муомилот баровардани маблағҳои пулии қалбакӣ ба миқдори калон, аз шаҳрванди Ҷумҳурии Қирғизистон бо номи Қ., ки шахсияташ номаълум аст, бар ивази 2000 (ду ҳазор) доллари ИМА (аслӣ) маблағи 8000 (ҳашт ҳазор) доллари ИМА-и қалбакиро ба даст овардаанд. Сипас, санаи 04 майи соли 2021 С.М. маблағҳои қалбакии бадастовардаашонро бо худ гирифта тавассути ҳавопаймо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додааст. Баъдан, ӯ маблағҳои қалбакии бо худ доштаашро ба манзили истиқоматии шиносаш Р.И.М. воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, бурда пинҳон намудааст. Баъдан, маблағи 500 доллари ИМА-и қалбакиро ба шахси номаълум бо номи Ш. дода, маблағи 1000 доллари ИМА-и қалбакиро дар соҳили «Сирдарё»-и шаҳри Хуҷанд сӯзондааст. Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони РКҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 11 майи соли 2021 аз ҷайби чапи шими Р.И.М. 1 адад купюраи 50 (панҷоҳ) долларои ИМА (қалбакӣ) ёфта гирифта шуда, инчунин дар вақти гузаронидани корҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ С.М. аз ҷониби кормандони РКҶ ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгир карда шуда, тибқи нишондоди ӯ аз манзили истиқоматии Р.И.М., воқеъ дар шаҳри Хуҷанд, дар маҷмуъ 5300 доллари ИМА (53 адад купюраи 100 долларои ИМА) ёфта гирифта шудааст, ки мувофиқи хулосаи экспертизаи судӣ-техникии криминалистии ҳуҷҷатҳо РТК ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти №406 аз 14 июни соли 2021 муайян карда шудааст, ки 53 адад купюраҳои қурбашон 100 (сад) долларои ИМА, ки аз С.М. ва 1 адад купюраи қурбаш 50 (панҷоҳ)

доллари ИМА, ки аз Р.И.М. гирифта шуда, бо купюраҳои 100 доллари ИМА ва 50 доллари ИМА, ки дар муомилот мебошанд, байни ҳамдигар аз рӯйи чоп ва меъёрҳои технологияи тайёркунӣ мувофиқат намекунанд, маблағҳои зикргардида бо тарзи дастгоҳи чопии ранга, истифода аз техникаи компютерӣ сохта шудаанд. Кирдорҳои содиршгуда аз рӯйи б. «а, б» қ. 2 м. 281 КҶ ҶТ бандубаст гардиданд [140].

Бояд қайд кард, ки аниқ кардани маънои предметии аломати «миқдори калон», ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва муайян кардани он дар эзоҳ ба м. 283 КҶ ҶТ оварда шудааст, дар айни замон тавассути истифодаи усули маънидодкунии силсилавӣ, ки асосан ба мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум аст, амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, барои самараноктар истифода бурдани аломати вазнинкунандаи «миқдори калон» муайян кардани мафҳуми он нисбат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) на дар эзоҳи м. 283 КҶ ҶТ, балки бо роҳи дохил кардани эзоҳи алоҳида ба м. 281 КҶ ҶТ бо мазмуни зерин мақсаднок аст: «Таҳти мафҳуми миқдори калон дар моддаи мазкури ҳамин Кодекс чунин миқдоре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад» [5]. Қабули чунин қарор, аз ҷумла, ба баланд бардоштани самаранокии фаҳмиши (хондан, тафсир кардан ва ғ.) қонунгузории ҷиноятӣ на танҳо аз ҷониби ҳуқуқтатбиққунандагон, балки шахсоне, ки дар соҳаи тафсири ҳуқуқӣ дониши амиқ надоранд, мусоидат мекунад.

Ғайр аз ин, «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ҳамчун ҷинояти давомдор тавсиф карда мешавад, зеро он як қатор амалҳои якхеларо барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро дар бар мегирад. Гарчанде ки ҳар яке аз ин амалҳо метавонанд ҳамчун ҷинояти мустақили хотимаёфта ҳисобида шаванд, ҳамаи онҳо бо як қасд алоқаманданд ва барои расидан ба мақсади умумӣ – ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) равона карда

шудаанд. Аз ин рӯ, дар ин ҳолат мо бо як ҷиноят сарукор дорем, на бо такрори ҷиноятҳои шабеҳ. Ҳамчун мисол метавон чунин ҳолати содиршавии ҷиноятро вобаста хусусияти давомдор будани ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз тафтишоти судӣ-тафтишотӣ овард. С.И.А. дар ҳолати зерин даст ба ҷинояти қасдона задааст: Чунончи ӯ аз моҳи апрели соли 2024 то дастгир шуданаш дар ҳуҷраи хоби манзили истиқоматиаш, асбобҳои техникӣ аз қабили Компютер, таҷҳизоти чоппкунак (принтер)-и ранга ва ғайраҳоро насб намуда, бо мақсади тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) маблағи пулии купюраҳои 50 (панҷоҳ) сомониро дар он асбобҳои дар боло зикршуда ба таври сохтакорӣ нусхабардорӣ (сканер) намуда, бо мақсади фоидаи муфт ба даст овардан ин маблағҳои ба таври сохта тайёр намудаашро дар терминалҳои ҶСП «Душанбе Сити бонк»-и ҳудуди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дар рақамҳои телефонии таҳти +7..... , ки ба рафиқаш бо номи «Д.» ки шаҳрванди Федератсияи Россия мебошад, тааллуқ дорад, гузаронида ба муомилот баровардааст. Бори аввал ба терминали маблағгузории назди бозори «Ховарон»-и шаҳри Душанбе рафта дар он ҷо 3 (се) адад купюраи 50 сомониро ба рақамҳои +7....., ки ин рақамҳоро дар Федератсияи Россия «Д.» ном шиносаш истифода мебарад, гузаронида, ба номбурда занг зада гапзанон намуда қайд кардааст, ки ба ӯ ба рақамҳои телефонаш таҳти 884068008, ки дар он корти «Душанбе Сити»-аш пайваст карда шудааст, гузаронад, баъдан вай розӣ шуда он маблағи пулиро ба корти «Душанбе Сити» гузаронид, ба ҳамин боз маротибаи дуюм дар манзили истиқоматиаш бо он таҷҳизотҳои дар боло зикршуда маблағи пулии 200 сомониро ба таври сохта тайёр намуда, ба назди терминали маҳаллаи 9 километри шаҳри Душанбе рафта ба терминали маблағгузаронӣ купюраи ба таври сохта тайёр намудаашро гузаронида, аммо он маблағи пулӣ нагузашта ба ҳамин маблағҳои пулӣ аз 50 сомонӣ, 200 сомонӣ, 500 сомониро ба таври сохта тайёр намуда ба назди терминалҳои маҳаллаи 9

километри шаҳри Душанбе рафта он маблағҳои пулии ба таври сохта тайёр кардаашро ба он терминалҳо гузаронидааст, ки аз байни онҳо танҳо маблағи пулии 50 сомонии ба таври сохта тайёр намудааш ба он терминалҳо гузашта, дигаронашро бошад терминалҳо қабул накарда, ба ҳамин дигар маблағи аслии 50 сомониро гирифта ба манзили истиқоматиаш бурда дар онҷо ба таври сохта тайёр намуда бурда дар терминалҳои ҳудуди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе гузаронида маблағи пулӣ мегирифтааст, аз маблағи 500 сомонӣ, ки ба таври сунъӣ тайёр мекардааст 250 сомониаш аслӣ ва 250 сомониашро ба таври сохта тайёр мекардааст, ки аз байнашон бурида як тарафашро маблағи пулии аслӣ ва аз тарафи дигараш маблағи пулии ба таври сохта тайёр намудаашро, маблағи 50 сомониро дар асбоби чопкунӣ (принтер) нусхабардорӣ (сканер) намуда чоп карда бароварда, пули аслӣ тайёр намуда бурда дар терминалҳои ҳудуди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе мегузаронидааст, маротибаи дуюм дар маҳаллаи 7 километри шаҳри Душанбе маблағи пулии 50 сомонаро, ки як тарафаш аслӣ тарафи дигараш сохта будааст, бурда дар он терминалҳо маблағи пулии 300 сомонӣ ба рақамҳои телефонии Федератсияи Россия, ки дар боло қайд карда шуда буд, гузаронидааст. «Дима» боз он маблағи пулиро гашта ба ӯ ба корти «Душанбе-Сити» ва корти «Алиф»-аш, ки ба рақамҳои 93..... пайвастанд, гузаронидааст. Ба ҳамин тахминан 10-12 маротиба маблағҳои пулиро ба таври сохта тайёр намуда дар ҳудуди ноҳияи Шоҳмансур ба терминалҳо ба он рақамҳои дар боло зикршуда гузаронида, маблағи пулӣ дар ҳаҷми 2500 сомонӣ фоида ба даст овардагӣ мебошад. Охирон маротиба санаи 22 июни соли 2024 тахминан соатҳои 15:30 дақиқа маблағи пулии ба таври сохта 500 сомонӣ тайёр намуда аз манзили истиқоматиаш баромада назди як терминали маблағгузаронӣ, ки дар назди истгоҳи Маркази савдои Садбарги шаҳри Душанбе мебошад, рафта он маблағҳои ба таври сохта тайёр намудаашро дар он терминал гузаронидааст. Баъдан баргашта ба манзили истиқоматиаш рафтааст. Сипас ҳангоми дар назди бинои

истиқоматиаш воқеъ дар суроғаи дар боло зикршуда нишаста будааст, ки ду марди ношинос ба наздаш рафта худашонро кормандони милитсияи ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе муаррифӣ намуда, ӯро дар хусуси шахсияташро маълум намудан ба автомашинаашон шинонида пурсон шудаанд. Сипас ӯ ба гуноҳаш иқрор шуда ба онҳо ҳолати корро нақл карда дода қайд кардааст, ки тавассути тачҳизотҳои дар боло зикршуда, ки дар манзили истиқоматияш мебошанд, маблағҳои пулиро ба таври сохта тайёр мекунад. Баъдан бо ҳамроҳии он кормандони милистсия ба манзили истиқоматияш рафта он тачҳизотҳоро гирифта ба ШВКД-2 дар ноҳия Шоҳмансур оварданд [141].

Аз гуфтаҳои боло чунин хулосаҳои муҳим бармеоянд:

1. Барои баҳодиҳии дурусти кирдоре, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд дараҷаи шабеҳияти ҳуҷҷати қалбакӣ бо ҳуҷҷати аслӣ муайян карда шавад. Дар ин ҳолат, асоснок карда шудааст, ки худи тарзи тайёр кардани пулҳои қалбакӣ ё қоғазҳои қиматнок, ба шарте ки сифати тасвир ва мавҷудияти ҳамаи унсурҳои ҳуҷҷат таъмин карда шавад, ба бандубасти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таъсир намерасонад, аммо ҳангоми фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо бояд ба назар гирифта шавад. Дар ҳолатҳои ба таври возеҳ номувофиқатии пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба аслияти онҳо, ҳаракати шахс метавонад тибқи м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда шавад.

2. Ҳангоми омӯзиши ҳамаҷонибаи тарафи объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аниқ гардид, ки муайян кардани арзиши предмет барои аломати «миқдори калон», ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва муайян кардани он дар эзоҳ ба м. 283 КҶ ҶТ оварда шудааст, дар айни замон тавассути истифодаи усули маънидодкунии силсилавӣ, ки асосан ба мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум аст, амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, барои самараноктар истифода бурдани аломати вазнинкунандаи «миқдори калон» муайян кардани мафҳуми он нисбат ба

тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) на дар эзоҳи м. 283 КҶ ҶТ, балки бо роҳи дохил кардани эзоҳи алоҳида ба м. 281 КҶ ҶТ бо мазмуни зерин мақсаднок аст: «Таҳти мафҳуми миқдори калон дар моддаи мазкури ҳамин Кодекс чунин миқдоре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад».

3. Бо дарназардошти тавсифи комплексии аломатҳои тарафи объективии ҷинояти таҳлилшаванда, муаллиф чунин мешуморад, ки кирдор тибқи м. 281 КҶ ҶТ дар он ҳолате хотимаёфта эътироф мешавад, агар он бо тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани ҳадди ақал як нусхаи коғази қиматноки қалбакӣ ё нишони пулӣ, бо назардошти аломатҳои объективии муқаррарнамудаи таркиб ва хусусияти бандубастнамоии ҷиноятҳои нотамом, алоқаманд бошад. Дар ин ҳолат, ба итмом нарасидани тайёр кардани воҳидҳои минбаъда ба бандубасти ҷиноят ҳамчун ҷинояти хотимаёфта монеъ шуда наметавонад.

БОБИ III. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ АЛОМАТҲОИ СУБЪЕКТИВӢ ВА АЛОМАТҲОИ ФАРҚКУНАНДАИ ТАЙЁР КАРДАН Ё БА МУОМИЛОТ БАРОВАРДАНИ ПУЛ Ё КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ҚАЛБАКӢ (СОХТА) АЗ ТАРКИБИ ҶИНОЯТҲОИ БА ОН МОНАНД

3.1. Тарафи субъективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)

Аломатҳои субъективии ҳам тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ва ҳам таркиби ҷинояти дилхоҳи дигар дар тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят ифода карда мешаванд.

Тарафи субъективии ҷиноят ҳолати дохилии онро инъикос мекунад ва тавассути ҷузъи психологии рафтори шахсе, ки бевосита дар кирдори ғайриқонунӣ иштирок кардааст, ошкор карда мешавад. Ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ, он тавассути хусусиятҳои ҳуқуқии мувофиқ баҳо дода мешавад ва ба онҳо гуноҳ, ангеза, мақсад ва заминаи эҳсосии содир кардани ҷиноят дохил мешаванд. Аҳаммияти ин аломатҳо дар қонуни ҷиноятӣ вобаста ба сохтори мушаххаси таркиби ҷиноят фарқ карда мешаванд. Ин таркиб аломатҳои ҳатмиро, ки ба бандубасти ҷиноят таъсир мерасонанд, муқаррар мекунад ва имкон медиҳанд ҷиноятҳои ба ҳам монандро аз ҳамдигар, инчунин рафтори ҷиноятӣ аз рафтори ғайриҷиноятӣ фарқ карда шаванд. Ғайр аз он, таркиб метавонад аломатҳои иловагиро барои фардикунонии ҷазо дар бар гирад.

Гуноҳ муносибати психологии шахс ба амали ғайриқонунии содиркардаи ӯ ва оқибатҳои баамаломада мебошад ва он унсури ҷудонопазири ҳар як таркиби ҷиноят мебошад. Мувофиқи принсипи гунаҳгорӣ, ки дар м. 7 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, байни хусусиятҳои объективии ҷиноят (новобаста аз категорияи он) ва аломати субъективии он робитаи ногусастанӣ вуҷуд дорад. Ҳамин тариқ, ин принсип мақоми гуноҳро ҳамчун унсури ҳатмии таркиби ҷиноят муайян мекунад. Чӣ

тавре В.А. Якушин менависад, «принсипи гунаҳгоркунии субъективӣ принсипи бунёдӣ мебошад, ки муқаррароти асосии фалсафӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва иҷтимоӣ-ҳуқуқиро ташкил медиҳад. Тибқи ин муқаррарот, таълимоти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ тавре ташаккул меёбанд, ки баҳодиҳии ҳуқуқии кирдорҳои шахс ва татбиқи чораҳои ҳуқуқӣ нисбат ба ӯ танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар ҳамаи ҳолатҳои кирдори дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ аз ҷониби шахси содиркунандаи он дарк карда шуда, дар қонун пешбинӣ карда шуда бошанд» [83, с. 16].

Ҳамчун нишонаҳои иловагии таркиби ҷиноят, ангеза, мақсад ва эҳсосот танҳо дар сурате ҳатмӣ дониста мешаванд, ки агар онҳо бевосита бо меъёри дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ нишон дода шуда бошанд. Дар бандубасти ҳаракатҳое, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) алоқаманданд, ангеза ва эҳсосот нақши ҳалкунанда надоранд ва танҳо ҳангоми таъин кардани ҷазо ба назар гирифта мешаванд. Аломатҳои зарурии таркиби ҷиноят, ки мавҷуд будани онҳо боиси пайдоиши тарафи субъективии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» мегарданд, гуноҳ ва мақсад мебошанд.

Ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ танҳо бо қасди бевосита тавсиф карда мешавад. Мувофиқи м. 28 КҶ ҶТ, қасд муносибати равонии шахсро нисбат ба ҷинояти содиркардааш фаро мегирад. Дар ин ҳолат шахс ба ҷамъият хавфнок будани ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда, имконияти (ҳам дар қасди бевосита ва ҳам бавосита) ё ногузирии (дар қасди бевосита) фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ менамояд. Дар сурати қасди бевосита, шахс мехоҳад, ки ин оқибатҳо фаро расанд, дар ҳоле ки дар сурати қасди бавосита ӯ намехоҳад, ки ин оқибатҳо фаро расанд, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ медиҳад, ё ба онҳо беэътиноёна муносибат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки таърифи қасдона содир намудани ҷиноят, ки дар КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, танҳо ба таркибҳои моддӣ дахл дорад.

Аммо он ҷиноятҳое, ки таркиби расмӣ доранд ба ин таъриф дохил намешаванд. Аз ин рӯ «масъалаи қасд дар чунин ҷиноятҳо дар сатҳи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳал карда мешавад ва дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки танҳо муносибати шахс ба кирдори барои ҷамъият хавфнок аҳаммияти ҳуқуқӣ дода шавад» [60, с. 86].

Вобаста ба сохти қонунгузории ҷиноятӣ дар мавриди категорияи қасд чунин муносибат иҷозат дода мешавад. Бояд қайд кард, ки ҳангоми тафсири маҳдуди таърифҳои ҳуқуқӣ таносуби унсурҳои зеҳнӣ ва иродавии қасд дар ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ танҳо як шакли гуноҳро инъикос мекунад – қасди бевосита. Дар ин ҳолат ҷузъи зеҳнӣ дар дарки хавфи ҷамъиятии амалҳои анҷомдодашуда ва иродаи дар талоши мақсадноки татбиқи онҳо мебошад. «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» аз ин қоида истисно нест: ба монанди дигар ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ, он метавонад танҳо бо қасди бевосита содир карда шавад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, дар қонунгузорӣ нисбати ҷиноятҳои расмӣ таърифи гуноҳ вуҷуд надорад. Гарчанде ки таълимоти ҳуқуқӣ ин камбудиро пур кардааст, амалияи татбиқи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳангоми бандубасти кирдорҳо тибқи м. 281 КҶ ҶТ бояд ба риояи қатъии меъёрҳои Кодекси ҷиноятӣ асос ёбад. Тавре ки дар адабиёти илмӣ дуруст таъкид шудааст, «бартараф кардани камбудиҳо дар ҳуқуқ, инчунин ислоҳи қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ наметавонад тавассути тафсири васеъ ё маҳдуди қонуни ҷиноятии амалкунанда амалӣ карда шавад, балки бояд бо роҳи ворид кардани тағйирот ба Кодекси ҷиноятӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия амалӣ карда шавад» [61, с. 25]. Дар ин ҳолат маънидодкунии маҳдуди мафҳуми қасд ба принсипи қонуният мухолиф аст, зеро он ба матни КҶ ҶТ мувофиқат намекунад.

Дар асоси м. 4 КҶ ҶТ (принсипи қонуният), «ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд» [1]. Аммо, он ҳолат ҳайратовар аст, ки қонунгузор дар КҶ ҶТ мафҳуми қасдро нисбати

ҷиноятҳои бо таркиби расмӣ пешбинишуда, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ бештар паҳн шудаанд, пешбинӣ накардааст. Ворид намудани ислоҳот ба муқаррароти м. 28 КҶ ҶТ, ки таърифи қасдона содир намудани ҷиноятро танзим мекунад, асоснок ба назар гирифта мешавад, то ки хусусияти муносибати психологии шахси содиркунандаи кирдор ба нишонаҳои тарафи объективии ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ ба назар гирифта шавад. Дар мавриди амалияи муосир, аз маънидодкунии илмии гуноҳ, чунин хулоса баровардан мумкин аст: мазмуни қасди бевосита ҳангоми содир кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар он аст, ки шахс дарк мекунад, ки пул ё коғазҳои қиматноки қалбакиро тайёр мекунад ё ба муомилот мебарорад ва инро мехоҳад.

Мавҷудияти қасд дар ҷиноят маънои онро дорад, ки гунаҳгор зиддиҳуқуқӣ будани ҳаракатҳои худро дарк мекунад ва одатан ногузир ва баъзан эҳтимолияти воқеии фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро пешбинӣ мекунад. Нишондиҳандаи қонунгузории мақсади ба муомилот баровардан ҳангоми тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ, пеш аз ҳама, барои фарқ кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз ҳолатҳои эҷоди тасвирҳои нишонаҳои пулӣ барои мақсадҳои дигари фоиданоки ҷамъиятӣ, аҳаммияти калон дорад.

Моддаҳои 28 ва 29 КҶ ҶТ, ки шаклҳои гуноҳ (қасд ва беэҳтиётӣ)-ро муайян мекунанд, дар бораи ангеза, мақсад ва эҳсосот зикр намекунанд. Бо вуҷуди ин, набудани нишондоди бевосита дар матни қонунгузорӣ маънои онро надорад, ки ин унсурҳо дар ташаккули гуноҳ нақш надоранд. Ангеза, мақсад ва эҳсосот ҷузъҳои ҷудонашавандаи фаъолияти руҳии инсон мебошанд ва дар ҳама гуна рафтори ӯ мавҷуданд. Дар заминаи ҷинояти марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ин омилҳо, ки ҳолати дохилии гунаҳгорро тавсиф мекунанд, тарафи субъективии ҷиноятро ташкил медиҳанд ва тавассути қасди бевосита зоҳир мешаванд.

Муайян кардани ангеза, мақсад ва эҳсосот дар муайян кардани дараҷаи гуноҳи шахси содиркунандаи ҷиноят нақши муҳим мебозанд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба дараҷаи гунаҳгорӣ диққати зиёд дода мешавад. Он асосан ҳамчун андозагирии миқдории табиати иҷтимоии гуноҳ ҳисобида мешавад, ки аз рӯйи маҷмуи шакл ва мундариҷаи он бо назардошти тамоми хусусиятҳои муносибати равонии шахс ба ҳолатҳои объективии ҷиноят ва сабабҳои субъективӣ ва равонии он муайян карда мешавад. Бо вуҷуди ин, В.А. Якушин дараҷаи гуноҳро танҳо бо хусусиятҳои миқдорӣ маҳдуд намекунад. Вай чунин мешуморад, ки «дараҷаи гуноҳ хусусияти миқдории гуноҳ ва ҳамзамон бузургии муқоисавии сифати муайян мебошад. Аз ин рӯ, як падида (гуноҳ) аз дигараш фарқ мекунад, гарчанде ки аз ҷиҳати сифат шабеҳ аст. Дараҷаи гуноҳ ҳамчун ҷанбаи миқдории гуноҳ бо сифати он зич алоқаманд аст, зеро сифат ҳамеша миқдорӣ ва миқдор ҳамеша сифати муайян аст» [83, с. 156]. Дар қонуни ҷиноятӣ дараҷаи гуноҳро аз рӯйи шиддати муносибати манфии шахс ба манфиатҳои шахс ва ҷомеа, ки дар ҷинояти содиршуда зоҳир шудааст, баҳо додан мумкин аст. А.И. Рарог дуруст қайд менамояд, ки «меъёри муносибати беэътиноёна, бедиққатона ё манфӣ мавқеи шахси ҷиноятккорро ба арзишҳои асосии ҷомеа инъикос мекунад» [60, с. 102].

Дараҷаи гуноҳи шахс дар содир кардани ҷиноят бевосита бо сатҳи таҳрифи меъёрҳои арзишии ӯ алоқаманд аст. Азбаски дараҷаи гунаҳгорӣ ифодаи миқдории муносибати манфии шахсро ба манфиатҳои шахс ва ҷомеа инъикос мекунад ва инчунин нишондиҳандаи таҳрифи муқаррароти арзишии он мебошад, муқаррар кардани он чораи ҷазо ва ҷавобгарии шахсро муайян мекунад. Муайян кардани мавҷудият ва дараҷаи гуноҳ ба ҳалли объективии масъалаи ҷавобгарӣ ва ҷазои гунаҳгор мусоидат мекунад. Дар заминаи ҳалли масъалаи ҷазо, С.В. Скляров қайд мекунад, ки дараҷаи гуноҳ ин миқдорест, ки суд бо назардошти ҳолатҳои ҷиноят муайян мекунад ва меъёри гуноҳи шахси мушаххасро дар содир кардани ҷинояти мушаххас дар муқоиса бо

гуноҳи расонидани зарар ба манфиатҳои ҳамон қонуни ҷиноятии ҳифзшаванда дар ҳолатҳои дигар ифода мекунад. Он дар интихоби намуд ва андозаи ҷазо аз ҷониби суд дар доираи санксияи модда ё қисми он, ки амали содиршуда аз рӯйи он бандубаст карда шудааст, зоҳир мешавад [65, с. 16].

Мувофиқи м. 28 КҶ ҶТ, шахсе, ки ҷинояти марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) содир кардааст, танҳо дар сурате ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар ҳаракатҳои худро, ки дар тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ифода ёфтаанд, дарк намояд. Гарчанде ки ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки бо даркнамоӣ ҳаракат мекунанд, принсипи пойдор аст, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаи ягона дар бораи он, ки мундариҷаи даркнамоии шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, бояд чиро дарбар гирад, вуҷуд надорад. Мувофиқи ақидаи А.Н. Трайнин, барои маҳкум кардани рафтор, дарки шахс ба ҷамъият хавфнокии ҳаракати худ, зарур аст. Ин даркнамоӣ, ба андешаи ӯ, яке аз нишонаҳои гуноҳ, ки ҳам ба сифати унсури таркиби ҷиноят ва ҳам асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ баромад мекунад, ифода мегардад [73, с. 126]. Баръакси ин, А.И. Рарог бар ин назар аст, ки ба таркиби қасд ҳамчун унсури тарафи субъективии ҷиноят на танҳо фаҳмиши шахси гунаҳгор дар бораи ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои (беҳаракатии) худ, балки дарки хусусияти ғайриқонунии ин ҳаракатҳо, дохил мешаванд. Олим изҳор медорад, ки «дарки (ва дар сурати беэҳтиетӣ имконияти дарк кардани) хусусияти ғайриқонунии кирдори содиршуда бояд ҳамчун хусусияти ҷудонопазири шакли қасдонаи гуноҳ баррасӣ карда шавад» [60, с. 81].

Набудани муносибати якхела ба муайян кардани мундариҷаи даркнамоӣ бо қасди бевосита дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст. Тавре ки аз м. 28 КҶ ҶТ бармеояд, таҳияи қасд талаботи шахсро дар бораи зиддиҳуқуқӣ будани ҳаракатҳои (баҳаракатии) ҷиноятии ӯ дар бар гирифта нашудааст. Эҳтимол, қонунгузор онро ба назар гирифтааст, ки

зиддиҳуқуқӣ будани ҷиноят, тибқи м. 17 КҶ ҶТ, ифодаи ҳуқуқии ба ҷамъият хавфнокии ҷиноят мебошад. Аз ин рӯ, агар шахс ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк намояд, пас ӯ хусусияти зиддиҳуқуқӣ будани онро низ бояд дарк кунад.

Бо вуҷуди ин, ин нуқтаи назар аз нуқтаи назари амалӣ ва назариявӣ шубҳанок менамояд. Якум, муайян кардани мафҳуми «ба ҷамъият хавнокӣ» на танҳо барои шаҳрвандони одӣ, ки маълумоти ҳуқуқӣ надоранд, балки барои мутахассисоне, ки қонунгузории ҷиноятиро дар амал татбиқ мекунанд, мушкилот эҷод мекунад. Мувофиқи маълумоти А.Ф. Зелинский ва Н.И. Коржанский, танҳо 14% маҳкумшудагон ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои худро эътироф карданд, 4% аз ҷавоб канорагирӣ кардаанд ва 82% ҷавоби манфӣ додаанд. Дар баробари ин, 14,3% маҳкумшудагон изҳор доштанд, ки дар бораи оқибатҳои ҷинояти худ умуман фикр накардаанд ва 31,7% қайд карданд, ки онҳо дар бораи ба ҷамъият хавфнокӣ ҳатто фикр накардаанд. Дуюм, дар таълимоти ҳуқуқии ҷиноятӣ тафсири ягонаи мафҳуми «ба ҷамъият хавфнокӣ» [88, с. 27] вуҷуд надорад. Масалан, М.И. Ковалев чунин мешуморад, ки ба ҷамъият хавфнокӣ аз доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ берун баромада, дар воқеияти иҷтимоӣ вуҷуд дорад [40, с. 59]. Ба ақидаи П.А. Фефелов, асоси ба ҷамъият хавфнокӣ ҳаракатҳое мебошанд, ки бо содир ва эълон шудан метавонанд барои дигарон намуна бошанд ва дар оянда ба содир кардани ҷиноятҳои шабеҳ оварда расонанд [80, с. 27]. А.И. Марсев категорияи «ба ҷамъият хавфнокӣ»-ро пешниҳод мекунад, ки аз маънидодкуниҳои қаблан баррасишуда фарқ мекунад. Вай изҳор медорад, ки хавф метавонад дар шакли хеле абстрактӣ ва умумӣ қабул ва арзёбӣ карда шавад. Аз ин рӯ, ҳангоми таъин кардани ҷазо суд на худи ба ҷамъият хавфнокиро, балки бевосита оқибатҳои ҷиноятро, яъне дараҷаи зарари ҷамъиятиро, ки ченшаванда аст, баҳо медиҳад. Аз ин рӯ, муаллиф пешниҳод мекунад, ки категорияи «зарари ҷамъиятӣ» ҷорӣ карда шавад, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳоло вуҷуд надорад [97, с. 153-154].

Тафсирҳои гуногуни мафҳуми «ба ҷамъият хавфнокӣ» дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар баъзе олимон шубҳаҳои асоснокро дар бораи тафсири сохтори қонунгузории «даркнамоӣ» дар робита ба шакли гуноҳи қасдона, ба вуҷуд меоранд. Зеро, тибқи м. 28 КҶ ҶТ, шахс бояд ҳам ба ҷамъият хавфнокии кирдори худ ва ҳам оқибатҳои ин кирдорро дарк кунад. Дар робита ба ин, В.В. Лунеев дуруст қайд мекунад, ки: «ба назар гирифтани он, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят субъект дар бораи ба ҷамъият хавнокии кирдори худ фикр мекунад, маънои онро дорад, ки шахс ба дарки нодурусти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки ба идеализатсияи воқеияти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва шуури баланди ҳуқуқии шаҳрвандон асос ёфтааст, дода мешавад. Як омили ягона, ки барои ҷинояткор аҳаммияти воқеӣ дорад, донистани зиддиҳуқуқӣ будани кирдори худ мебошад, аммо он дар мафҳуми гуноҳ вуҷуд надорад (моддаҳои 25, 26 КҶ Федератсияи Россия (мувофиқ ба моддаҳои 28, 29 КҶ ҶТ))» [130, с. 105]. В.В. Лунеев бар ин назар аст, ки барои баромадан аз вазъияти мавҷуда ба мафҳуми гуноҳ ислоҳот ворид кардан лозим аст, ки дар он нишонаи дарки зиддиҳуқуқӣ будани кирдор дохил карда шавад. Барои ин ӯ пешниҳод мекунад, ки аз принсипи фарзияи воқеӣ, ки тибқи он «надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад», даст кашидан лозим аст [49, с. 35-36].

Масъалаи «даркнамоӣ» бешубҳа аҳаммияти муҳимми амалӣ дорад, аз ҷумла ҳангоми муайян кардани таркиби ҷинояте, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), алоқаманд аст. Ҷавоб ба ин савол бевосита ба талаботҳои давлат нисбати шаҳрвандон оид ба риояи санадҳои меъёрӣ ва инчунин дараҷаи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо таъсир мерасонад. Дар айни замон, муқаррароте, ки ҳангоми содир кардани ягон ҷиноят шахс бояд хусусияти зиддиҳуқуқӣ будани кирдори худро дарк кунад, мутлақо ҳисоб намешавад. Гузашта аз ин, талаби донистани пурраи шаҳрвандон оиди ҳама манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, алахусус, ба истилоҳ «муқаррароти бланкетӣ»-ро дар бар мегирад, беасос ба назар мерасад. Аз ин рӯ,

пешниҳодҳои мутахассисоне, ки зарурати муайян кардани гуноҳро дар сатҳи қонунгузорӣ ҳамчун муносибати рӯҳӣ ба кирдоре, ки на танҳо барои ҷамъият хавфнок, инчунин зиддиҳуқуқӣ низ мебошад, асоснок мекунанд, ба воқеиятҳои муосири татбиқи ҳуқуқ мувофиқтаранд. Масалан, В.А. Якушин таърифи зерини мафҳуми гуноҳро пешниҳод мекунад: «Гуноҳ муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдори барои ҷамъият хавфнок ва зиддиҳуқуқӣ-ҷиноятии содиршавандае мебошад, ки дар шаклҳои пешбининамудаи қонун ифода ёфта, робитаи равандҳои зеҳнӣ, иродавӣ ва эҳсосии руҳии шахсро бо кирдор ошкор мекунад ва ба ин васила барои гунаҳгоркунии субъективӣ, бандубасти кирдор ва муайян кардани ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ асос мебошад» [83, с. 122].

Аз санадҳои меъёрӣ ва консепсияҳои назариявӣ дар бораи даркнамоӣ дар ҷиноятҳои қасдона хулоса баровардан мумкин аст, ки қасди бевоситаи шахсе, ки ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро содир менамояд, ҳам ба ҷамъият хавнокӣ ва ҳам зиддиқонунӣ будани ин кирдорро дарк менамояд. Аз ин рӯ, мазмуни қасд аз инъикоси руҳии шахс оид ба хусусияти барои ҷамъият хавфнок ва зиддиҳуқуқӣ будани ҳаракатҳои худ иборат аст. Дар ин ҳолат, дарки зиддиҳуқуқии ҷиноятӣ будани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) маънои онро дорад, ки шахс аз ҷавобгарии ҷиноятии эҳтимолӣ барои ҳаракатҳои худ (аққалан оиди хусусиятҳои умумии он) хабардор буда, аз манъи ин ҳаракатҳо бо таҳдиди татбиқи ҷазо огоҳ буд.

Дар ҷараёни мубориза бо сохтакории пул аксар вақт ҳолатҳое ба миён меоянд, ки ҳаракатҳое, ки дар асл ба тайёрӣ ё суиқасди тайёр кардани нишонаҳои пулии қалбакӣ монанд мебошанд, бо ноил шудан ба мақсадҳои дигар алоқаманданд. Дар чунин ҳолатҳо, баҳодиҳии ҳуқуқии дақиқи кирдор аз омӯзиши ҳамаҷонибаи тарафи субъективии ҷиноят вобаста аст.

Дар ин бора Ю.В. Солопанов аз таҷрибаи судӣ-тафтишотии

Озарбойҷон мисол меорад. Ҳамин тавр, соли 1948 мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ин ҷумҳурӣ шаҳрванд Т.-ро бо гумони тайёр кардани пули қалбакӣ дастгир карданд. Дар ҷараёни кофтукови ин шахс ду банкнотаи аслии 100-рублӣ бо нишондиҳандаҳои якхелаи силсила ва рақамҳо (яке аз онҳо, тавре ки баъдтар муайян карда шуд, рақами қалбакӣ дошт), се изи оинавии банкнотаи 100-суми ҳамон рақам ва силсила, ки дар коғази сигор сохта шудаанд ва 16 500 сум бо банкнотаи 100-сума пайдо карда шуданд. Ин пулҳо аслӣ буданд, аммо нишонаҳои таъсири кадом як моеъро доштанд. Бо назардошти хусусияти ашёҳои гирифташуда, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ парвандаи ҷиноятӣ оғоз карданд ва ба Т. дар тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), айб эълон карданд.

Дар тафтишоти пешакӣ айбдоршаванда изҳор дошт, ки ӯ ҷинояти қаллобиро содир кардааст, на тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта). Вай изҳор дошт, ки ашёҳои аз ӯ гирифташуда барои содир кардани қаллобӣ буданд, ки онро моҳи марти соли ҷорӣ дар Киев нисбат ба шаҳрвандон Р. ва П. бомуваффақият анҷом дод ва дар натиҷа зиёда аз 100 ҳазор сумро ба даст овард. Айбдоршаванда дар бораи кирдори худ нишондоди муфассал дод. Вай шахсони дорои маблағҳои калони пулиро, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, ҷустуҷӯ мекард ва ба онҳо имконият медод, ки «пасандозҳоро» бо роҳи тайёр кардани нишонаҳои пулии қалбакӣ бо усули ихтироъкардаи худ ба осонӣ афзоиш диҳанд. Барои боварибахш будан, айбдоршаванда ин усулро бо гирифтани тасвири оинавии банкнота нишон дод ва сипас, дар назди «мизоҷон», бевосита тасвир намуд. Дар асл, ӯ бо маҳорати баланд шарики худро фиреб медод, ба ҷои пулҳои қалбакӣ, банкнотаи аслии дигарро бо силсила ва рақами якхела нишон медод. Сипас, бо истифода аз тамаъкории шарики худ, айбдоршаванда розигии ӯро барои нусхабардории тамоми пули мавҷуда ба даст овард ва дар муҳлати муайяншуда бо як ҷомадоне, ки дар он «таҷҳизоти гуногун барои тайёр

кардани пули қалбакӣ» мавҷуд буданд, ба хонаи ӯ омад. Дар оғози кор, айбдоршаванда бо шарики худ ҳар як банкнотаро ба таркиби химиявӣ тар карда, варақҳои коғази сигорро ба болои онҳо мегузошт ва бастаи ташаккулёфтаро бо пахта печонда, бо банд мебаст. Сипас, дар як лаҳзаи мусоид, ӯ ин бастаро аз шарики худ пинҳонӣ тасарруф карда, онро бо бастаи пешакӣ омодашудаи коқази тоза, ки бо пахта печонида шуда буд ва бо омехтаи намаки бертолет ва селитра тар карда шуда буд, ба истилоҳ «пушка», иваз мекард.

Баъдтар ин ашё, ки зери ниқоби як бастаи пулӣ пинҳон карда шуда, дар қуттии махсус ҷойгир карда мешуд. Бо ёрии сӯрохии сарпӯши қуттии он ба дохилаш кислотаи сулфат рехта мешуд. Дар натиҷаи реаксияи химиявӣ, таркиш ба амал омада, ашёҳои дохили қуттӣ зуд нобуд карда мешуд ва фиреби назари сӯхтани пулро ба вуҷуд меовард. Бояд қайд кард, ки нишондодҳои Т., ки ба тафтишот додашуда буданд бо дигар маводҳои парванда, аз ҷумла нишондодҳои ҷабрдида П. тасдиқ карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, суди вилояти Киев бо ҳукми худ аз 07 феврали соли 1949 ҳаракатҳои Т.-ро ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳои марбут ба қаллобӣ ва тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст карда ӯро ба даҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ бо мусодираи молу мулк маҳкум кард [69, с. 42].

Дар парвандаи шаҳрванд Т. ҳам тафтишот ва ҳам суд хатогиҳои мурофиавӣ содир кардаанд. Дар ҳақиқат, гумроҳ кардан нисбати рақами силсилавӣ дар банкнотаи аслии пулӣ, ки шаҳрванд Т. анҷом додааст, наметавонад ҳамчун сохтани пули қалбакӣ бандубаст карда шавад, зеро он ба афзоиши арзиши номиналии банкнота оварда намерасонад ва аз ин рӯ барои гардиши воситаҳои пулӣ оқибатҳои манфӣ надорад. Дар ин ҳолат танҳо дар бораи мавҷудияти аломатҳои тайёрӣ ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) сухан рондан мумкин аст. Аммо, барои чунин бандубаст асос вуҷуд надорад, зеро тарафи субъективии ҳаракатҳои шаҳрванд Т. на ба пурра тайёр кардани нишонаҳои пулӣ, балки ба тайёр кардани пулҳои

нимтайёр бо мақсади содир кардани ҳаракатҳои қаллобӣ равона карда шудааст. Аз ин рӯ, суд барои гунаҳгор эътироф намудани шаҳрванд Т. на дар тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), на дар суиқасд ё тайёрӣ ба ин кирдор асосҳои кофӣ надошт.

Рафтори ҷабрдида П. ҳангоми содир кардани қаллобӣ сазовори таваҷҷӯҳи махсус аст. Ҳодисае, ки П. дар якҷоягӣ бо Т. кӯшиш кард, ки пулҳои қалбакӣ (сохта) тайёр кунад, аммо аз сабаби хатогӣ дар реагентҳои химиявӣ ба мақсад нарасид, ба ақидаи тафтишот ва суд, барои ба ҷавобгарӣ кашидани ӯ барои суиқасд ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) асос мебошад. Ҳаракатҳои П. қасдона буданд ва онҳо ба тайёр кардани пулҳои қалбакӣ (сохта) равона шуда буданд. Бо вуҷуди он ки ҳаракатҳои П.-ро ҳамчун суиқасд нисбати воситаҳои нобоб, ки таҳти таъсири саҳви субъективӣ нисбати мавод ва асбобҳои истифодашуда содир шудааст, бандубаст кардан мумкин аст, ба ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои ӯ аён аст. Дар ин ҳолат, мавҷуд будани саҳв, ба сифати асоси аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудан, баромад карда наметавонад.

Баъзан мавҷудияти қасд дар кӯшиш намудан барои ба даст овардани натиҷаҳои муайян зоҳир мешавад, ки метавонанд ҳамчун мақсади ниҳоии кирдор, марҳилаи миёнаи татбиқи он, воситаи расидан ба мақсад ё унсури зарурии он, баромад кунад.

Дар сурати тайёр кардани нишонаҳои пули қалбакӣ, ба ғайр аз қасди бевосита дар содир кардани ин ҷиноят, бояд мавҷудияти мақсади махсуси фаъолияти ҷиноятӣ – мақсади ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ (сохта) ҳамчун пулҳои аслиро, муайян кард.

Қонунгузории ҷиноятӣ бевосита «тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷиро» [1] ҳамчун ҷиноят муайян мекунад. Аз ин

рӯ, тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) танҳо барои минбаъд ба муомилот баровардани онҳо ҳамчун ҷинояти пешбининамудаи қонун муайян карда мешавад. Тайёр кардани чунин ҳуҷҷатҳо бо мақсадҳои дигар ҳамчун ҷинояти номбаршуда баррасӣ карда намешавад. Мувофиқи таҷрибаи маъмулии судӣ, агар банкнотаи қалбакӣ аз банкнотаи аслӣ баръало фарқ кунад, инчунин ҳолатҳои дигари парванда мавҷуданд, ки ба қасди гунаҳгор дар фиреби бераҳмонаи доираи маҳдуди шахсон ишора мекунанд, чунин амалҳоро ҳамчун қаллобӣ бандубаст кардан мумкин аст, ки ҷавобгарӣ барои он дар м. 247 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» новобаста аз он ки гунаҳгор ин воситаҳои қалбакии пардохтро худаш ба муомилот бароварда аст ё барои ин миёнаравҳоро истифода кардааст, ба миён меояд. Аммо, ҳангоми муқаррар кардани қасди ба муомилот баровардан дар ҳар як ҳолати мушаххас, бояд ҳолати корро ба назар гирифт. Агар тайёр кардани пули қалбакӣ бо ба муомилот баровардани он аз ҷониби худи тайёркунанда содир карда шавад, пас мақсади ӯ барои паҳн кардани воситаҳои қалбакии пардохт маълум аст. Дар ҳолатҳое, ки ба муомилот баровардан аз ҷониби шахсони сеюм бе иштироки бевоситаи тайёркунандаи он амалӣ карда мешавад, қасди ба муомилот баровардан танҳо ба таври бавосита муқаррар карда мешавад. Дар ин ҳолат бояд ҳамаи ҳолатҳои марбута, аз ҷумла шартҳои тайёр кардан ва додани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба миёнаравҳо, ки баъдан онҳоро ба муомилот мебароранд, ба назар гирифта шаванд.

Бояд қайд намуд, ки дар таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ ҳолатҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки маҳз бо мақсади ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ алоқаманданд. Масъалан, судшаванда Ҷ.Г.О. шаби 08-уми июни соли 2019 тахминан соати 01-00 дақиқа, бо мақсади ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ ҳангоми дар дохили тарабхонаи «Ш.Д» воқеъ дар шаҳри Душанбе қарор доштанаш бо

маблағи 100 (сад) сомонӣ машруботи спиртӣ истеъмол менамояд, сипас дар вақти пардохт намудани маблағи машруботҳои спиртӣ ва тамоку ба К.Ш.Р. корманди тарабхона як адад купюраи 100 (сад) долларои ИМА-и қалбакиро пардохт менамояд. Сипас К.Ш.Р. корманди тарабхона як адад купюраи 100 (сад) долларои ИМА-ро 900 (нуҳсад) сомонӣ қабул карда, ба Ҷ.Г.О. 800 (ҳаштсад) сомонӣ бақияпулӣ медиҳад. Пасон Ҷ.Г.О. ҳаракатҳои ғайриқонунии худро давом дода, боз як адад купюраи 100 (сад) долларои ИМА-ро ба С.Ф.Д. мизоҷи ҳамин тарабхона барои иваз намудан ба курби асъори миллӣ пешниҳод мекунад ва аз ин ҳаракати Ҷ.Г.О. – С.Ф.Д. ба шубҳа афтода дар хусуси қалбакӣ будани купюраи 100 (сад) долларои ИМА огаҳ гашта, К.Ш.Р. хабардор мекунад. Сипас К.Ш.Р. ба кормандони милитсия оиди ҳолати мазкур хабар мерасонад. Сипас зимни гузаронидани ЧОҶ аз ҷониби кормандони ШКЧ ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Ҷ. Г.О., дастгир карда шуда, дар ҳузури ду шахсони холис аз дасти номбурда ду адад купюраҳои 100 (сад) долларои ИМА гирифта мешавад. Мувофики маълумотномаи мутахассиси эксперти судии Раёсати ташхиси (экспертӣ) криминалистии РТК ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №7.., ду адад купюраҳои аз шаҳрванд Ҷ.Г.О., гирифташуда бо купюраҳои 100 (сад) долларои ИМА, ки дар муомилот мебошанд аз рӯи чоп ва меъёрҳои технологияи тайёркунӣ мувофиқат накарда, бо дастгоҳи чопии ранга тайёр карда шудаанд [139].

Муайян кардани мақсади ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ дар ҳолатҳое, ки ҳаракатҳои зиддиҳуқуқии тайёркунандаи пул дар марҳилаи тайёрӣ ба ҷиноят ё пас аз тайёр кардани пули қалбакӣ, вале пеш аз оғози ба муомилот баровардани онҳо қатъ карда мешаванд, вазифаи душвор аст. Барои ҳалли ин масъала таҳлили ҳамаҷонибаи ҳамаи ҳолатҳои кирдор зарур аст, ки ҳолати содир намудани он ва нақши шахси ба муомилот баровардаи онро ба дарбар мегирад. Ба ибораи дигар, муайян кардани мақсади ба муомилот баровардан метавонад дар доираи принсипҳои умумие, ки ба субъектҳои ҷинояти

марбут ба «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» дахл доранд, баррасӣ карда шавад.

Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда, вобаста ба тарафи субъективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Ҳамчун нишонаҳои иловагии таркиби ҷиноят, ангеза, мақсад ва эҳсосот танҳо дар сурате ҳатмӣ дониста мешаванд, ки агар онҳо бевосита бо меъёри дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ нишон дода шуда бошанд. Дар бандубасти ҳаракатҳое, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) алоқаманданд, ангеза ва эҳсосот нақши ҳалкунанда надоранд ва танҳо ҳангоми таъин кардани ҷазо ба назар гирифта мешаванд. Аломатҳои зарурии таркиби ҷиноят, ки мавҷуд будани онҳо боиси пайдоиши тарафи субъективии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» мегарданд, гуноҳ ва мақсад мебошанд.

2. Муайян гардидааст, ки дар КҶ ҶТ номувофиқатии принсипи қонуният (м. 4 КҶ ҶТ) бо мафҳуми қасд (м. 28 КҶ ҶТ) ҷой дорад, зеро қонунгузор дар КҶ ҶТ мафҳуми қасдро нисбати ҷиноятҳои бо таркиби расмӣ пешбинишуда, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ бештар паҳн шудаанд, пешбинӣ накардааст. Вобаста ба ин, мақсаднок ҳисобида мешавад, ки дар м. 28 КҶ ҶТ мафҳуми қасди бевосита нисбати ҷиноятҳои бо таркиби расмӣ пешбинишуда, ворид карда шавад. Бо назардошти маънидодкунии илмии гуноҳ, муаллиф чунин хулоса мебарорад, ки мазмуни қасди бевосита ҳангоми содир кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар он аст, ки шахс дарк мекунад, ки пул ё коғазҳои қиматноки қалбакиро тайёр мекунад ё ба муомилот мебарорад ва инро мехоҳад.

3. Қонунгузории ҷиноятӣ «бевосита тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо

асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷиро» [1] ҳамчун ҷиноят муайян мекунад. Аз ин рӯ, тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) танҳо барои минбаъд ба муомилот баровардани онҳо ҳамчун ҷинояти пешбининамудаи қонун муайян карда мешавад. Тайёр кардани чунин ҳуҷҷатҳо бо мақсадҳои дигар ҳамчун ҷинояти номбаршуда баррасӣ карда намешавад. Мувофиқи таҷрибаи маъмулии судӣ, агар банкнотаи қалбакӣ аз банкнотаи аслӣ баръало фарқ кунад, инчунин ҳолатҳои дигари парванда мавҷуданд, ки ба қасди гунаҳгор дар фиреби бераҳмонаи доираи маҳдуди шахсон ишора мекунанд, чунин амалҳоро ҳамчун қаллобӣ бандубаст кардан мумкин аст, ки ҷавобгарӣ барои он дар м. 247 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

3.2. Субъекти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)

Ҳангоми таҳлили шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ки ба субъекти ҷиноят дахл доранд, метавон хулоса кард, ки субъекти кирдор тибқи м. 281 КҶ ҶТ метавонанд ҳам шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандӣ бошад, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ба синни шонздаҳсолагӣ расида, ҳам дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар қаламрави дигар давлатҳо ҷиноят содир кардаанд. Ин муқаррарот ба таври умум эътироф шудааст, ки асоснокии иловагиро талаб намекунад. Бо вуҷуди ин, ҳангоми тавсифи субъекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ду масъала вуҷуд дорад, ки ба ҳалли онҳо диққати кофӣ дода нашудааст, яъне:

1. Масоили бандубасти ҳаракати шахсоне, ки субъекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) набуда, бо вуҷуди ин чунин предметҳоро ба даст оварда, баъдан

ба шахсони дигар месупорад.

2. Масоили тақсимоти ҷавобгарӣ барои тайёр кардани пули қалбакӣ (сохта), бо назардошти он, ки ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир карда мешавад.

Масъалаҳои зикршуда бояд муфассалтар баррасӣ карда шаванд. Мувофиқи м. 281 КҶ ҶТ, тарафи объективии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) метавонад бо шаклҳои зерини ҳаракатҳо ифода карда шавад:

- Ба муомилот даровардан ва ба соҳибияти каси дигар додани пулҳои қалбакӣ (сохта): вақте ки шахсе, ки дар бораи тақаллуби пул огоҳ аст, онро ба шахси дигар ҳамчун аслӣ медиҳад.

- Тайёрии ба муомилот баровардан: вақте шахсе, ки аз тақаллуби пулҳои аз дигарон гирифташуда огоҳ аст, онро ба шахси дигаре, ки аз тақаллуб огоҳ аст, медиҳад. Дар ин ҳолат, ба муомилот баровардан ё ба соҳибияти каси дигар додан ҳанӯз анҷом дода нашудааст.

- Муомилоти пули қалбакӣ: вақте шахсе, ки пули қалбакиро зери ниқоби пули аслӣ гирифтааст, онро ба шахси дигар медиҳад, вале пай намебарад, ки он қалбакӣ (сохта) аст. Чунин ҳаракатҳо ҷиноят ҳисобида намешаванд, зеро онҳо дар натиҷаи ба саҳви воқеӣ роҳ додан содир гардидаанд, ки қасдро истисно мекунанд.

- Интиқоли минбаъдаи пули қалбакӣ (сохта): вақте шахсе, ки пули қалбакӣ (сохта)-ро зери ниқоби пули аслӣ гирифтааст ва қалбакӣ (сохта) будани онро фаҳмидааст, онро ба шахси дигар боз ҳамчун пули аслӣ медиҳад. Ин ҷанба баъдтар муфассалтар баррасӣ карда мешавад.

Ҳамаи ҳолатҳои баррасишудаи иштироки шахс дар ҷинояти марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) метавонанд аз рӯи шаш намуд тасниф карда шаванд:

1. Интиқоли пули қалбакӣ ҳамчун пули аслӣ. Шахсе, ки пули қалбакӣ (сохта)-ро тайёр кардааст, онро ба шахси дигар дода, ҳамчун аслӣ нишон медиҳад.

2. Интиқоли пули қалбакӣ ба шахсе, ки дар бораи қалбакӣ (сохта) будани он медонад. Шахсе, ки пули қалбакӣ (сохта)-ро тайёр кардааст, онро ба шахси дигаре медиҳад, ки оиди қалбакӣ (сохта) будани он медонад.

3. Интиқоли беэҳтиётонаи пулҳои қалбакӣ (сохта). Шахсе, ки пули қалбакиро ҳамчун пули ҳақиқӣ гирифтааст, онро ба шахси сеюм медиҳад, бе гумони он ки пулҳо қалбакӣ мебошанд.

4. Интиқоли қасдонаи пули қалбакӣ (сохта) пас аз ошкор шудани қалбакӣ (сохта) будани онҳо. Шахсе, ки пули қалбакиро ҳамчун пули аслӣ гирифтааст ва қалбакӣ будани онро ошкор кардааст, онро ҳамчун пули аслӣ ба шахси сеюм медиҳад.

5. Дидаву дониста додани пули қалбакӣ (сохта) ба шахсе, ки оиди қалбакӣ будани он медонад. Шахсе, ки дидаву дониста пули қалбакиро гирифтааст, онро ба шахси сеюм медиҳад, ки ӯ низ аз қалбакӣ будани он огоҳ аст.

6. Қасдан додани пулҳои қалбакӣ (сохта) ҳамчун пули аслӣ. Шахсе, ки дидаву дониста пули қалбакиро гирифтааст, онро ҳамчун пули аслӣ ба шахси сеюм медиҳад.

Бо дарназардошти хусусияти дақиқ ва якрангии танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар м. 281 КҶ ҶТ, ҳалли масъалаи баҳодиҳии ҳаракатҳои шахсоне, ки чунин пулро соҳиб мешаванд ва интиқол медиҳанд, асоснок дониста мешавад.

Дар заминаи баҳодиҳии ҳаракатҳои шахсоне, ки пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро ба даст меоранд, ду ҳолатро ҷудо кардан мумкин аст:

а) ба даст овардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз ҷониби шахсе, ки софдилона оид ба сифати онҳо иштибоҳ кардааст. Дар ин ҳолат ҷавобгарии ҷиноятӣ бо м. 281 КҶ ҶТ истисно карда мешавад, зеро гуноҳи шахс дар ин ҷо вуҷуд надорад;

б) ба даст овардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз

ҷониби шахсе, ки номувофиқатии онҳоро ба аслӣ дарк мекунад ва ният дорад, ки онҳоро бо мақсади ба даст овардани фоидаи хусусияти моддидошта ба муомилот барорад. Н.А. Лопашенко пешниҳод мекунад, ки «ҳаракатҳои чунин шахсро ҳамчун суиқасд ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст намудан лозим аст» [46, с. 247]. Аммо ин нуқтаи назар шубҳанок аст. Азбаски, ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи м. 281 КҶ ҶТ танҳо барои содир кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) муқаррар карда мешавад, аз ин рӯ соҳиб шудан ба пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ ба тарафи объективии ин ҷиноят мувофиқат намекунад. Гузашта аз ин, ин ҳаракатҳо наметавонанд ҳамчун суиқасд ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст карда шаванд. Мо фикр мекунем, ки ҳаракатҳое, ки ба соҳиб шудан ба пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) равона карда шудаанд, метавонанд танҳо ҳамчун тайёрӣ ба ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст гарданд, ба шарте ки шахс дарк кунад, ки онҳо ба пул ё коғазҳои қиматноки аслӣ мувофиқат намекунанд.

Рафтори шахсе, ки пул ё коғазҳои қиматноки қалбакиро аслӣ меҳисобад ва сипас онро ба шахси дигар ҳамчун аслӣ мегузаронад, сазовори таваҷҷӯҳи махсус аст. Дар асл, сухан дар бораи дубора ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ аз ҷониби шахсе меравад, ки онҳоро ҳамчун аслӣ қабул кардааст. Тибқи қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин кирдор ҳамчун ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст дода мешавад. Аммо дар қонунгузории ҷиноятии Фаронса муносибати содиқонатар ба бароришии такрории пулҳои қалбакӣ аз ҷониби шахсе, ки онҳоро саҳван ҳамчун аслӣ қабул кардааст, мушоҳида мешавад. Ҳамин тавр, тибқи м. 442-7 Кодекси ҷиноятии Фаронса, «шахсе, ки пас аз ошкор шудани қалбакӣ будани пул

онро дубора ба муомилот баровардааст, метавонад ба маблағи 7,5 ҳазор евро ҷарима карда шавад». Дар айни замон, тибқи м. 442-2 Кодекси ҷиноятии Фаронса, барои ба муомилот баровардани пули қалбакӣ (таркиби асосии ҷиноят) маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 10 сол бо ҷарима пешбинӣ шудааст. Чунин мавқеи қонунгузори Фаронса комилан асоснок ба назар мерасад ва метавонад аз ҷониби қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикисон ба назар гирифта шавад. Зеро кирдоре, ки бо барориши дуюмбораи пулҳои қалбакӣ ба муомилот алоқаманд аст, аз рӯйи дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ нисбат ба бевосита содир намудани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) хеле пасттар аст, зеро зарари воқеӣ ба объекти ҷиноят (низоми пулию қарзӣ) аллакай дар лаҳзаи барориши аввалини пулҳои қалбакӣ ба муомилот, расонида шудааст. Дар робита ба ин, мо нуқтаи назари дар адабиёти илмӣ баёншударо дар бораи он, ки ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки беихтиёр пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро ҳамчун воқеӣ қабул кардаанд, бояд нисбат ба таркиби асосии ҷиноят, ки дар қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҳамчун ҷинояти хавфи камтардошта баррасӣ карда шавад.

Дар ин асос пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 281 КҶ ҶТ қисми иловагӣ (чорум) ворид карда шавад, ки ҳолатҳои сабуккунандаи кирдори баррасишавандаро муқаррар мекунад. Ҳамчун варианти таҳрири нави меъёри пешниҳодшуда чунин ҷумлабандӣ пешниҳод карда мешавад: «Ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби шахсе содир шудааст, ки хусусияти қалбакии онҳоро дарк накарда бошад» ва дар санксияи он чунин ҷазое пешбинӣ гардад, ки нисбат ба ҷазое, ки дар қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, сабуктар бошад.

Таъкид кардан муҳим аст, ки ба даст овардани пулҳои қалбакӣ бо мақсади ба муомилот баровардани онҳо ҳамчун пули аслӣ бо гирифтани

онҳо бевосита аз шахси тайёрнамудаи онҳо ё ёрдамчиёни ӯ маҳдуд намешавад. Ба даст овардани пули қалбакӣ метавонад бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла тавассути тасарруф ё аз они худ кардани бозёфти онҳо, вақте ки шахси паҳнкунандаи пули қалбакӣ аз шахсияти тайёркунанда огоҳ нест, амалӣ карда шавад.

Гум кардани пулҳои қалбакӣ, инчунин тасарруфи онҳо, худ аз худ таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳад. Дар чунин ҳолатҳо, тарафи объективии ҷиноят вуҷуд надорад, махсусан додани пули қалбакӣ ба шахси дигар ҳамчун аслӣ, сурат намегирад. Инчунин тарафи субъективӣ, яъне қасди ба муомилот даровардани пулҳои қалбакӣ маҳз бо ин роҳ, низ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, шахс барои пайдоиши пулҳои қалбакии гумкардааш дар муомилот ҷавобгар нест. Гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ таркиби ҷинояти марбут ба муомилот баровардани пули қалбакиро истисно мекунад.

Таҳқиқот нишон дод, ки тарзи ба муомилот баровардани пули қалбакӣ ба баҳодиҳии ҳуқуқии ин ҷиноят таъсир намерасонад. Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари пурзӯр намудани мубориза бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлили амалияи судӣ-тафтишотӣ вобаста ба ин масъала муҳим аст.

Таҳлили 98 парвандаи ҷиноятии марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба хулосае меоранд, ки аксарияти ҷиноятҳои ин намуд дар рафти хариду фурӯши молҳо содир карда мешаванд. Ҷиноятқорон кӯшиш мекунанд, ки пули қалбакиро тавре ба муомилот бароранд, ки хатари ошкоршавии кирдори онҳо кам шавад ва миқдори зиёди пули аслиро ба даст оранд. Ин тамоюл дар аксари ҳолатҳои ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ ба таври равшан зоҳир мешавад. Аз ин ҷост, ки шумораи зиёди ҳолатҳои ба муомилот баровардани банкнотаҳои қалбакӣ дар бозорҳо, дӯконҳо ва дигар ҷойҳои шабеҳ, ки савдо зуд, дар шароити серодам, аксар вақт дар равшании нокифоя сурат мегирад ва дар он ҷо харидорон на ҳамеша барои муайян кардани аслияти пул дониши кофӣ доранд.

Вобаста ба ин ҳолат метавон аз таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ чунин мисол овард. К.Т.О. бо мақсади ба даст овардан ва ба муомилот баровардани купюраҳои сохтаи хориҷӣ (доллари ИМА) санаи 25 июни соли 2024 аз «М.» ном шахси шахсияти пурраш ба тафтишоти пешакӣ номаълум, 65 (шасту панҷ) адад купюраҳои 100 (сад) долларои ИМА-ро, ки аз Ҷумҳурии Туркия тавассути «М.» равон шуда буд, аз фурудгоҳи байналмилаии шаҳри Душанбе қабул намудааст. Сипас, К.Т.О. худи ҳамон рӯз бо мақсади харидори намудани телефони мобилии тамғаи «Айфон 15» бо ҳамроҳии шаҳрванд Ф.М., ки он вақт дар шаҳри Дубай (Аморати муттаҳидаи Араб) қарор дошта будааст, ҳамсуҳбат шуд, ва зимни суҳбат Ф.М. қайд намуда будааст, ки маблағи пулии телефони мобилии тамғаи «Айфон 15»-ро ба шиносаш бо номи Ғ.С.М. бурда расонад ва ӯ телефони мобилии фармоишнамударо равон менамудааст. К.Т.О., оиди қалабакӣ будани купюраҳои доллари ИМА медонистааст ва барои амалӣ кардани мақсади ғаразноки худ санаи 25.06.2024 тахминан соатҳои 21:30 дақиқа ба суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомони назди «М.И.» ташриф оварда бо Ғ.С.М. вохӯрда ба номбурда 11 (ёздаҳ) адад аз купюраҳои қалбакии қабулнамудаашро барои пардохт намудани маблағи телефони мобилии тамғаи «Айфон 15», ки фармоиш дода буд, бурда додааст. Санаи 26 июни соли 2024 К.Т.О., пас аз он ки Ғ.С.М аз қалбакӣ будани 11 (ёздаҳ) адад купюраи 100 (сад) долларои ИМА огаҳ гашта, ба кормандони РВКД дар шаҳри Душанбе муроҷиат намудааст ва К.Т.О. аз ҷониби кормандони милитсия дастгир карда шуд [142].

Бояд ба масъалаи интиқоли минбаъдаи пулҳои қалбакӣ диққати махсус дода шавад. Бешубҳа, шахсоне, ки пули қалбакиро бидуни огоҳ будан оиди қалбакӣ будани он ба даст меоранд, наметавонанд барои интиқоли минбаъдаи онҳо ҷавобгар бошанд. Набудани қасди расонидани зарар ба давлат ё манфиатҳои хусусии шаҳрвандон, ки аз надонистани тақаллуб ба вуҷуд омадааст, ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад. Дар айни замон, интиқоли пули қалбакӣ ба шахсони

воқеӣ пас аз он ки қалбакӣ будани он ба соҳибаш маълум шуд, ҳуқуқвайронкунии вазнин ҳисоб мешавад. Чунин ҳаракат дорои фиреби қасдона бо мақсади ба даст овардани фоидаи шахсӣ мебошад ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, оварда мерасонад.

Дар ҷараёни интиқоли минбаъдаи маблағҳои пулӣ нишонаҳои қасдан ба муомилот даровардани пулҳои қалбакӣ мушоҳида карда намешаванд. Шахсе, ки пули қалбакӣ мегирад, ин корро дар лаҳзае мекунад, ки он аллакай дар муомилот аст ва дар зери ниқоби пули аслӣ мебошад. Он, ки аз қалбакӣ будани пулҳо бехабар аст, онҳоро ба шахси дигар медиҳад. Байни ба муомилот даровардани пулҳои қалбакӣ ва пешгирии ғайрифаъоли паҳншавии онҳо дар сурати мавҷуд будани чунин имконият дар шахсе, ки пули қалбакиро интиқол медиҳад, фарқиятҳои асосӣ мавҷуданд. Ин фарқиятҳо аёнанд ва далелҳои иловагиро талаб намекунанд. Ин дар раванди таҳияи Низомнома дар бораи ҷиноятҳои давлатӣ, зиддинқилобӣ ва махсусан вазнин барои ИҶШС ба муқобили тартиби идоракунии соли 1927 инъикос ёфта буд. Қонунгузор кӯшиш мекард, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ба муомилот баровардани пули қалбакии шахсоне, ки тасодуфан як ё ду банкнотаи қалбакиро гирифта, онро аслӣ меҳисобиданд, истисно кунад.

Интиқоли пулҳои қалбакӣ пас аз тайёр кардани онҳо наметавонад ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда шавад, сарфи назар аз мавҷудияти унсури фиреб ва эҳтимолияти расонидани зарар ба молу мулки шахсони сеюм. Қаллобӣ дар «қасдан ба даст овардани молу мулки ғайр ё ба даст овардани ҳуқуқ ба он тавассути фиреб ё суиистифодаи боварӣ» [1], ифода мегардад. Аммо дар ҷараёни интиқоли маблағҳои қалбакӣ нишонаҳои чунин ҷиноят вуҷуд надорад, зеро шахси интиқолдиҳанда ба афзоиши молу мулки худ аз ҳисоби дигарон кӯшиш намекунад.

Дар таҷрибаи судӣ вобаста ба парвандаҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҳолатҳои интиқоли пули қалбакӣ ба назар мерасанд. Бояд қайд кард, ки

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чунин ҳаракатҳоро аз ба муомилот баровардани пулҳои қалбакӣ дуруст фарқ мекунанд.

Аз муқаррароти қаблан зикршуда метавон хулоса кард, ки ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар ноором кардани муомилоти пулӣ ифода мегардад. Бо вуҷуди ин, чунин оқибатҳо танҳо дар сурате имконпазир мебошанд, ки шумораи пулҳои қалбакии дармуомилотбуда дар баробари пулҳои аслӣ зиёд карда шаванд. Ҳангоми муомилоти пулӣ қабули банкнотаҳо барои пардохти молҳо ва хидматҳо, инчунин ҳаракати озоди онҳо ҳангоми анҷом додани амалиётҳои гуногуни қонунӣ ҳатмист. Аён аст, ки пулҳои қалбакӣ метавонанд дар чунин муносибат танҳо дар зери ниқоби аслӣ иштирок кунанд, яъне вақте ки иштирокчиёни созишнома аз қалбакӣ будани онҳо огоҳ нестанд. Ҳеҷ кас вазифадор нест, ки пули қалбакиро барои молҳо, хидматҳо ва дигар намудҳои муомилот қабул кунад. Чунин пулро танҳо бо сабаби ғалат ё бо сабаби иштибоҳ кардан дар бораи аслӣ будани онҳо қабул мегарданд. Шахсе, ки бори аввал пули қалбакиро бо ниқоби пули аслӣ ҳангоми анҷом додани ягон амалиёт баровардааст, фиреб медиҳад, зеро ба тарафи дигар дар бораи табиати воқеии маблағҳои интиқолёфта хабар намедиҳад. Маҳз ин амали фиреб маънои ворид кардани пули қалбакиро ба муомилот, ифода мекунад. Муомилоти минбаъдаи ин пулҳои қалбакӣ дар баробари пулҳои аслӣ то лаҳзаи аз муомилот баровардани онҳо идома меёбад.

Гарчанде ки мо ба лаҳзаи фиреб ишора кардем, пулҳои қалбакӣ метавонанд дар байни шахсони гуногун то ин лаҳза гардиш кунанд. Масалан, як тайёркунандаи пули қалбакӣ метавонад онро ба шарики худ супорад, ки ӯ дар навбати худ онро ба шахси сеюм медиҳад ва ғайра. Дар ин ҳолат, ҳар як иштирокчии ин занҷири ҷиноятӣ огоҳ хоҳад шуд, ки ин пулҳо қалбакӣ мебошанд. Чунин интиқол метавонад на танҳо ройгон, балки бо мақсади ба даст овардани ҳисса аз даромади ҷиноятӣ, ки дар натиҷаи ба муомилоти минбаъда баровардани пули қалбакӣ ба даст

оварда шудааст, амалӣ карда шавад. Ғайр аз ин, он ҳангоми хариду фурӯши банкнотаи қалбакӣ имконпазир аст, ки барои он харидор 30-60% арзиши номиналии банкнотаро пардохт мекунад. Ҷиҳати аён намудани ҳолати мазкур аз таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ мисоли зеринро овардан мақсаднок аст.

Ҳамин тариқ, К.Т.О. бо мақсади ба даст овардан ва ба муомилот баровардани купюраҳои қалбакии хориҷӣ (доллари ИМА) бо роҳи харидорӣ намудани онҳо аз хориҷи кишвар тавассути шиносаш М., ки дар Ҷумҳурии Туркия қарор доштааст, К.Т.О. ба М. 20 000 (бист ҳазор) сомонии ҷамъовардаашро санаи 13.06.2024 сол фиристонида будааст. Аз байн 12 шабонарӯз аз ҳолати мазкур гузашта будаст, ки санаи 25.06.2024 шиносаш М. аз Ҷумҳурии Туркия ба ӯ занг зада гуфта будааст, ки ба ӯ 32 (сию ду) адад купюраҳои қалбакии 100 (сад) доллараи ИМА-ро тавассути як нафар ҷавон, ки номи ӯ низ М. будааст, фиристодаасту таъкид намудааст, ки ба фурудгоҳ рафта ӯро интизор шавад ва пулро аз дасташ гирад. Сипас худи ҳамон вақт пас аз гуфтугӯи телефонӣ бо М., ки ӯ дар Ҷумҳурии Туркия қарор дошт, К.Т.О. барои пешвозгирӣ ба Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе рафта аз дасти М. рӯйкаши матои кӯрпачаро, ки дар дохили он 32 (сию ду) адад купюраҳои қалбакии 100 (сад) доллараи ИМА пинҳон карда шуда будааст, гирифтааст [142]. Чӣ тавре аз ин мисол бармеояд, айбдоршаванда К.Т.О., 32 (сию ду) адад купюраҳои қалбакии 100 (сад) доллараи ИМА-ро бар ивази 20 000 (бист ҳазор) сомонӣ ба даст меорад, ки тақрибан 60 фоизи арзиши номиналии банкнота пардохт гардидааст. Ҳаракатҳои гунаҳгор тибқи қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ бандубаст гардидаанд.

Дар доираҳои мутахассисоне, ки бо ин масъала машғуланд, чунин ақидаи якдилона пайдо шуд, ки интиқоли маблағҳои қалбакӣ набояд ҳамчун ба муомилот даровардани онҳо арзёбӣ карда шавад [57, с. 39]. Тавре Ю.В. Солопанов қайд мекунад, дар чунин ҳолатҳо табодули пулҳои қалбакӣ бе кӯшиши ба онҳо додани шакли пулҳои аслӣ сурат мегирад. Ҳамаи иштирокчиёни чунин амалиётҳо аз қалбакӣ будани

банкнотаҳо огоҳанд ва бо арзиши камшуда мубодила мекунанд, бо умеди гирифтани фоидаи минбаъда аз фурӯши онҳо ҳамчун пулҳои аслӣ [69, с. 39]. Аз ин рӯ, ҳамаи муҳаққиқон якдилона бар ин назаранд, ки интиқоли пули қалбакӣ наметавонад ҳамчун ҷинояти марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст карда шавад.

Дар ҳақиқат, м. 281 КҶ ҶТ барои интиқол ё ба даст овардани пули қалбакӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намекунад. Бо вуҷуди ин, саволи зерин ба миён меояд, яъне агар соҳиб шудан ба пули қалбакӣ бо мақсади татбиқи минбаъдаи он сурат гирад, ҳатто агар шахсе, ки бевосита харид кардааст ё интиқоли пули қалбакӣ мақсади ба даст овардани фоидаи моддӣ (масалан, ҳангоми интиқоли хаткашон) бошад, пас оё чунин интиқолро фурӯши воқеӣ ҳисобидан мумкин нест, ки дар якчанд марҳила амалӣ карда мешавад? Дар ин ҳолат, ҳамаи иштирокчиёни созишнома дарк мекунанд, ки асъори қалбакиро интиқол медиҳанд, яъне онҳо бевосита дар фурӯш иштирок намекунанд, балки ба он мусоидат мекунанд. Набудани чунин марҳилаҳои интиқол, дар баъзе ҳолатҳо, худи амали фурӯшро душвор ва ғайриимкон мегардонад.

Шахсоне, ки асъори хориҷиро бо нархи арзон харидорӣ мекунанд, аз пайдоиши қалбакии он огоҳ буда, мақсади фурӯши нишонаҳои пулии қалбакиро тавассути шахсони сеюм доранд.

Чунин ҳолатҳо ҷудошуда нестанд. Такмили технологияҳои нусхабардорӣ ва баланд бардоштани имкониятҳои техникии дастгоҳҳои электронӣ ба шаклҳои мураккаби тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) оварда мерасонанд, ки бешубҳа ба афзоиши шумораи ҷиноятҳо дар ин самт оварда мерасонад.

Масъала дар он аст, ки дар м. 281 КҶ ҶТ барои соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ё фиристодани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо мақсади ба муомилот баровардан, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ нашудааст. Зарур дониста мешавад, ки ин холигиро тавассути ворид

намудани тағйироти дахлдор ба моддаи номбаргардида бартараф намоем. Пешниҳод карда мешавад, ки таҳрири қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ тағйир дода шуда, ба он пас аз калимаи «тайёр кардан» содир кардани ҳаракатҳои зерин илова карда шаванд, аз ҷумла «соҳиб шудан», «нигоҳ доштан» «интиқол», «фиристодан» ва диспозисияи ин модда дар шакли зерин оварда шавад: «Тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол, фиристодан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ».

Ҳангоми баррасии субъекти ҷинояти марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коқазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), масъалаи фарқ кардани ҷавобгарии иштирокчиёни тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар доираи амалҳои гурӯҳӣ ба миён меояд. Мувофиқи қ. 3 м. 281 КҶ ҶТ қонунгузорӣ содир кардани ҷиноятро аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ҳамчун аломати махсуси бандубасткунандаи ҷинояти баррасишаванда пешбинӣ мекунад. Мутобиқи қ. 3 м. 39 КҶ ҶТ: «ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда эътироф мешавад, агар он аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошад» [1]. «Аз ин рӯ, хусусиятҳои асосии гурӯҳи муташаккил дар устуворӣ ва муттаҳидии он бораи содир кардани як ё якчанд ҷиноят» [45, с. 100], ифода мегардад.

Мафҳуми «устуворӣ» дар заминаи меъёрҳои баҳодиҳанда таърифи дақиқи меъёрӣ-ҳуқуқӣ надорад. Аз ин рӯ, мундариҷаи он тавассути таҳқиқоти илмӣ ва амалияи судӣ такмил ва тафсир карда мешавад. Ҳамин тавр, мутобиқи «қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008 № 11 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» «Тибқи қонун (м. 39 КҶ ҶТ) гурӯҳи муташаккил бо устувории худ, дараҷаи баланди муташаккилӣ, тақсимоти нақшҳо,

мавҷудияти ташкилкунанда ва роҳбар ифода меёбад»» [135, с. 76]. Мувофиқи «қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2009 № 21 «Дар бораи тағрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ» [136, с. 97], «Гурӯҳи муташаккил ин гурӯҳи иборат аз ду ва ё зиёда шахсон аст, ки қасди содир намудани як ё якчанд куштор муттаҳид кардааст. Чун қоида ин гурӯҳ ҷиноятро ҳаматарафа ба нақша гирифта, олоти кушторро пешакӣ тайёр намуда, нақшҳоро дар байни иштирокчиёни гурӯҳ тақсим менамоянд»» [136, с. 97]. Илова ба нишонаҳои қаблан зикршудаи устувории гурӯҳи муташаккил «Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори худ аз 23 ноябри соли 2012 № 15 «Дар бораи тағрибаи судӣ оид ба баррасии парвандаҳо марбут ба бандитизм» як қатор хусусиятҳои иловагиро қайд намуд. Ба онҳо дохил мешаванд: босуббот будани ҳайати гурӯҳ, вобастагии зич байни аъзоёни он, бо ҳам мувофиқ карда шудани ҳаракатҳо байни онҳо, тағйирнопазирии шакл ва усулҳои фаъолияти ҷинояткории онҳо»» [137, с. 191].

Тавсифи муфассали аломатҳои гурӯҳи муташаккил дар «қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2004 № 3 «Дар бораи тағрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ»» [134, с. 37] пешбинӣ шудааст, ки «Ҳангоми бандубасти дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ мувофиқан бо банди «б» қисми 3 моддаи 244 ё банди «б» қисми 3 моддаи 247 ё банди «в» қисми 3 моддаи 248 ё банди «б» қисми 3 моддаи 249 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба судҳо лозим аст дар назар дошта бошанд, ки содир кардани яке аз ҷиноятҳои зикргардида аз ҷониби гурӯҳи муташаккил дар ҳолатҳое эътироф карда мешавад, ки агар дар он гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, иштирок карда бошанд. Бархилофи гурӯҳи шахсоне, ки пешакӣ барои якҷоя содир намудани ҷиноят маслиҳат кардаанд, гурӯҳи муташаккил, аз ҷумла, аз рӯйи устувориаш, дар ҳайати он мавҷуд будани ташкилкунанда (роҳбар) ва доштани нақшаи пешакӣ тартибдодашудаи

фаъолияти якҷояи ҷинояткорона, тақсим намудани вазифаҳо байни аъзои гурӯҳ ҳангоми тайёрӣ ба содир кардани ҷиноят ва амалӣ намудани қасди ҷинояткорона, тавсиф карда мешавад. Дар бораи устувории гурӯҳи муташаккил на танҳо фосилаи зиёди замонии мавҷудияти он, аз ҷониби аъзои гурӯҳ якчанд маротиба содир гардидани ҷиноят, балки аз ҷиҳати техникӣ таҷҳизонидани он, давомнокии тайёрии ҳатто яке аз ҷиноятҳо ҳамчунин дигар ҳолатҳо (масалан, тайёрии махсуси иштирокчиёни гурӯҳи муташаккил барои ворид шудан ба анборхона барои гирифтани пул (асъор) ё дигар сарватҳои материалӣ) шаҳодат дода метавонад»» [134, с. 37].

Дар заминаи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, барои тавсифи устувории гурӯҳи муташаккил дар адабиёти илмӣ аломатҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

- Банақшагирӣ: пешакӣ андешидани кирдорҳои ҷиноятӣ.

- Тайёрӣ: таъмин намудан бо воситаҳо ва олоти зарурӣ барои содир намудани ҷиноят.

- Ташкил намудани аъзоҳо: ёфтани шарикони ҷиноят ва тақсимоти нақшҳо байни онҳо.

- Пинҳон кардан: андешидани чораҳо барои пинҳон кардани ҷиноят то содир кардани он.

- Интизом: тобеияти иштирокчиёни гурӯҳ ба интизом ва дастурҳои ташкилкунандаи ҷиноят [86, с. 14].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, хусусиятҳои асосии гурӯҳи муташаккилро муайян кардан мумкин аст, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) машғуланд.

Устувории чунин гурӯҳи ҷиноятӣ доимии аъзо ва сохтори он, бетағйир мондани усулҳо ва шаклҳои фаъолияти ҷиноятӣ, мавҷудияти робитаҳои мустаҳкам байни иштирокчиён ва тобеияти онҳо ба интизом ва дастурҳои ташкилкунанда (роҳбар)-ро дар назар дорад. Маслиҳати пешакӣ барои содир кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани

пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) интихоби бодиққат ва ҷалби шарикон, таҳия ё муҳокимаи якҷояи нақшаи ҷиноят, муайян кардани роҳҳои татбиқ ва пинҳон кардани он, тайёр кардани шароит барои пешгирии ошкор шудани ҷиноят, тақсимоти нақшҳо ва муайян кардани самти фаъолияти ҳар як шарикро, дар бар мегирад.

Кирдоре, ки гурӯҳи муташаккил содир менамояд, бо он тавсиф мегардад, ки ҳар як иштироккунандаи он мансубияти худро ба гурӯҳ ва якҷоя содир кардани ҷиноят дарк менамояд. Ҳар як аъзои гурӯҳ бояд аз мавҷудияти нақшаи умумии ҷиноятӣ огоҳ бошад ва дарк кунад, ки иштироки шахсии ӯ як қисми ин нақша аст.

Ҳангоми муайян кардани ҳолати содир намудани ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ (тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, ҳамаи иштирокчиён, новобаста аз дараҷаи иштироки онҳо дар ҷиноят, бояд тибқи қ. 3 м. 281 КҶ ҶТ ҳамчун ҳамиҷрокунандагони ҷиноят, бе ишора намудан ба м. 36 КҶ ҶТ, ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Дар ҳолатҳое ки як шахс шахси дигарро ба содир кардани ҳаракатҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар доираи гурӯҳи муташаккил моил кардааст, аммо дар ташкили ҳайати гурӯҳ, банақшагирӣ ва тайёрӣ ба ҷиноят иштироки бевосита надошт, ҳаракатҳои ӯ бояд тибқи м. 281 КҶ ҶТ бо ишора ба қ. 4 м. 36 КҶ ҶТ, ҳамчун таҳриккунанда дар содир намудани ҷиноят, бандубаст карда шаванд.

Ҳангоми таҳлили масоили шарикӣ дар ҷиноятҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), масъалаи ёрдамчӣ ба чунин ҷиноят бояд баррасӣ карда шавад. Пеш аз ҳама, бояд ба хусусиятҳои танзими ҳуқуқии он диққат додан лозим аст.

Бояд қайд кард, ки қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ, хусусан дар қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ рӯйхати ҳаракатҳоеро пешбинӣ намудааст, ки

ёрдамчиро дар содир намудани ҷинояти қасдона тавсиф мекунанд. Тибқи ин модда, «ёрдамчӣ шахсе эътироф мешавад, ки бо маслиҳату дастур, додани маълумот, восита ё олоти содир кардани ҷиноят ё рафъи монеаҳо ба содир намудани ҷиноят мусоидат кардааст, инчунин шахсе, ки пинҳон кардани ҷинояткор, восита ё олоти содир намудани ҷиноят, осори ҷиноят ё ашёи бо роҳи ҷиноят бадастомадаро пешакӣ ваъда додааст, ҳамчунин шахсе, ки дар хусуси соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани чунин ашёро пешакӣ ваъда додааст» [1].

Ҳангоми таҳлили таърифи қонунгузории мафҳуми ёрдамчӣ, муайян кардан мумкин аст, ки моҳияти ин категорияи ҳаракатҳо мусоидат намудан ба иҷрокунандаи ҷиноят тавассути фароҳам овардани шароити зарурӣ мебошад. Ба ақидаи П.Ф. Телнов, «...ёрдамчӣ, новобаста аз тарзи татбиқи он, мусоидат ба содир кардани ҷиноятро ҳам аз рӯйи аломатҳои объективӣ ва ҳам субъективӣ дар назар дорад [71, с. 100]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидаи умумиқабулшуда дар бораи нақши дуюмдараҷаи ёрдамчӣ дар ҳуқуқвайронкунии якҷоя ташаккул ёфтааст. Ҳаракатҳои ӯ хусусияти ёрирасон доранд, нисбат ба дигар шарикон хеле камтар фаъоланд ва ниятҳои ҷиноятии шахси дигарро ифода мекунанд. Мувофиқи қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ, мусоидат ба шарикони дигар дар содир кардани ҷиноят аз ҷониби ёрдамчӣ метавонад ҳам ҷисмонӣ ва ҳам зеҳнӣ бошад. Дар ин ҳолат, ҳамаи усулҳои ёрдамчии зеҳнӣ, ки дар моддаи зикршуда номбар шудаанд, аломати умумӣ доранд – онҳо, ки хусусияти иттилоотӣ доранд, шарикони дигари ҷиноятро (яъне иҷрокунанда, ташкилкунанда ё таҳриккунанда)-ро бо маълумоти зарурӣ таъмин мекунанд ва ба таъсир расонидан ба шуур ва иродаи шахси гунаҳгор равона карда шудаанд. Баръакси ёрдамчии зеҳнӣ, ёрдамчии ҷисмонӣ маънои кумак дар содир кардани ҷиноят бо қувваи ҷисмонӣ ё захираҳои моддӣ ҳам дар ҷараёни тайёрӣ ва ҳам дар ҷараёни худи содир намудани ҷиноятро, дорад. Чунин ба назар мерасад, ки рӯйхати ҳаракатҳои ҳам зеҳнӣ ва ҳам ҷисмонӣ, ки дар қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ нишон дода шудаанд, хусусияти сарбаста доранд. Ин муқаррарот нишон медиҳад, ки бандубасти ҳаракатҳои шахс ҳамчун

ёрдамчӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани ҳаракатҳое, ки бевосита дар моддаи дахлдори қонунгузорӣ пешбинӣ шудаанд, имконпазир аст, зеро фароҳам овардани шароит барои содир кардани ҷиноят аз ҷониби иҷрокунанда на ҳамеша ҳамчун ёрдамчӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ оварда мерасонад. Ин муқаррарот аз он шаҳодат медиҳад, ки мавқеи қонунгузор дар он ифода мегардад, ки ба ғайр аз ҳаракатҳое, ки дар қонуни ҷиноятӣ нишон дода шудаанд, дигар ҳаракатҳо ҳамчун ҳаракатҳои марбут ба ёрдамчӣ ҳисобида намешаванд.

Бо вуҷуди ин, таърифи қонунгузории мафҳуми ёрдамчӣ шубҳаҳои муайянеро ба вуҷуд меорад. Дар таҷриба ҳолатҳои содир кардани ҷиноятҳо, аз ҷумла ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ ҳамчун тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба назар мерасанд, ки дар он шарикон бо дастгирии назаррас ба иҷрокунандаи ҷиноят ҳаракатҳоеро анҷом медиҳанд, ки дар қонун ҳамчун ёрдамчӣ номбар нашудаанд. Намунаи маъмулии чунин ёрдами воқеӣ, ки дар фароҳам овардани шароит барои иҷрокунанда ҷиҳати содир кардани ҷиноят аз ҷониби ӯ иборат аст, ин кумак ба тайёркунандаи пулҳои қалбакӣ барои бор кардани онҳо ба воситаи нақлиёт барои интиқол ба шаҳри дигар бо мақсади минбаъд ба муомилот баровардани онҳо, инчунин додани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба шахси дигаре, ки паҳн кардани онҳоро ба нақша гирифтааст, мебошад.

Масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки ба содир намудани ҷиноят мусоидат кардаанд, бешубҳа, аз нуқтаи назари қонунгузории амалкунанда баррасии ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Дар ҳақиқат, амалҳои шахсони зикршуда ба таври возеҳ ҳамчун ёрдамчӣ дар содир кардани ҷиноят муайян карда мешаванд. Бинобар ин, онҳо бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Аммо, тибқи қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ, чӣ тавре пештар қайд карда будем, рӯйхати ҳаракатҳое, ки ба мафҳуми ёрдамчӣ дохил карда шудаанд, сарбаста аст. Азбаски ҳаракатҳои шахсони зикршуда ба ин рӯйхат мувофиқат намекунанд, онҳоро ҳамчун ҷиноят

бандубаст кардан мумкин нест. Ҳар гуна кӯшиши ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ин шахсон дар ин ҳолат ба принсипи қонуният мухолиф аст, ки мувофиқи он «ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо КҶ ҶТ муайян менамояд» [1].

Бо вуҷуди ин, на қонунгузор ва на таҷрибаи судӣ ба ҳалли он тибқи принсипи қонуният диққати зарурӣ намедиҳанд. Гузашта аз ин, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бандубасти ҳаракатҳои ёрдамчиён бо баъзе категорияҳои парвандаҳои ҷиноятӣ дар тавзеҳоти худ тавсияҳо медиҳад, ки аслан ба талаботи қонунгузории ҷиноятӣ ҷавобгӯ нестанд. Ба сифати мисол, «қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008 № 11 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» оварда мешавад, ки дар он нишон дода шудааст, ки ҷавобгарии ҷиноятии миёнарав дар гирифтан ва додани пора танҳо дар ҳолатҳои бо м. 36 КҶ ҶТ пешбинишуда ба амал меояд» [135, с. 75]. Ин маънои онро дорад, ки ҳаракати шахсе, ки вазифаи миёнаравии ба дигарон додани пулро иҷро мекунад, бояд ҳамчун ёрдамчӣ дар додани пора бандубаст гарданд. Аммо ин ҳаракатҳои миёнарав дар рӯйхати ҳаракатҳои ёрдамчӣ, ки дар м. 36 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, мавҷуд нестанд. Аз ин рӯ, ин тавсияро низ бояд ҳамчун номувофиқ ба қонунгузории ҷиноятӣ ҳисобидан мумкин аст.

Мисоли таҳлилшуда, ба монанди дигар ҳолатҳое, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои мушаххаси ҷиноятӣ, аз ҷумла парвандаҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ошкор карда шудаанд, аз тамоюли тафсири васеи судҳо дар бораи аломатҳои ёрдамчӣ ба ҷиноят шаҳодат медиҳад. Ин тамоюл ба вайрон кардани принсипи қонуният дар масъалаҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои тайёрӣ ба ҷиноят ишора мекунад. Судҳо шахсонеро, ки ҳаракатҳои онҳо, гарчанде ки ба таъсири ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳамчун ёрдамчии воқеӣ дохил мешаванд, ҳамчун ёрдамчӣ ба

ҷиноят эътироф мекунанд, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ҳаракатҳои онҳо ҳамчун ҷиноят муайян карда намешаванд.

Мо бо мавқеи Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи зарурати ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони зикршуда комилан розӣ шуда, чунин мешуморем, ки ҳалли ин масъала на дар истифодаи худсаронаи қонунгузории ҷиноятӣ, балки дар такмили он бояд анҷом дода шавад. Мо тавсия медиҳем, ки рӯйхати ҳаракатҳои ёрдамчии пешбининамудаи қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ саркушода шавад, на сарбаста.

Тағйироти пешниҳодшуда ба қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ ба ҳалли мушкилоти вайрон кардани принсипи қонуният дар ҳолатҳои муайян намудани ёрдамчии ҷиноят равона карда шудааст. Таҳрири кунунии модда танҳо рӯйхати маҳдуди ҳаракатҳои эътирофшударо дар бар мегирад. Дар баробари ин, таҷрибаи судӣ мавҷудияти шаклҳои дигари мусоидат ба иҷрокунандаи ҷиноятро нишон медиҳад, ки ба қонунгузории амалкунанда дохил намешаванд. Ба онҳо, масалан, ҳолатҳои шубҳаноки хаёлии суғуртавӣ, ба дигарон додани ашёи бо роҳи қочоқ баадастовардашуда, интиқоли иҷрокунанда ба ҷои содиркунии ҷиноят дохил мешаванд. То он даме, ки рӯйхати қонунгузории ҳаракатҳое, ки ҳамчун ёрдамчӣ бандубаст мегарданд, васеъ карда нашавад, судҳо бояд аз ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки ба иҷрокунандаи ҷиноят мусоидат мекунанд, вале ҳаракатҳои пешбининамудаи қ. 5 м. 36 КҶ ҶТ-ро содир намекунанд, худдорӣ кунанд. Дар акси ҳол, ин метавонад ба салоҳдиди беасоси судӣ оварда расонад, ки ин хилофи принсипи қонуният аст.

Бояд қайд кард, ки м. 4 КҶ ҶТ, бо муқаррар кардани принсипи қонуният, ба шахсони мансабдори мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда маҷмӯи васеи талаботро пешниҳод мекунад. Ба онҳо дохил мешаванд:

- риояи қатъии муқаррарот, ки сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ танҳо қонуни ҷиноятӣ мебошад;

- кафолати ҳуқуқҳои шахсони гумонбаршуда ё айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят дар тамоми даврaҳои тафтишоти пешакӣ ва

мурофиаи судӣ;

- истисно кардани истифодаи қиёси ҳуқуқ ва қиёси қонун дар ҷараёни фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ.

Ҳамин тариқ, м. 4 КҶ ҶТ ҳуқуқтатбиққунандагонро вазифадор мекунад, ки ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо, таъин кардани ҷазо ва истифодаи дигар чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ нисбати шахсоне, ки кирдорҳои ба ҷамъият хавфнокро содир кардаанд, муқаррароти қонуни ҷиноятиро қатъиян риоя кунанд. Татбиқи принсипи қонуният дар моддаи 4 КҶ ҶТ ва мушаххас кардани он дар дигар меъёрҳои Қисмҳои умумӣ ва махсуси КҶ ҶТ чаҳорчӯбаи ҳуқуқии рафтори ҳуқуқтатбиққунандагонро ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, муайян мекунад. Аз як тараф, ин худсарӣ ва ихтиёрро пешгирӣ мекунад ва аз тарафи дигар шаҳрвандонро аз беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан муҳофизат мекунад.

Ҳангоми маънидодкунии қатъии принсипи қонуният, ба хулосае омадан мумкин аст, ки меъёрҳои императив ӣ, ки «ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо Кодекси ҷиноятӣ муайян менамояд» [1] ва татбиқи қонуни ҷиноятӣ аз рӯйи қиёс манъ аст (м. 4 КҶ ҶТ) муайян менамоянд, имконияти истифодаи усули диспозитивии танзими муносибатҳои вобаста ба содир намудани ҷиноятро аз ҷониби ҳуқуқтатбиққунандагон истисно мекунад. Аз ин рӯ, ин равиш ҳуқуқи салоҳдиди судиро рад мекунад. Аммо таҳлили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда, таҷрибаи судӣ ва адабиёти илмӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки салоҳдиди ҳуқуқтатбиққунанда (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва судя) дар ҳуқуқи ҷиноятӣ падидаи истисноӣ нест. Дар ин бора, аз ҷумла, дар асарҳое, ки ба хусусияти озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бахшида шудаанд, гуфта мешавад, ки он одатан бо салоҳдиди «мақомоти судӣ» татбиқ мегардад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ истилоҳи «салоҳдиди судӣ» истифода намешавад, аммо худи ин падида дар қ. 3 м. 61 КҶ ҶТ дар назар дошта шудааст, ки тибқи он «ҳангоми таъин намудани ҷазо ҳолатҳои дигари

дар қисми якуми ҳамин модда зикрнагардида мумкин аст ҳамчун ҳолатҳои сабуккунанда ба назар гирифта шаванд» [1], яъне ба рӯйхати дар қ. 1 м. 61 КҶ ҶТ дохил карда нашудаанд.

Бо вуҷуди он ки қонунгузории ҷиноятии амалкунанда асосан мафҳуми ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо будани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро пурра муайян мекунад, дар он ҳанӯз ҳам камбудиҳо мавҷуданд. Тавре ки таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, бартараф кардани ин камбудиҳо дар баъзе ҳолатҳо бо истифодаи салоҳдиди судӣ амалӣ карда мешаванд.

Дар партави маълумоти дарболоовардашуда як қатор масъалаҳои марбут ба моҳияти ҳуқуқии салоҳдиди судӣ, усулҳои муқаррароти он дар қонунгузории ҷиноятӣ, самт ва ҳудуди татбиқи он дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, инчунин мутобиқат ба принсипи қонуният, амалияи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар асоси салоҳдиди судӣ ба миён меоянд.

Салоҳдиди судӣ як падидаи мураккабест, ки ҳам як қисми раванди татбиқи ҳуқуқ ва ҳам унсури низоми қонунгузории ҷиноятӣ мебошад. Табиати ҳуқуқии он бо хусусиятҳои бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун институт, ки барои муқаррар кардани стандартҳои ягонаи рафтор пешбинӣ шудааст, вобаста аст. Ба чунин хусусиятҳо дохил мешаванд: хусусияти абстрактӣ ва ҳатмии меъёрҳо, муайяннамоии расмии онҳо, инчунин кӯшиши муқаррар кардани чорабиниҳои якхелаи ҷавобгарӣ барои кирдорҳои шабеҳ.

Меъёри ҳуқуқӣ, ки унсури асосии низоми ҳуқуқӣ мебошад, намунаи стандартикунонидашудаи рафтор мебошад, ки иҷрои он аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни ҷамъият ҳатмист. Он бо роҳи дар қонун муайян кардани намунаҳои умумӣ ва маъмулии рафтор ташаккул ёфта, дар хусусиятҳои инфиродии одамон ва имкониятҳои онҳо ифода карда мешавад. Дар натиҷа, меъёри ҳуқуқӣ ба таври объективӣ ҳамчун стандарти универсалии танзим, ки ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа баробар татбиқ карда мешавад, амал мекунад. Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин вазифаро меъёри

манъкунанда иҷро мекунад. Диспозисияи он таркиби ҷиноятро ҳамчун стандарти ягонаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳамаи субъектҳо муайян мекунад ва санксия арзёбии намунавии ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро муқаррар мекунад ва ҷазои мувофиқ барои ҳамаи гунаҳгорон якхеларо муайян менамояд.

Меъёрҳои манъкунанда, ки ҳудуди дақиқи рафтори ҷиноятиро муқаррар мекунанд, дар татбиқи принсипи қонуният, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва принсипи адолат нақши муҳим мебозанд. Онҳо ҳудуди баробари ҷавобгарии ҷиноятиро барои ҳамаи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд, муайян мекунанд ва ба ин васила ҷанбаи баробарии адолатро кафолат медиҳанд. Ҳам ба шаҳрвандон ва ҳам ба қонунтатбиққунандагон нигаронида шуда, меъёрҳои манъкунанда доираи ҳуқуқии фаъолияти охиринро муқаррар мекунанд. Дар раванди бандубасти ҷиноят ва таъини ҷазо, ҳуқуқтатбиққунанда вазифадор аст, ки аз рӯи муқаррароти меъёре, ки аломатҳои зарурӣ ва кофии таркиби ҷиноятро муайян мекунад, инчунин санксияе, ки ҷазои мушаххасро (ё маҷмуи ҷазоҳоро) бо нишон додани муҳлат ё андозаи ҳадди ақал ва ҳадди аксар пешбинӣ мекунад, ба роҳбарӣ гирад.

Манъкуниҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ба доираи васеи шахсон дахл дорад, ҳамзамон муайянкунандаҳои меъёрии рафтори ҳуқуқтатбиққунандагон мебошанд. Онҳо ҳуқуқи субъектро барои қабули қарорҳои мустақил, аз ҷумла салоҳдид, ки дар доираи муқаррарнамудаи худи қонуни ҷиноятӣ, масалан, ҳангоми муайян кардани санксияҳои алтернативӣ иҷозат дода мешавад, муайян мекунанд. Бояд қайд кард, ки ҳуқуқ ба салоҳдиди судӣ дар меъёрҳои манъкунанда бевосита ифода карда намешавад, балки ба таври бавосита тавассути муқаррар кардани маҳдудиятҳо барои шахсони татбиққунандаи қонуни ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад. Чунин меъёрҳо ҳуқуқтатбиққунандаро уҳдадор менамояд, ки аломатҳои таркиби ҷиноятро танҳо дар ҳаҷми муайянкардаи диспозитсияҳо муқаррар намояд ва намудҳои ҷазои ҷиноятиро, ки бевосита дар санксияҳо нишон дода шудаанд, интихоб

кунад. Ҳамин тариқ, салоҳдиди судӣ, ки аз меъёрҳои манъкунанда бармеояд, намунаи амал кардани субъекти фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар доираи қонун мебошад. Бо ёрии чунин меъёрҳо, ҳуқуқтатбиққунанда имконият пайдо мекунад, ки қонуни ҷиноятиро тибқи муқаррароти он дар амал татбиқ намояд, гарчанде ки дар матни қонун чунин имконият бевосита нишон дода нашудааст.

Ҳангоми баррасии моҳияти салоҳдиди судӣ, қайд кардан муҳим аст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ меъёрҳое мавҷуданд, ки бевосита ба ҳуқуқтатбиққунанда равона карда шудаанд. Чунин меъёрҳо барои танзими рафтори шахсоне, ки қонуни ҷиноятиро истифода мебаранд, бо роҳи додани ҳуқуқи қабули қарорҳои салоҳиятдор хизмат мекунанд. Меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки стандарти ҳуқуқии универсалии баҳодиҳии рафтори одамон мебошад, барои истифодаи доимӣ пешбинӣ шудааст. Он хусусияти умумии кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро муттаҳид мекунад ва абстраксияи қонунгузорӣ мебошад. Ҳар гуна ҷиноят, ки дар диспозитсияи моддаи дахлдори қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, маҷмуи аломатҳои маъмулӣ мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун ҷиноят тавсиф мекунанд. Ҳар як санксияи дар меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мавҷудбуда, баҳодиҳии қонунгузорро дар бораи ба ҷамъият хавфнокии намуди мушаххаси ҷиноят дар шакли абстрактӣ инъикос мекунад. Ҳангоми таҳияи таркиби мушаххаси ҷиноят, қонунгузор хусусиятҳо ва аломатҳои истисноии ба бисёр кирдорҳо хосбударо мушаххас намуда, танҳо аломатҳоеро, ки барои ҳалли масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс умумӣ, зарурӣ ва кофӣ мебошанд, ҳамчун аломатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ҷудо мекунад.

Воқеияти фаъолияти ҷиноятӣ аз таърифи абстрактии ҳуқуқии он дида ғанитар аст. Ҷиноятҳои дар таҷриба содиршуда дорои аломатҳои гуногун мебошанд, ки аз меъёрҳои расмии дар қонунгузорӣ муқарраршуда берун мебароянд. Илова ба хосиятҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим, ки ба таркиби ҷиноятҳо хос аст, ҳаракатҳои ҷиноятқорон дорои дигар хусусиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мебошанд. Ин хусусиятҳо

фарқияти байни ҷиноятҳои алоҳида ва субъектҳои онҳоро нишон медиҳанд. Гарчанде ки ҷанбаҳои иҷтимоии рафтори ҷиноятӣ (масалан, хусусиятҳои руҳӣ-иҷтимоии шахсе, ки ҷиноят содир кардааст) ба сифати аломатҳои ҳуқуқии таркиби ҷиноят баромад намекунанд, онҳо ба хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии кирдор таъсири назаррас мерасонанд. Мувофиқи принсипи адолат, ин омилҳо бояд ҳангоми муайян кардани чораи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва намуди ҷазо ба назар гирифта шаванд. Бо мақсади татбиқи муқаррароти м. 8 КҶ ҶТ, ки мувофиқати ҷазоро ба хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷиноят, ҳолатҳои он ва шахсияти гунаҳгор муқаррар мекунад, дар қонунгузории ҷиноятӣ меъёрҳое пешбинӣ шудаанд, ки ба ҳуқуқтатбиққунанда имконият медиҳанд, то фардикунонии ҷазоро истифода намояд.

Меъёрҳои ваколатдоркунандаи қонунгузории ҷиноятӣ, тавре ки ҳуқуқшиносон дуруст қайд мекунанд, доираи салоҳдиди судяҳоро дар ҷанбаҳои гуногуни истифодаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян мекунанд [125, с. 6-7]. Ба онҳо таъин кардани ҷазо, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, аз ҷавобгарӣ ва ҷазо озод кардан, инчунин татбиқи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ дохил мешаванд. Дар фарқият аз меъёрҳои манъкунанда, меъёрҳои ваколатдоркунанда ҳуқуқи салоҳдиди судяҳоро ба таври возеҳ ва дақиқ бо истифода аз истилоҳоти ба монанди «мумкин аст истифода шавад», «мумкин аст таъин карда шавад» ва ғайра пешбинӣ мекунанд. Мисоли равшан қ. 2 м. 24 КҶ ҶТ мебошад, ки пешбинӣ мекунад: «Ба шахсе, ки дар ҳолати номукаллафӣ кирдори барои ҷамъият хавфноки дар қонуни ҷиноятӣ пешбинишударо содир намудааст, чораҳои дорои хусусияти маҷбурии тиббии дар ҳамин Кодекс пешбинигардидаро таъин кардан мумкин аст» [1].

Гарчанде ки меъёрҳои ваколатдоркунанда ба таври қонунӣ ба шахс ҳуқуқи амалӣ намудани кирдорҳои мусбатро медиҳанд, бояд қайд кард, ки охирин номаҳдуд нест. Салоҳдиди судя, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ тавассути меъёрҳои ваколатдоркунанда амалӣ карда мешавад,

маҳдудиятҳои худро дорад. Масалан, «Озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ бо сабаби оштӣ шудан бо ҷабрдида» [1] бо салоҳдиди таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя сурат мегирад. Аммо чунин қарор танҳо дар сурати риояи шартҳои зерини пешбининамудаи м. 73 КҶ ҶТ (ҳудуди салоҳдид) имконпазир аст:

а) ҷинояти содиркардаи шахс бояд дараҷаи начандон вазнин ё дараҷаи миёна бошад;

б) шахсе, ки онро содир кардааст, бояд бо ҷабрдида оштӣ кунад ва зарари ба ӯ расонидашударо талофӣ кунад.

Аз ин рӯ, салоҳдиди судяҳо, ки падидаи ҳуқуқии бо сабаби табиати ҳуқуқи ҷиноятӣ ба вуҷуд омадааст, дар қонунгузории ҷиноятӣ ҳам дар шакли меъёрҳои бевосита иҷозатдиҳанда ва ҳам бавосита тавассути меъёрҳои манъкунанда ифода карда мешавад. Хусусияти табиати ҳуқуқии он ва усулҳои ба расмият даровардани меъёрӣ имкон медиҳад, ки салоҳдиди судяҳо ҳамчун озодии интихоби қонунгузории ҷиноятӣ, ки истифодаи худсаронаи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятиро истисно мекунад, муайян карда шавад. Салоҳдиди судяҳо зуҳуроти қонунии иҷозатдодашудаи иродаи ҳуқуқтатбиққунандагон, имконияти татбиқи «ман»-и худ дар доираи муқаррароти ҳуқуқӣ мебошад. Ба ибораи дигар, салоҳдиди судя дар заминаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳуқуқи субъективии шахсе мебошад, ки қонуни ҷиноятро бо ҳаракати мустақил татбиқ мекунад, ки ба монанди ҳама гуна ҳуқуқи дигар на танҳо бо ҳаҷми имкониятҳои додашуда (озодии ҳуқуқӣ), балки бо мавҷудияти «лаҳзаи салоҳдид», мебошад [19, с. 54].

Шакли нишондодаи салоҳдиди судӣ ба принсипи қонуният, ки дар м. 4 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, мухолифат намекунад, зеро он аз меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ бармеояд. Ин принсип ба ҳуқуқтатбиққунанда имкон медиҳад, ки ба ҳалли масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъин кардани ҷазо ба гунаҳгор бо такя ба меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ ва бо назардошти ҳамаи ҳолатҳои воқеии ҷиноят эҷодкорона муносибат намояд. Салоҳдиди судӣ, ки дар доираи қатъии қонунгузорӣ

амалӣ карда мешавад, «на танҳо ҳангоми интихоби яке аз роҳҳои қарори пешбининамудаи қонуни ҷиноятӣ, таъин кардани ҷазо, озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо, инчунин ҳангоми истифодаи чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ татбиқ карда мешавад» [22, с. 14]. Он инчунин ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо, аз ҷумла барои маънидодкунии дақиқи меъерҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки бо истифода аз аломатҳои баҳодиҳанда таҳия шудаанд, истифода мешавад.

Таҳқиқро оиди субъекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҷамъбаст намуда, хулосаҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1. Бо дарназардошти муқаррароти м. 22 КҶ ҶТ, ки мафҳуми субъекти ҷиноятро мустаҳкам мекунад, ба сифати субъекти таркиби пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ шахси воқеии дилхоҳе, ки ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст баромад мекунад, аз он ҷумла: шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин шахси бешаҳрвандӣ. Дар ин ҳолат ҷойи содир шудани кирдор ба эътирофи шахс ҳамчун субъекти ин ҷиноят таъсир намерасонад.

2. Дар раванди таҳқиқоти гузаронидашуда зарурати фарқ кардани амалҳо аз рӯйи хусусияти ба ҷамъият хавфнокашон ошкор гардид. Аз ҷумла, ба муомилот баровардани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок аз ҷониби шахсе, ки хусусияти қалбакии онҳоро дарк накарда бошад, дар муқоиса бо таркиби асосии ҷиноят (қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ), бо дараҷаи пастарини ба ҷамъият хавфнокӣ тавсиф мегардад. Дар ин асос пешниҳод карда мешавад, ки ба м. 281 КҶ ҶТ қисми иловагӣ (чорум) ворид карда шавад, ки ҳолатҳои сабуккунандаи кирдори баррасишавандаро муқаррар мекунад. Ҳамчун варианти таҳрири нави меъёри пешниҳодшуда чунин ҷумлабандӣ пешниҳод карда мешавад: «Ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби шахсе содир шудааст, ки хусусияти қалбакии онҳоро дарк

накарда бошад» ва дар санксияи он чунин ҷазое пешбинӣ гардад, ки нисбат ба ҷазое, ки дар қ. 1 м. 281 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, сабуктар бошад.

3. То ҳол, диспозисияи м. 281 КҶ ҶТ як қатор ҳаракатҳои муҳимро, ки тарафи объективии ҷинояти мазкурро ташкил медиҳанд, дар бар намегирад, – сухан дар бораи соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ва фиристодани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок меравад. Барои бартараф кардани ин камбудии қонунгузорӣ, илова кардани меъёри мазкур бо ҳаракатҳои зикршуда асоснок ба назар мерасад ва онро дар таҳрири зерин овардан зарур аст: «Тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол, фиристодан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ».

3.3. Аломатҳои фарқкунандаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд

Ҳангоми фарқ кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд, бояд ба назар гирифт, ки субъекти ҷиноят ба объекти моддӣ, яъне нишони пулӣ ё коғазҳои қиматнок таъсир мерасонад. Дар ин ҳолат рӯйхати предмети ҷиноят дар матни қонуни дахлдор дақиқ муайян карда шудааст ва имконияти тафсири васеъ кардани он вуҷуд надорад.

Таҳлили татбиқи меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) пешбинӣ мекунад, зарурати баррасии аввалиндараҷаи масъалаҳои фарқкунии таркиби ҷиноятҳои дар моддаҳои 281 («Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)») ва 247 («Қаллобӣ») КҶ ҶТ пешбинишударо ошкор мекунад.

Маҳаки асосии фарқ кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз қаллобӣ одатан сифати тайёр кардани маҳсулоти қалбакӣ (сохта) аз ҷиҳати шакл, андоза ва ранг мебошад. Ба ақидаи А. Шаталов, танҳо тайёр кардани нишонаҳои баландсифати пулӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ метавонад ҳамчун ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст карда шаванд. Дар ин ҳолат кирдори вобаста ба қаллобӣ бо назардошти камаҳаммиятӣ ё набудани дониши касбии шахсони алоҳида нигаронида шудааст [109, с. 28].

Ба ақидаи Г.Н. Борзенков, «ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) метавонад ҳамчун як навъи қаллобӣ, ки ба объекти созишнома равона шудааст ва мақсади асосии он, одатан, тасарруфи молу мулк аз шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, бандубаст карда шавад» [61, с. 220]. В. Вакуленко ва Н. Николский ин масъаларо муфассал баррасӣ карда, таъкид карданд, ки ба ҷамъият хавфнокии тайёр кардани пули қалбакӣ (сохта) нисбат ба фиреби одӣ хеле баландтар аст. Онҳо инро бо он асоснок кардаанд, ки тайёр кардан ва ба муомилот баровардани пули қалбакӣ (сохта) ба устувории гардиши пул зарар мерасонад [85, с. 31].

Бо таҳлили масъалаи фарқ кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз қаллобӣ, метавон хулоса кард, ки саҳв дар бандубаст бо маънидодкунии нодурусти мақсад, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, алоқаманд аст. Ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) намуди махсуси фиреб мебошад, ки тавассути объекти моддӣ – пул ё коғази қиматноки қалбакӣ (сохта) амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, баъзе судяҳо ва олимон хато карда, ин кирдорро ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда, далели он ки м. 281 КҶ ҶТ ба ҳимояи муомилоти пулӣ дар кишвар равона шудааст, нодида мегиранд. Ҳамин тариқ, мушкилоти фарқгузории қаллобӣ аз тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар маънидодкунии нодурусти м.

281 КҶ ҶТ мебошад. Аввал мақсади меъёрро ва сипас аломатҳои криминализатсиякунии ин ҷиноятро таҳлил кардан лозим аст. Азбаски ин кирдор дар меъёри махсус (м. 281 КҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст, истифодаи меъёр оид ба қаллобӣ (м. 247 КҶ ҶТ) дар ин ҳолат ғайри қобили қабул аст.

Тавре зикр гардид, зарар ба муомилоти пулӣ метавонад танҳо бо роҳи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он дар муомилоти қонунӣ қарор доранд, ба амал ояд. Дар замони худ коллегияи Судии Суди Олии ИҶШС, парвандаи Б. ва дигар шахсонеро, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани тангаҳои тиллои қалбакии даврaи пеш аз инқилоб машғул буданд, баррасӣ карда, ба хулосае омад, ки таркиби ҷинояти пешбининамудаи моддаи Кодекси ҷиноятӣ оиди тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) вуҷуд надорад [143, с. 42]. Ба муомилот баровардани чунин нишонаҳои пулӣ ҳамчун қаллобӣ, яъне фиреби харидор нисбат ба сифат ва нархи мол, ва худи тайёр кардан бо мақсади минбаъд ба муомилот баровардани онҳо ҳамчун тайёрӣ ба содир кардани қаллобӣ бандубаст мегардад.

Дар аксари ҳолатҳо, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардани пули қалбакӣ (сохта) новобаста аз сифати сохтани пулҳои қалбакӣ (сохта) ба миён меояд. Бо вуҷуди ин, ба муомилот баровардани ашёе, ки ба нишонаҳои пулии васлӣ монанд нест, ба низоми молиявӣ таҳдид намекунад. Аз ин рӯ, чунин ҳаракатҳо бояд ҳамчун қаллобӣ тасниф карда шаванд ва тибқи моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ, яъне бо м. 247 КҶ ҶТ тафтишот бурда шавад. Масалан, дар қарор аз 23 марти соли 1949 оиди парвандаи Б. ва дигарон, Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии ИҶШС ба муомилот баровардани нишонаҳои пули қалбакиро, ки бо роҳи буридани тасвирҳо аз маҷаллаҳо тайёр карда шудаанд, ҳамчун қаллобӣ бандубаст кард [143, с. 42].

Ба андешаи мо, мушкилот дар фарқгузорӣ байни ҷиноятҳои тайёр

кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ва қаллобӣ аз сабаби номуайянии объекти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба вуҷуд омадааст, ки ба сифати он муносибатҳои қарзии пулӣ баромад мекунанд. Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) набояд ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият баррасӣ карда шавад. Сухан дар бораи вайрон кардани тартиби муомилоти пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. То он даме ки дар ин масъала фарқияти возеҳ муқаррар карда нашавад, байни мафҳумҳои муомилоти пулӣ ва муносибатҳои қарзӣ, ки баъзе муҳаққиқон ба он муносибатҳои молумулкиро низ илова мекунанд, нофаҳмиҳо идома хоҳанд ёфт. Ҳамин тавр, С.Н. Головко ҳангоми таҳлили фарқиятҳои байни тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ва қаллобӣ (дар заминаи КҶ Федератсияи Россия) чунин изҳор менамояд: «Равиши объект ҳангоми ба муомилот баровардани коғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ (масалан, саҳмияҳо) метавонад ба осонӣ ба молу мулке, ки на ба давлат дар симои Бонки Россия, балки ба соҳиби дигар тааллуқ дорад, гузаронида шавад, ки он ба таркиби ҷинояти қаллобӣ дохил мешавад, ки барои он ҷазои сабуктар пешбинӣ шудааст» [115, с. 105]. Аз ин рӯ, ӯ пешниҳод менамояд, ки ҳангоми баҳодиҳии ҳаракати ғайриқонунӣ онро ба назар гирифтан лозим аст, ки дар чунин ҳолатҳо қаллобӣ бояд ҳамчун ҳаракати ёрирасон баромад кунад, ки ба содир намудани ҷинояти асосӣ (тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)) мусоидат кунад ва ба он дохил карда шавад. Аммо, маълум нест, ки чӣ гуна муаллиф метавонад қаллобиро ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дохил кунад (бандубасти иловагӣ фаҳмо аст), инчунин чӣ гуна объекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) метавонад ба молу мулки Бонки Россия ё ягон соҳиби дигар интиқол дода шавад.

Мувофиқи нуқтаи назари мо, м. 281 КҶ ҶТ ба ҳифзи асъор ва коғазҳои қиматноки ҳам Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам давлатҳои хориҷӣ нигаронида шудааст. Ворид намудани ин модда мақсади фарқ кардани ҷиноятҳои марбут ба ғайриқонунӣ ба даст овардани ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ин ҳуқуқҳоро дорад.

Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулоса омад, ки м. 281 КҶ ҶТ ба ҳифзи мақоми воҳиди пулӣ равона шудааст, ки фаъолияти дурусти муомилоти пулиро дар кишвар таъмин мекунад. Ин ҳолат ҷинояти дар ин модда пешбинишударо аз қаллобӣ – ҷинояти молумулкӣ фарқ мекунад.

Масъалаи фарқияти байни таркиби ҷиноятҳое, ки дар м. 281 КҶ ҶТ (тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)) ва м. 282 КҶ ҶТ (тайёр кардан ё ба муомилот баровардани картаҳои сохтаи (қалбакии) кредитӣ ё ҳисоббаробаркунӣ ё дигар асноди пардохт) пешбинӣ шудаанд, баррасии махсусро талаб мекунад.

Хусусияти хоси м. 282 КҶ ҶТ дар он аст, ки предмети ин ҷиноят, дар фарқият аз м. 281 КҶ ҶТ, метавонад ҳуҷҷатҳое бошад, ки ҳамчун коғазҳои қиматнок тасниф карда намешаванд: кортҳои кредитӣ ё ҳисоббаробаркунӣ, инчунин дигар асноди пардохт. Дар ин ҳолат, аз рӯйи дигар аломатҳои объективӣ ва субъективӣ ин ҷиноятҳо якхела мебошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ корти кредитӣ ҳамчун ҳуҷҷати пардохти шахсӣ ҳисобида мешавад, ки аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзии ваколатдор ба муштариёне, ки дар ин муассисаҳо ҳисоб доранд, дода мешавад. Ин ҳуҷҷат имкон медиҳад, ки молҳо ва хидматҳо аз ҳисоби маблағҳои бонк ба қарз пардохт карда шаванд. Корти ҳисоббаробаркунӣ (дебетӣ) дар суратҳисоби муштарӣ маблағи муайянеро дар бар мегирад, ки дар доираи он ӯ метавонад маблағи молҳо ва хидматҳоро ғайринақдӣ пардохт кунад. Ба категорияи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, ки коғазҳои қиматнок нестанд, дар адабиёти

ҳуқуқии ҷиноятӣ супоришҳои пардохтӣ, талабот-супоришҳо ва аккредитивҳо дохил мешаванд. Дар ин ҳол, Б.В. Волженкин қайд мекунад, ки мавқеи ӯ бо таҷрибаи судӣ тасдиқ карда мешавад, авизо наметавонад предмети ҷинояти пешбининамудаи м. 187 КҶ Федератсияи Россия (мувофиқ ба м. 282 КҶ ҶТ) бошад [24, с. 380-381].

Таркиби м. 283 КҶ ҶТ, ки барои суиистифода ҳангоми баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) ҷавобгарӣ пешбинӣ намудааст, бо таркиби ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ, ки барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, зич алоқаманд аст. Таъкид кардан муҳим аст, ки фарқиятҳои асосии байни ин ҷиноятҳо дар хусусиятҳои объект ва тарафи объективии ин кирдорҳо ифода мегардад.

Пеш аз ҳама, фарқияти ин ҷиноятҳо аз рӯйи объекти бевоситаи ҷиноят бояд қайд карда шавад. Мутобиқи м. 283 КҶ ҶТ, ҷиноят ба муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) ва ба таври оммавӣ тақсим (паҳн) кардани онҳо равона карда шудааст. Дар айни замон, тавре ки қаблан қайд карда шуд, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияти устувори низоми пулию қарзиро кафолат медиҳанд, таҳдид менамояд.

Фарқи асосии байни ҷиноятҳои мазкур дар предмети онҳо дида мешавад. Дар сурати суиистифода ҳангоми баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) (м. 283 КҶ ҶТ) маҳз коғази қиматноки эмиссионӣ предмети ин ҷиноят мебошад. Бояд қайд кард, ки м. 281 КҶ ҶТ инчунин ба коғазҳои қиматнок дахолат мекунад. Аммо бояд таъкид кард, ки предмети ҷиноят тибқи м. 283 КҶ ҶТ бо коғазҳои қиматноки эмиссионӣ маҳдуд аст, тавре ки «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» аз 28 июни соли 2011 № 745» [4] муайян кардааст. Мувофиқи ин Қонун, «коғази қиматноки эмиссионӣ – маҷмуи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро, ки боиси шаҳодат додан, гузашт

кардан ва иҷрои қатъӣ бо риояи шакл ва тартибе, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст, дар худ нигоҳ медорад, бо барориш паҳн карда мешавад, андоза ва муҳлати баробари иҷрои ҳуқуқҳоро дар дохили як барориш, новобаста ба вақти ба даст овардани коғази қиматнок, дорад» [4]. Ба чунин коғазҳои қиматноки эмиссионӣ Қонун саҳмияҳо ва вомбаргҳоро дохил мекунад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки предмети ҷиноят тибқи м. 283 КҶ ҶТ (суиистифода ҳангоми баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия)) аз рӯйи ҳаҷми унсурҳои ташаккулёфтаи он нисбат ба предмети ҷиноят тибқи м. 281 КҶ ҶТ тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) хеле маҳдудтар аст.

Хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии кирдор, ки м. 283 КҶ ҶТ-ро дар бар мегирад, мавҷудияти ҳаракатҳои зеринро пешбинӣ мекунад ва тарафи объективии ин ҷиноятро ташкил медиҳанд: «баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) ва ба таври оммавӣ тақсим (паҳн) кардани онҳо бидуни бақайдгирӣ мутобиқи тартиби муқарраргардида ё дидаю дониста истифода бурдани асноди сохта (қалбакӣ) барои бақайдгирии коғазҳои қиматнок» [1]. Ҷиняте, ки бо м. 281 КҶ ҶТ тавсиф шудааст, метавонад дар ду шакли гуногун, вале баробар содир карда шавад. Шакли аввал дар «тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ» [1], шакли дуюм бошад, бевосита бо «ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ» [1], алоқаманд аст.

Ҷиноятҳои баррасишаванда аз ҷиҳати субъекти содиршавӣ бакуллӣ фарқ мекунанд. Дар сурати тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) (м. 281 КҶ ҶТ) субъекти ҷиноят умумӣ аст, яъне он метавонад ҳар шахс бошад, дар ҳоле

ки суиистифода ҳангоми баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) (м. 283 КҶ ҶТ) танҳо бо иштироки субъекти махсус имконпазир аст. Б.В. Волженкин субъекти ҷинояти суиистифода ҳангоми баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) тибқи КҶ Федератсияи Россия (м. 185) (мувофиқ ба м. 283 КҶ ҶТ)-ро муайян карда, нишон медиҳад, ки «онҳо метавонанд шахсони зерин бошанд:

а) шахсоне, ки дар ташкилоти эмитент вазифаҳои роҳбарикунандаро ишғол мекунанд ё шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти иҷроия ё худидоракунии маҳаллӣ, ки эмиссияи коғазҳои қиматнокро амалӣ менамоянд ва барои дурустии маълумоти дар он пешниҳодшуда дар сурати ба он ворид кардани маълумоти нодуруст масъул мебошанд;

б) шахсони мансабдори мақомоти давлатии бақайдгиранда, ки барои гузаронидани бақайдгирии бароришиқоғазҳои қиматнок ва ҳисобот дар бораи бароришигузаронидашуда ваколатдор шудаанд, дар сурати тасдиқи эмиссия, ки дорои маълумоти нодуруст аст ё тасдиқи натиҷаҳои нодурусти эмиссия» [24, с. 364].

Аломатҳои фарқкунандаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз таркиби ҷиноятҳои ба он монандро таҳлил намуда мо ба хулосаҳои зерин омадем:

1. Ҳангоми баррасии аломатҳои таркиби ҷиноятеки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, муаллиф фарқияти ин кирдорро бо дигар кирдорҳои ба он монанд нишон додааст. Диққати махсус ба фарқ кардан аз чунин таркибҳо, ба монанди қаллобӣ (м. 247 КҶ ҶТ), тайёр кардан ё ба муомилот баровардани картаҳои сохтаи (қалбакии) кредитӣ ё ҳисоббаробаркунӣ ё дигар асноди пардохт (м. 282 КҶ ҶТ), инчунин суиистифода ҳангоми баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) (м. 283 КҶ ҶТ), дода шудааст. Таҳлили гузаронидашуда имкон медиҳад, ки маҳакҳои фарқкунандаи кирдорҳои мазкур муайян карда шаванд, ки ба коҳиш додани хатогиҳои бандубасткунонӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, мусоидат мекунад.

2. Маҳаки асосии фарқ кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз қаллобӣ одатан сифати тайёр кардани маҳсулоти қалбакӣ (сохта) аз ҷиҳати шакл, андоза ва ранг мебошад. Вобаста ба ин, танҳо тайёр кардани нишонаҳои баландсифати пулӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ метавонад ҳамчун ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бандубаст карда шаванд. Ғайр аз ин, мушкилот дар фарқгузорӣ байни ҷиноятҳои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ва қаллобӣ аз сабаби номуайянии объекти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба вуҷуд омадааст, ки ба сифати он муносибатҳои қарзии пулӣ баромад мекунанд. Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) набояд ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият баррасӣ карда шавад. Дар асоси ин, метавон ба хулоса омад, ки м. 281 КҶ ҶТ ба ҳифзи мақоми воҳиди пулӣ равона шудааст ва фаъолияти дурусти муомилоти пулиро дар кишвар таъмин мекунад. Ин ҳолат ҷинояти дар ин модда пешбинишударо аз қаллобӣ – ҷинояти молумулкӣ фарқ мекунад.

3. Фарқияти асосии м. 281 аз м. 282 КҶ ҶТ, пеш аз ҳама дар он ифода мегардад, ки предмети ҷинояте, ки дар м. 282 КҶ ҶТ мустаҳкам гардидааст, ин ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки ҳамчун қоғазҳои қиматнок тасниф карда намешаванд: кортҳои кредитӣ ё ҳисоббаробаркунӣ, инчунин дигар асноди пардохт.

4. Аломатҳои фарқкунандаи м. 281 КҶ ҶТ аз м. 283 КҶ ҶТ асосан дар хусусиятҳои объект ва тарафи объективии ин кирдорҳо ифода мегардад. Фарқият аз рӯйи объекти ин ҷиноятҳо дар он ифода мегардад, ки мутобиқи м. 283 КҶ ҶТ, ҷиноят ба муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба баровардани коғазҳои қиматнок (эмиссия) ва ба таври оммавӣ тақсим (паҳн) кардани онҳо равона карда шудааст. Аммо, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба

муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки фаъолияти устувори низоми пулию қарзиро кафолат медиҳанд, таҳдид менамояд. Инчунин, фарқи дигари асосии ин ҷиноятҳо дар предмети онҳо дида мешавад. Ҳамин тариқ, предмети ҷиноят тибқи м. 283 КҶ ҶТ-ро танҳо коғазҳои қиматнок, аммо предмети м. 281 КҶ ҶТ-ро пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ташкил медиҳанд. Инчунин, дар м. 281 КҶ ҶТ субъекти ҷиноят умумӣ аст, аммо содиршавии м. 283 КҶ ҶТ танҳо бо иштироки субъекти зерини махсус имконпазир аст: якум – шахсоне, ки вазифаҳои роҳбарикунандаро ишғол мекунанд, ки эмиссияи коғазҳои қиматнокро амалӣ менамоянд ва барои дурустии маълумоти дар он пешниҳодшуда масъул мебошанд (дар сурати ба он ворид кардани маълумоти нодуруст); дуюм – шахсони мансабдоре, ки барои гузаронидани бақайдгирии бароришиҳои коғазҳои қиматнок ва ҳисобот дар бораи бароришиҳои гузаронидашуда ваколатдор шудаанд – дар сурати тасдиқи эмиссия, ки дорои маълумоти нодуруст аст ё тасдиқи натиҷаҳои нодурусти эмиссия.

ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқот як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалиро таҳия кардан мумкин аст, ки фаҳмиши илмӣ ва мустаҳкамкунии қонунгузории онҳо ба такмили фишанги ҳуқуқии мубориза бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), мусоидат мекунанд. Ин дар навбати худ самаранокии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии низоми пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бозори байналмилалии асъорро баланд мебардорад. Таҳлили табиати ҳуқуқии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар асоси қонунгузории миллии ҷиноятӣ бо назардошти таҳлили муқоисавии амалияи хориҷӣ, инчунин омӯзиши ҷанбаҳои муосири назариявӣ ва амалии татбиқи м. 281 КҶ ҶТ имкон дод, ки як қатор хулосаҳои ҳам хусусияти назариявӣ ва ҳам ҳуқуқтатбиқнамоӣ асоснок карда шаванд:

1. Тайёр кардани пули қалбакӣ ҷиноятe мебошад, ки таърихи тулонӣ дорад. Дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунгузории ҷиноятии давлатҳои гуногун ба тафсири мафҳуми тақаллуби нишонаҳои пулӣ, инчунин ба арзёбии дараҷаи таҳдиде, ки чунин амалҳо барои устувории муносибатҳои ҷамъиятӣ доранд, муносибати гуногун нишон доданд [3–М].

2. Дар марҳилаҳои аввали он, ки робитаҳои иқтисодӣ ба таври кофӣ рушд накардаанд, тақаллуби пул асосан ҳамчун таҷовуз ба ҳуқуқҳои амволӣ ва манфиатҳои шахсони алоҳида дахл дошт. Дар ҷараёни ташаккули низоми пулию қарзӣ ва муқаррар кардани монополияи давлатӣ дар интишори нишонаҳои пулӣ тайёр ё паҳн кардани пулҳои қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок мақоми ҷинояти давлатиро ба даст меорад, ки барои он ҷазои қатъии ҷиноятӣ пешбинӣ карда мешавад. Ин ҷиноят ба шумули ҷиноятҳои махсусан вазнин дохил шуд. Ҳолати мазкур ба он вобаста буд, ки пул ва фишанги муносибатҳои бо он алоқаманд ҳамчун воситаи дар амал татбиқ намудани вазифаҳои давлатӣ, аз ҷумла дар даврони бунёди ҳаматарафаи ҷамъияти

сотсиалистӣ, аҳаммияти калидиро нигоҳ медоштанд. Дар айни замон, низоми муносибатҳои пулию қарзӣ дар доираи модели иқтисодиёти сотсиалистӣ ҳифзи боэътимодро тавассути воситаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ талаб мекард [2–М].

3. Дар заминаи рушди иқтисоди бозорӣ, табодули озоди молу хизматрасонӣ, ҳаракати қувваи корӣ ва ташаккули механизмҳои ҳамгироии иқтисодӣ хос аст. Вобаста ба ин, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро ҳамчун ҷиноят, ки ба манфиатҳои иқтисодии субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ зарар мерасонад, муайян менамояд [4–М].

4. Таҳлили маълумоти оморӣ, ки тамоюлҳои ҷиноятҳкории марбут ба тақаллуби нишонаҳои пулӣ ва қоғазҳои қиматнокро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, аз он шаҳодат медиҳад, ки як қатор омилҳои иҷтимоӣ на танҳо ба ҳифз, балки ба афзоиши доимии «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Ба шумораи онҳо чунин омилҳо дохил мешаванд:

1) беҳтар кардани муносибатҳои байни давлатҳо, густариши робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, баланд бардоштани шаффофияти марзҳо, рушди тиҷорати байналмилалӣ, пайдоиши бозорҳои нави фурӯш, содда кардан ва афзоиши ҳамлу нақли байналмилалӣ. Гарчанде, ки ин равандҳо дар маҷмӯъ ба беҳтар шудани сифати зиндагии одамон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, онҳо ҳамзамон барои фаъолияти фаъолонаи гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккили фаромиллӣ, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) машғуланд, шароити мусоид фароҳам меоранд;

2) густариши шабакаҳои байналмилалии молиявӣ, ки гардиши пулии байнидавлатиро пурзӯр мекунанд, танзими давлатӣ ва назорати ҷараёни пулро хеле мушкил мекунанд. Ин барои пинҳон кардани миқдори зиёди пули қалбакӣ шароити мусоид фароҳам меорад;

3) муҳоҷирати афзояндаи аҳолӣ ва ташаккули диаспораҳои этникӣ дар кишварҳои гуногун аз ҷониби ташкилотҳои ҷиноятии фаромиллӣ барои ташкили гурӯҳҳои байналмилалии ҷиноятӣ, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ машғуланд, фаъолона истифода мешаванд. Ин гурӯҳҳо бо ҳамбастагии зиёд ва устуворӣ, ба таъсири мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фарқ карда мешаванд;

4) фарқиятҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои гуногун аз ҷониби шахсони ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) машғулбуда барои таъмини амнияти бештар ҳангоми содир кардани амалҳои ғайриқонунии марбут ба тайёр кардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ, моҳирона истифода мешаванд;

5) ташаккули мегаполисҳои бисёрмиллӣ ҳамчун марказҳои фаъолияти молиявӣ ва тиҷоратӣ, ки дар низоми иқтисодии ҷаҳонӣ нақши калидӣ доранд ва интиқоли маблағҳои назаррасро таъмин мекунанд, барои истифодаи онҳо аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ бо мақсади амалӣ намудани тақаллуби молиявӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ҳаҷми зиёди амалиёти молиявӣ дар чунин мегаполисҳо ошкор ва қатъ кардани фаъолияти ғайриқонунии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро, ки амалҳои худро дар заминаи ҷараёни пулии қонунӣ пинҳон мекунанд, душвор мекунад;

6) паҳншавии технологияҳои пешрафта ва дастрасии онҳо барои амалӣ намудани ҷиноятҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), шароити мусоид фароҳам меорад [8–М].

5. Таҳлили заминаи меъёрӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқномоӣ аз хусусияти махсус доштани ҷиноятҳои вобаста ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар низоми кирдорҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ шаҳодат медиҳад. Ба

сифати самти афзалиятноки ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятие баромад мекунанд, ки ташкил ва фаъолияти устувори гардиши пулро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд – маҳз ҳамин муносибатҳо ҳамчун объекти бевоситаи таҷовузи ҷиноятӣ эътироф мешаванд. Ҳангоми таъсиррасонӣ ба нишони пулӣ муносибатҳои зикршуда зарар мебинанд, ки дар тағйирёбии нақши иҷтимоӣ ва сифати пул, коҳиш ёфтани даромади миллӣ ва инчунин вайрон шудани робитаҳо дар низоми гардиши байналмилалии асъор ифода меёбад [1–М].

6. Дар натиҷаи таҳлили муфассали предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) хулоса бароварда мешавад, ки коғазҳои қиматноки ғайриҳуҷҷатӣ ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад намекунанд. Вобаста ба ин, пешниҳод мегардад, ки қалбакӣ тайёр кардани саҳмияи ғайриҳуҷҷатӣ ҳамчун тайёрӣ ба ҷинояте, ки ҷавобгарӣ барои он дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бандубаст карда шавад [9–М].

7. Барои баҳодиҳии дурусти кирдоре, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд дараҷаи шабеҳияти ҳуҷҷати қалбакӣ бо ҳуҷҷати аслӣ муайян карда шавад. Дар ин ҳолат, асоснок карда шудааст, ки худи тарзи тайёр кардани пулҳои қалбакӣ ё қоғазҳои қиматнок, ба шарте ки сифати тасвир ва мавҷудияти ҳамаи унсурҳои ҳуҷҷат таъмин карда шавад, ба бандубасти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таъсир намерасонад, аммо ҳангоми фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо бояд ба назар гирифта шавад. Дар ҳолатҳои ба таври возеҳ номувофиқатии пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба аслияти онҳо, ҳаракати шахс метавонад тибқи м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда шавад [7–М].

8. Бо дарназардошти тавсифи комплексии аломатҳои тарафи объективии ҷинояти таҳлилшаванда, муаллиф чунин мешуморад, ки кирдор тибқи м. 281 КҶ ҶТ дар он ҳолате хотимаёфта эътироф мешавад, агар он бо тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани ҳадди

ақал як нусхаи коғази қиматноки қалбакӣ ё нишони пулӣ, бо назардошти аломатҳои объективии муқаррарнамудаи таркиб ва хусусияти бандубастнамоии ҷиноятҳои нотамом, алоқаманд бошад. Дар ин ҳолат, ба итмом нарасидани тайёр кардани воҳидҳои минбаъда ба бандубасти ҷиноят ҳамчун ҷинояти хотимаёфта монеъ шуда наметавонад [5–М].

9. Ҳамчун нишонаҳои иловагии таркиби ҷиноят, ангеза, мақсад ва эҳсосот танҳо дар сурате ҳатмӣ дониста мешаванд, ки агар онҳо бевосита бо меъёри дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ нишон дода шуда бошанд. Дар бандубасти ҳаракатҳое, ки бо тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) алоқаманданд, ангеза ва эҳсосот нақши ҳалкунанда надоранд ва танҳо ҳангоми таъин кардани ҷазо ба назар гирифта мешаванд. Аломатҳои зарурии таркиби ҷиноят, ки мавҷуд будани онҳо боиси пайдоиши тарафи субъективии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» мегарданд, гуноҳ ва мақсад мебошанд [6–М].

